ISSN 2074-1847

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

# П А Ё М И
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
## (маҷаллаи илмӣ)

№3/7(214)

# ВЕ С Т Н И К
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## (научный журнал)

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2016

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

Маҷаллаи илмӣ соли 1990 таъсис ёфтааст.
Научный журнал основан в 1990 году.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Абдулазизов В. - зам. гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент
Мухаметов Г.Б. - доктор педагогических наук, профессор
Назаров Р. - доктор философских наук, доцент
Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент
Расулиён К. - доктор исторических наук, доцент
Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент
Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент
Шарипов Ф.Ф. – доктор педагогических наук, доцент
Ходжиматова Г.М. - доктор педагогических наук, и.о. профессора

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Журнал входит в Перечень российских рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки РФ, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук. Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

07.00.00. – Исторические науки и археология
09.00.00. – Философские науки
13.00.00 – Педагогические науки

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016
Вестник Таджикского национального университета, 2016

## ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

# ТЕРРОРИЗМ ВА МАНОФЕИ ИШТИРОКЧИЁНИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Ғ. Мирзоев***
**Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Чунон ки маълум аст, давлатҳо иштирокчиёни асосии муносибатҳои байналмилалӣ ба шумор мераванд, вале бо сабабҳои вазъи иқтисодӣ ва ҳарбиву сиёсӣ на ҳамаи онҳо дар муносибатҳои мазкур баробарвазн буда метавонанд.

Қабл аз ҳама, лозим медонем қайд кунем, ки аз вақти таъсис ёфтани Созмони Милали Муттаҳид давлатҳои аъзои ин созмон ба ду гурӯҳ тақсимбандӣ шуда буданд. Ба гурӯҳи аввал давлатҳои аъзои Шӯрои Амнияти СММ дохил мешаванд ва ба гӯрӯҳи дувум давлатҳои боқимондаи аъзо. Чунин тақсимбандӣ дар асоси омилҳои қудрат ва тавоноии давлатҳо, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ иштирокчиёни фаъол маҳсуб меёфтанд ва ҳоло ҳам ин нақшро бозида истодаанд, амалӣ карда шудаанд.

Масъалаи он ки қудрату тавоноӣ ҳамчун омили ҳалкунанда дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши асосӣ мебозанд, ҳанӯз дар давраи Антиқа мавриди баррасии мутафаккирон қарор дошт. Масалан, яке аз аввалин таърихнигорони давраи мазкур Фукидид қувваву тавоноиро омили ҳалкунандаи муносибатҳои байни шаҳр-давлатҳо маънидод мекард. Дар замони муосир чунин ақидаро намояндагони консепсияи реализм ҷонибдорӣ менамоянд, ки мувофиқи он «давлатҳои қудратманд ҳама он чиро, ки метавонанд, мекунанд, аммо заифон танҳо ҳамон кореро мекунанд, ки қудратмандон ба он имконият медиҳанд» [6]. Аз ин нуқтаи назар, ҳама гуна вазъи муносибатҳои байналмилалӣ, асосан, ба фаъолияти байниҳамдигарии давлатҳои бузурги камшумори қудратманд алоқамандӣ доранд [6].

Масъалае, ки мавзӯи мақоларо аз он оғоз кардем, бахши дигари соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ба шумор меравад, вале он яке аз ҷонибҳои мавзӯи мавриди баррасиро низ рӯшан менамояд.

Бояд гуфт, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ манофеи иштирокчиён нақши калидӣ мебозанд. Дар ин масъала низ, ҳамаи иштирокчиён баробарвазн намебошанд, зеро дар байни онҳо субъектҳое ҳастанд, ки тамоми манотиқи олам ва тамоми мавзӯоти байналмилалиро масъалаҳои алоқаманд ба манофеи худ арзёбӣ мекунанд. Бинобар ин, ҳеҷ як масъалаи хусусияти байналмилалидошта бе иштироки онҳо ҳалли худро намеёбад.

Дар замони «ҷанги сард», ки он баъди хотима ёфтани Ҷанги Дувуми Ҷаҳон оғоз гардида буд, ду идеологияи асосӣ – коммунистӣ ва сармоядорӣ бо тамоми ашколаш олами иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалиро ба ду қутби асосӣ тақсим карда буд. Аз байни ин ду қутб ду иштирокчии асосии муносиботи байналмилалӣ байни ҳамдигар набард мекарданд, ки онҳо Иттифоқи Советӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико буданд. Тамоми кишварҳои дигари олам дар атрофи ин ду иштирокчӣ мустақиман ва ё ғайримустақим муттаҳид мешуданд. Набарди ин ду иштирокчии абарқудрат доирае дошт, ки дар тамоми манотиқи олам нуфуз ва таъсиргузор буд. Дар ҳамин замина манофеи онҳо низ тамоми олам ва тамоми масъалаҳои муносибатҳои байналмилалиро дар бар нагирифта наметавонист.

Минбаъд, бо рушди ҷомеаи башарӣ ва давлатҳои миллӣ, озод гардидан аз мустамлика ва ба даст овардани истиқлолияти миллӣ, теъдоди зиёди кишварҳо, ки дар набарди абарқудратҳо иштирок карданро намехостанд, манофеи миллии худро доштанд, ҳаракати адами инҳиёзро ба вуҷуд оварданд. Ҳаракати мазкур низ, сарфи назар аз он ки чандон таъсири ҳалкунанда надошт, ба иштирокчии нисбатан фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфт.

Ғайр аз ин, дар ин давра иттиҳодҳои гуногуни қитъавӣ ва минтақавӣ ба вуҷуд меомаданд, ки онҳо низ як навъи баҳамойӣ буда, манфиатдор буданд, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ иштирокчӣ ва таъсиргузор бошанд.

Бояд гуфт, ки ҳам кишварҳои аъзои ҳаракати адами инҳиёз ва ҳам иттиҳодҳои қитъавиву минтақавӣ низ, аз ҷониби иштирокчиёни абарқудрати муносибатҳои байналмилалӣ ба тарафи худ кашида мешуданд ва дар ниҳояти амр ба созмондиҳандагони ҳамон ду қутб табдил мееёфтанд. Сабаб дар он буд, ки онҳо бе дастгирӣ ва мусоидати сиёсиву иқтисодии абарқудратҳо ҳастии худро таъмин карда наметавонистанд. Маҷбур буданд ба ин ва ё он қутб бипайванданд.

Иқрор шудан лозим аст, ки дар ин раванд қутби сармоядорӣ тавонотар ва, дар ҳамин замина, ҷаззобтар буд, ки кишварҳои зиёди дунёро ба худ кашида тавонист. Ин қутб дар асоси набарди иқтисодӣ тавонист қудрати тавонои ҳарбӣ ба вуҷуд оварад, ки ба он низоми Шӯравии қудрати таъминкунанда надоштаи ҳам рушди иқтисодӣ ва ҳам ҳарбӣ, дошт дода натавонист ва дар натиҷаи фароҳам омадани шароити мусоиди субъективӣ, ки ба он сиёсати «бозсозӣ»-и Горбачёвро дохил кардан мумкин аст, аз ҳам пош хӯрд.

Ба назари мо, баъди барҳам хӯрдани низоми советӣ давраи тамоман нави таркибии олам арзи вуҷуд кард ва ҳоло дар ҷараёни ташаккулёбӣ қарор дорад. Ин давра, сарфи назар аз он ки, ба мисли пештара, дуқутбаи ба ҳамдигар муқобил нест, вале муносибатҳои байналмилалии пуртазоди он камтар аз пештара низ намебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қутб ба маънии дарбаргирандаи муҳтаво, тадриҷан аз байн рафта истодааст ва дар муносибатҳои байналмилалӣ дигар на қутбҳо, балки иштирокчиёни алоҳида ва нисбатан мустақил ба вуҷуд омада истодаанд. Акнун ин иштирокчиёни алоҳида ва мустақили муносибатҳои байналмилалӣ на дар асоси фишори иродаи ин ва ё он иштирокчии абарқудрат амал мекунанд, балки дар заминаи манофеи кишвару миллаташон дар арсаи байналмилалӣ нақш мебозанд. Масалан, ба ин гуна иштирокчиён Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳинд ва теъдоди зиёди кишварҳои дигарро дохил кардан мумкин аст. Кишварҳои мазкур сиёсати феълии миллӣ дошта, ба онҳо иродаи иштирокчиёни дигари абарқудрати муносиботи байналмилалӣ чандон таъсире надорад.

Ҳоло Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соҳаи иқтисодиёт мақоми дувумро дар олам ишғол менамояд, ки суръати имрӯзаи инкишофаш шояд дар солҳои наздик мақоми аввалро барои ин кишвар таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки дар асоси ҳама гуна муносибатҳои байналмилалӣ моҳияте маҳфуз аст, ки онро манфиат меноманд. Барои он ки мавзӯи мавриди баррасиамонро дуруст таҳқиқ карда тавонем, лозим аст, ки муҳтавои дарбаргирандаи мафҳуми манфиат рӯшан карда шавад. Аз назари муҳаққиқони соҳа, дар зери мафҳуми мазкур манфиатҳои ҳақиқии ҳар як давлати миллӣ, ки ҳимояи онҳо амри ногузир маҳсуб мееёбад ва ҳеҷ як аз тарафҳои иштирокчии муносибатҳои байналмилалӣ онҳоро ба эътибор нагирифта наметавонад ва ба ҳеҷ як аз тарафҳои иштирокчии муносибатҳои байналмилалӣ раво дониста намешавад, ки онҳоро сарфи назар кунад, ифода карда мешавад. Аммо, ба ном манфиатҳое низ вуҷуд доранд, ки онҳо ба манфиатҳои миллии ҳақиқӣ иртибот надоранд, хусусиятҳои субъективӣ, идеологӣ, бузургманишӣ ва амсоли инҳоро доранд. Роҳандозии татбиқи чунин манфиатҳо наметавонанд ба манфиатҳои миллии иштирокчиёни дигари муносибатҳои байналмилалӣ зарар ворид накунанд. Кӯшиш ба роҳандозӣ кардани чунин манфиатҳо ва дар амал татбиқ кардани онҳо муносибатҳои байналмилалиро муташанниҷ ва печдарпечу мураккаб мегардонанд, ки он на танҳо сарфи молиёти беандоза, ба харобот табдил додани кишварҳо, балки рабудани ҷони даҳҳо ва садҳо ҳазор мардуми бегуноҳро низ, дар пай дорад. Чунин манфиатҳоро, мутаассифона, иштирокчиёни абарқудрати муносибатҳои байналмилалӣ ба худ мансуб ва раво медонанд. Таърихи навин мисолҳои зиёд дорад, ки бо ҷурми абарқудратон, ки гӯё манфиатҳои худро ҳимоя мекунанд, теъдоди зиёди кишварҳо ба харобот табдил дода шуданд. Чӣ манфиати миллӣ дошт Иттифоқи Советии абарқудрат дар мудохила ва таҷовузи ҳарбӣ ба Афғонистон? Магар танҳо манфиати идеологӣ набуд? Магар дар Афғонистон, ки то кунун ва на танҳо даҳсолаҳо, балки садсолаҳои минбаъда низ шояд на идеологияи коммунистӣ ва на ашколи мухталифи идеологияи Ғарбро напазирад, зӯран бор

кардани арзишҳои бегона имконпазир буд? Албатта, ҷавоб манфист, ки онро дахолат, таҷовуз ва ба мағлубият расидани ду абарқудрат рӯшан нишон дод. Ҳар коре, ки абарқудратон карданд, натиҷааш аз он иборат буд, ки Афғонистон на танҳо ба харобазор табдил ёфт, балки яке аз марказҳои ташаккули қувваҳои носолими муборизабаранда, ҷанганда бар зидди абарқудратон гардид. Маркази ташаккули қувваҳое гардид, ки онҳоро тавассути мафҳуми терроризм ифода менамоянд.

Дар замони муосир терроризм хусусияти байналмилалӣ гирифт, ки он низ худ аз худ ба вуҷуд наомадааст, балки муборизаҳои байниҳамдигарии иштирокчиёни абарқудрати байналмилалӣ онро ба вуҷуд овардаанд. Масалан, ал-Қоида ҳаракате буд, ки ба муқобили қувваҳои мусаллаҳи советӣ меҷангид. Ин ҳаракат яке аз тарафҳои муқобили советӣ буда, бо силоҳи муосиртарин муҷаҳҳаз карда мешуд. ИҶШС дар Афғонистон муваффақ нашуд, шикаст хӯрд. Талафоти беандозаи ҳам молиётӣ, ҳам техникӣ ва ҳам ҷонӣ дод. Иқтисодиёти советӣ сол то сол заиф мегардид. Дар натиҷа хоки Афғонистонро тарк кард. Зарари иқтисодии ИҶШС дар таҷовуз ба Афғонистон расида ва мағлубият дар он яке аз омилҳои асосии ба нестӣ омадани он низ гардид. Дар он давра ҳаракати Ал-Қоида созмони террористӣ эълон нашуда буд, балки он дар қатори ҷангандагон ба муқобили давлати таҷовузгар муаррифӣ мегардид. Баъд аз мағлубияти Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба нестӣ омадани он, Ал-Қоида ба муқобили Амрико ҷанг эълон кард ва ҳуҷуми 11 сентябри соли 2001 роҳандозишуда яке аз даҳшатовартарин ҳуҷуми террористии он ба муқобили Амрико буд. Чаро ал-Қоида ба ин амал даст зад? Манфиати он дар чӣ буд? Барои ба ин саволҳо ҷавоб додан, лозим аст қайд кунем, ки манфиати на танҳо ҳаракати ал-Қоида, балки тамоми ҳаракатҳои исломӣ, аз ҷумла ҳаракати «Толибон», «Ихвонул-муслимин», «Ҳамос», «Давлати исломӣ» ва ғайра, пеш аз ҳама, манфиати идеологии такякунанда ба дин ва шариати ислом ба шумор меравад. Сарфи назар аз он ки эълон карда мешавад, ё эълон карда намешавад, ҳадафи асосии ҳамаи ин ҳаракату созмонҳо ба муқобили арзишҳои ҳам Ғарб ва ҳам Шарқи дунявӣ равона карда шудаанд, ки дар натиҷаи пирӯзӣ давлати қудратманди исломӣ барпо намуда, меъёрҳои ҳуқуқии шариати исломиро роҳандозӣ намоянд. Яъне, бархӯрд на танҳо ба манфиатҳои иқтисодӣ, балки, бештар ба манфиатҳои идеологӣ, ба манфиатҳои тамаддунӣ иртибот дорад.

Бояд қайд кард, ки ҳама гуна ҳаракат ва созмонҳои террористӣ ва махсусан терроризми байналмилалӣ, аз тазод ва набарди байниҳамдигарии иштирокчиёни абарқудрати муносибатҳои байналмилалӣ истифода мекунад ва намояндагони худро бо аслиҳаи муосир муҷаҳҳаз менамояд. Давлатҳои абарқудрат барои амалӣ кардани манфиатҳои худ аз ҳаракатҳову созмонҳои террористӣ истифода мекунанд ва онҳоро маблағгузорӣ низ менамоянд. Дар ҳамин замина яке аз муҳаққиқони маъруфи англиси замони муосир Брайан Ҷенкинс терроризми байналмилалиро «навъи нави моҷаро» маънидод кардааст [4].

Яке аз сабабҳои дигари пайдоиш ва ташаккули терроризми байналмилалӣ таҷовузи қудратҳо ба давлатҳои мустақил ба шумор меравад. Чунин таҷовузро бо он асоснок карданӣ мешаванд, ки гӯё дар кишвари мавриди таҷовуз тартиботи худкома ё томраво амал мекунад, ҳуқуқи инсон поймол карда мешавад, сардорони ин гуна кишварҳо аз маслиҳати абарқудратон саркашӣ мекунанд ва ғайра.

Дуруст аст, ки дар олам давлатҳои тартиботи худкома ва томраво хеле зиёданд, ҳуқуқи инсон дар ҳамаи онҳо кам ё зиёд вайрон карда мешаванд, вале, ҳатто давлатҳои мутлақияти том, ки хосси талаботи замони муосир нестанд, аммо чунин давлатҳо вуҷуд доранд ва азбаски бо маслиҳати давлати абарқудрати тавоно амал мекунанд, дар бораи вайрон кардани ҳуқуқи инсон дар онҳо касе чизе намегӯяд. Аммо давлатҳои тартиботи худкомаи дигар, ки сиёсати мустақил гузарониданӣ мешаванд, маслиҳати давлатҳои абарқудратро намегиранд, бо ҳар баҳона мавриди таҷовуз қарор мегиранд ва ба харобот табдил дода мешаванд. Ироқ, Либия ва ҳоло Сурия аз ҳамин қабил давлатҳо ба шумор мераванд, ки ба харобазор табдил ёфтаанд,

мардумашон бехонумон, фирорӣ, тифлон, занону пиронсолон дар шароити тоқатфарсо умр ба сар мебаранд.

Вайрон шудани Ироқу Либия ба он оварда расонидааст, ки аскарону афсарони тартиботи сиёсии пешинаи онҳо ба Давлати исломӣ пайваста, қувваи меҳварии ин созмони террористии байналмилалиро ташкил кардаанд.

Ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ эътироф мекунанд, ки амният тақсимнопазир аст, терроризмро ҳеҷ як аз тарафҳо пазиро нест. Вале, азбаски манфиатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҳама якҷоя ба муқобили терроризм мубориза намебаранд. Масалан, чунин манзарро дар мубориза ба муқобили Давлати исломӣ дар Сурия рӯшан мушоҳида кардан мумкин аст.

Масъалаи меҳварии якҷоя мубориза набурдан аз он иборат аст, ки ду кишвари абарқудрат манфиатҳои сиёсиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. ИМА манфиатдор аст, ки президенти қонунии ин кишвар аз қудрат равад, аммо Россия масъалаи рафтан ё нарафтани президентро ба гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ ва ихтиёри мардуми Сурия алоқаманд мекунад.

Хулоса, манфиатҳо ва танҳо манфиатҳои сиёсӣ, ки албата, дар пайомади худ манофеи дигарро низ дар назар доранд, намегузоранд, то ба муқобили терроризм дастҷамъона мубориза оғоз гардад.

СММ зиёда аз 10 конвенсияҳои байналмилалӣ қабул кардааст, ки ҳамаи онҳо барои мубориза ба муқобили ашколи гуногуни терроризм равона карда шудаанд, вале натиҷаҳои чунин мубориза чандон самаранок нест. Ягона иллати самаранок набудани муборизаҳо низ, аз тафовут дар манфиатҳо иборат аст, вагарна на танҳо нест кардани терроризм, балки заминаи ба вуҷуд омадани он низ ба куллӣ нест шуданаш мумкин аст.

Агар он садҳо миллиард доллари амрикоӣ, ки барои ҷангидан дар Афғонистон, Ироқ, Либия ва манотиқи дигари олам сарф шуданд ва сарф шуда истодаанд, ба амали мубориза бар зидди терроризм сарф карда шаванд, дар рӯйи замин аз терроризм осоре ҳам намемонад. Тавассути маблағҳои мазкур иқтисодиёти теъдоди зиёди кишварҳои ҷаҳонро рушд бахшидан мумкин аст, аксарияти мардумони ҷаҳонро аз сатҳи камбизоатӣ баровардан мумкин аст ва, дар ҳамин замина, дар кишварҳои зиёд низоми ҳақиқатан демократӣ, яъне низоми муосири давлатдорӣ низ ба вуҷуд овардан мумкин аст. Барои ин, - менависад профессори факултети муносибатҳои байналмилалии Университети давлатии Белоруссия А. Челядинский, - «… ягона кафолати амнияти умумӣ метавонад иродаи ихлосмандонаи одамон, таҳқиқи сабабҳои арзи вуҷуд кардани терроризм, решаҳои иҷтимоии он бошад, вале ин дар он сурат имконпазир мегардад, ки агар одамон аз мавҷуди оқил ба мавҷуди тамаддунӣ табдил ёбанд» [5].

## АДАБИЁТ


1. Большой юридический словарь / Под ред. А. Я. Сухарева, В. Е. Крутских. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2001. – 704 с.
2. Дипломатический словарь. – Москва: Наука, 1986. -Т. 3. – 752 с.
3. Международное право: Учебник; Отв. ред. Ю. М. Колесов, Э. С. Кривчикова. – М.: Междунар. отношения, 2000. – 720 с.
4. [Электронный ресурс].https: //ru. wikipedia. org/ wiki/ Международный терроризм
5. [Электронный ресурс]. http:// evolutio. info/ content/ view/ 458/ 52/
6. Цыганков П. А. Акторы и факторы в международных отношениях и мировой политике / П. А. Цыганков. [Электронный ресурс]. https//www/gjjgle/com


## ТЕРРОРИЗМ И ИНТЕРЕСЫ УЧАСТНИКОВ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Государства являются основными участниками международных отношений, но не все они, в силу своего экономического и военно-политического положения, могут быть равносильными участниками этих отношений. В решении международных проблем важное место занимают интересы основных участников международных отношений.

Международный терроризм и его интенсивное распространение, а также его успехи, во многом зависят от того, что интересы основных игроков международных отношений разняться и, в силу этого, они не могут договариваться и вести объединенную борьбу против искоренения этого страшного явления

современного мира. Терроризм можно победить лишь тогда, когда политическое руководство основных игроков международных отношений будут действовать, не только разумно, но и совершенно цивилизованно.

**Ключевые слова**: Равносильные, неравносильные участники, подлинный, субъективный, гегемонистский, противоположность, интересов, использование терроризма в своих интересах, полярность уходит в историю, возникновение новой реальности, независимое поведение, поражение терроризма, консолидация, переход от разумности к цивилизованности.

**TERRORISM AND INTERESTS OF PARTICIPANTS OF INTERNATIONAL RELATIONS**

States are the main participants of international relations, but not all of them, by virtue of their economic and military-political conditions, can amount to participants of these relations. In resolving international issues the interests of the main participants of international relations preoccupy an important stance.

International terrorism and its intensive proliferation, as well as its success, largely depends on differences of interests of the major parties of international relations, and because of this, they can not to come to an agreement and conduct a joint counter actions to eradicate this terrible phenomenon of the contemporary world. The Terrorism can be defeated only when the political leadership of the major parties of international relations will act not only reasonably but also quite civilized.

**Key words**: Equivalent, nonequivalent participants, genuine, subjective, hegemonic interests, conflict of interests, the use of terrorism for own interests, polarity vanishes to the history, the emergence of new reality, independent behavior, the defeat of terrorism, consolidation, transition from reasonableness to civility.

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Гуломжон*** –доцент кафедры гуманитарных дисциплин Финансово-экономического института Таджикистана. Телефон: **907-50-49-89**. E-mail: **mirzoev.gulomjon@mail.ru**

# ТЕНДЕНЦИЯ РАЗВИТИЯ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ШОС НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

***М. Содиков, Суруш Аловидинпури Дороби***
**Финансово - экономический институт Таджикистана**

В процессе формирования внешнеполитического курса Республики Таджикистан одним из таких приоритетов является двустороннее взаимодействие по линии Таджикистан – Шанхайская организация сотрудничества (ШОС). Актуальность сотрудничества Таджикистана с ШОС объясняется целым рядом причин. Одной из основных, несомненно, является изменившаяся картина миропорядка. Уход СССР с политической арены, коллапс биполярной системы, создание ряда новых государств и, следовательно, появление новых проблем – все это вместе взятое заставило многие страны искать утерянный баланс в новых условиях коллективной безопасности и экономического сотрудничества в так называемых региональных объединениях.[1]

В условиях развития международных экономических отношения интеграционные процессы становятся движущей силой повышения экономического роста субъектов мирового хозяйства. Одним из важнейших инструментов региональной интеграции выступает Шанхайская Организация Сотрудничества. Свою историю Шанхайская организация сотрудничества ведет с 1996 года. 26 апреля 1996 года главы России, Китая, Казахстана, Киргизии и Таджикистана встретились в Шанхае с целью выработать единую позицию по всему спектру проблем регионального сотрудничества, а также укрепления мер доверия в военной области. Общая площадь государств-членов ШОС равняется около 30,189 миллиона квадратных километров, что составляет 3/5 площади Евразии, а население-1,6 миллиарда человек, что составляет 1/4 всего населения земного шара.[2]

ШОС уже стала авторитетным объединением, весомым фактором формирования новой полицентричной системы мироустройства. Деятельность Организации характеризуется осязаемыми результатами в обеспечении безопасности, укреплении многопланового политического, экономического и гуманитарного сотрудничества стран-участниц.

Сегодня сотрудничество в рамках ШОС охватывает области энергетики, транспорта, сельского хозяйства, телекоммуникаций и многие другие отрасли экономики. Широко

взаимодействуют входящие в нее страны и в научно-технической, культурной, образовательной, туристической и гуманитарной сферах.

В последнее время деятельность Шанхайской организации сотрудничества привлекает все большее внимание мировых общественно-политических кругов и международных организаций. Это свидетельствует о том, что ШОС из консультативной структуры постепенно превратилась в одно из авторитетных региональных объединений, готовое решать широкий круг международных проблем. На современном этапе безопасность на пространстве ШОС обуславливается общей геополитической обстановкой вокруг Центральноазиатского региона.

Неизмененным приоритетам ШОС останется обеспечение региональной безопасности. В ряду первоочередных задач наращивание возможностей совместной борьбы с терроризмом, экстремизмом, незаконным оборотам наркотиков, особенно на фоне деградирующей ситуации в Афганистане. Речь, в частности,идет об укреплении потенциала Региональной антитеррористической структуры ШОС,реализации Антинаркотической стратегии, регулярном проведении контртер-рористических тренировок .Состоявшиеся 24-29 августа в Китае очередной учения ШОС «Мирная миссия-2004» подтвердили высокую готовность государств-членов к парированию возникающих угроз.

Следует отметить, что как следствие, повышается роль ШОС в мировых и региональных делах, что обуславливает рост интереса к ней со стороны многих государств и международных организаций. Пакистан, Индия, Иран заявили о стремлении стать полноправными членами ШОС, все больше стран обрушаются за получением статуса наблюдателя или партнера по диалогу.

Осознавая, что современные вызовы носят комплексный, взаимосвязанный характер, страны-участницы организации будут выступать за осуществление в ШОС скоординированных шагов в сфере экономической, финансовой, энергетической и продовольственной безопасности.

Благодаря тесному сотрудничеству в рамках ШОС, экономические показатели государств-членов ШОС становятся все лучше, постоянно увеличиваются темпы ростов ВВП, благодаря Фонду развития ШОС, инвестиции в государства-члены ШОС увеличиваются все больше.

Еще одна проблема, которая требует незамедлительных решений это приграничные конфликты. Для Таджикистана приграничные конфликты на протяжении всего периода независимости является серьёзной головной болью. По мнению экспертов, на сегодняшний день наша страна имеет спорные вопросы на границах почти со всеми своими соседями. Из бывших советских республик непосредственными соседями Таджикистана являются Узбекистан и Киргизистан. Печально, что отношения между тремя постсоветскими соседями складывается не самим лучшим образом. Площадка ШОС предоставляет неплохую возможность для ревизии этих отношений.

В свою очередь директор Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан ХудобердиХоликназаров сказал в интервью корреспонденту, что «План многостороннего торгово-экономического сотрудничества государств-членов ШОС», предложенный ШОС, существенно углубил практическое взаимовыгодное сотрудничество между государствами-членами организации. Неважно, в какой сферебудь то борьба с терроризмом или экономическое сотрудничество, ШОС играет позитивную и высокоэффективную роль, помогает Таджикистану решить два важных стратегических вопроса; обеспечение энергетической безопасности и прекращение внутренней блокировки трафика.

Следует также отметить, что ШОС с целью укрепление торговые отношение и развития бизнеса выступает за осуществление скоординированных шагов. Государственное унитарное предприятие «Таджикская алюминиевая компания»(TALCO) и китайская компания General NiceInvestment Company подписали соглашение о

строительстве предприятие по производству катодных блоков. Документ подписан в рамках бизнес-форум Шанхайской организации сотрудничества проходящего в Душанбе.

Новый завод будет производить три вида продукции два вида блоков и холодное масло. Стоимость проекта составляет 30 млн. долларов, мощность завода, который будет располагаться в двух местах в Раштской долине и непосредственно в городе Турсунзаде, составит 50 тыс. тонн продукции в год.[3]

В прошлом году председатель КНР Си Цзиньпин в ходе визита в страны Центральной Азии выдвинул концепцию о создании Китаем и приграничными государствами и регионами «экономического пояса Шелкового пути». Ли Хуэйотметил, что стратегическая концепция «экономического пояса Шелкового пути», выдвинутая председателем КНР Си Цзиньпином, была встречено с большим вниманием и одобрением многим и странами, в особенности некоторыми государствами Западной и Центральной Азии, а также Россией, Афганистаном и другими странами.

Нужно отметить, что древний Шелковый путь проходил по нынешним территориям всех стран-членов ШОС и ее пяти стран-наблюдателей. «Поэтому на нас лежит ответственность наследования духа Великого шелкового пути, его дальнейшего развития, создания благ для каждой страны и каждого народа, проживающего вдоль него», добавил он. Ли Хуэй рассказал, что российская сторона считает важной инициативу Китая по формированию «экономического пояса Шелкового пути», поэтому стороны продолжат поиск путей возможного сопряжения проекта «экономического пояса Шелкового пути» и создаваемого ЕЭС. Мы хотим укреплять контакты икоординацию с Россией и всеми государствами Центральной Азии, совместными усилиями превратить создание экономического пояса Шелкового пути в классический образец сотрудничества, выгодного двум или даже многим сторонам.

Кроме того, Китай окажет странам-участникам ШОС кредитную поддержку в 5 миллиардов долларов для осуществления совместных проектов, об этом заявил председатель КНР Си Цзиньпин.

«В целях укрепления сотрудничества китайская сторона решила предоставить государствам-членам ШОС кредит на сумму 5 миллиардов долларов США для финансирования совместных проектов», сказал он.

Говоря о создании Фонда экономического сотрудничества «Китай-Евразия»,Цзиньпин отметил, что его первоначальный капитал составляет 1 миллиард долларов, но в дальнейшем будет увеличен до 5 миллиардов долларов.[4]

Не случайно на последних саммитах ШОС лидеры наших стран ставят задачу «подтягивания» экономической составляющей, использования тех возможностей, которые заключены в этой Организации. Китай, скажем, обладает огромным финансовым, инвестиционным и научно-технологическим потенциалом, а также является крупнейшим в мире потребителем сырьевых и прежде всего энергетических ресурсов. Россия известна своими индустриальными возможностями, научными разработками, гигантскими залежами полезных ископаемых. Государства Центральной Азии, будучи связующим звеном между Европой и Азией, способны обеспечить транзит российских и китайских грузов по своей территории. Кроме того, Казахстан и Узбекистан играют важную роль как экспортеры углеводородов, а Киргизия и Таджикистан экспортируют электроэнергию. Большие перспективы имеет межрегиональное и приграничное сотрудничество стран-членов ШОС. Все это служит основой для развития многостороннего экономического взаимодействия, цель которого – обеспечение всеобщего устойчивого развития и процветания, создание социально-экономических гарантий безопасности и стабильности, улучшение жизни людей - граждан наших стран.

Таким образом, можно сделать вывод о том, что в тесном взаимодействии с партнерами нам удастся придать новую динамику процессу поступательного развития ШОС и дальнейшего повышения ее роли в деле обеспечения мира и процветания в регионе. Для РТ вхождение в ШОС является открытием новых перспективных

направлений в сфере обеспечения экономической, политической и энергетической безопасности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Солиходжаева С.А. Историография сотрудничества Республики Таджикистан с Шанхайской организацией сотрудничества // Вестник ТГУПБП. 2016. №3 (68).
2. Официальный сайт Шанхайской организации сотрудничества //http:www.SCD
3. ASIA-PLUS №69 (952) 11.09.2014
4. Народная газета №39(19957) 17 сентября 2014 г


**ТЕНДЕНЦИЯ РАЗВИТИЯ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ШОС НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ**


В статье рассмотрены вопросы сотрудничества государств-членов ШОС, выделяются и описываются характерные особенности взаимоотношения с РТ и динамика ее развития в ближайшие годы. В тесном взаимодействии с партнерами республике удастся придать новую динамику процессу поступательного развития ШОС и дальнейшего повышения ее роли в деле обеспечения мира и процветания в регионе. Для Республики Таджикистан вхождение в ШОС является открытием новых перспективных направлений в сфере обеспечения экономической, политической и энергетической безопасности.



**Ключевые слова:** ШОС, интеграционные процессы, региональная безопасность, экономическая безопасность, Центральная Азия.


**TREND OF RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND SCO TODAY**


The article discusses issues of cooperation between the SCO member states, selected and described the characteristics of the relationship with the Republic of Tajikistan and the dynamics of its development in the coming years. In close cooperation with the partners of the Republic will be able to give a new impetus to the progressive development of the SCO and to further enhance its role in promoting peace and prosperity in the region. For the Republic of Tajikistan in the SCO is entering the discovery of promising new directions in the field of economic, political and energy security.



**Keywords:** SCO, integration processes, regional security, economic security, Central Asia.



**Сведения об авторах :** ***М. Содиков*** **-** кандидат экономических наук, доцент, Финансово - экономический институт Таджикистана

***Суруши Аловидинпури Дороби*** – аспирант кафедры международных отношений Таджикского национального университета


# МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ТАҲКИМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ НАВИН


***Б. П. Ализода***

**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**


Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон новобаста ба вазъи мураккаби сиёсии ҷомеа, дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта барои рушду такомули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ шароити мусоид фароҳам омад. Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад» [2, 23].

Дар давраи вазъи мураккаби сиёсӣ, баъд аз доир гардидани Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 барои таҳкими ҳокимияти давлатию низоми идоракунии кишвар, муайян намудани самти инкишофи ҷомеа дар солҳои минбаъда ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди

ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд омад.

Сардори давлат вобаста ба рушду таҳкими хизмати давлатӣ дар замони истиқлол дуруст қайд намудааст: «Хизмати давлатии навини Тоҷикистон зодаи замони истиқлолият мебошад, ки дар шароити басо ногувори таърихи миллат оғоз гардида, марҳила ба марҳила нумӯ ёфт» [8, 3].

Воқеан, ташаккули хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо равандҳои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ташаккули низоми нави сиёсӣ, рушди иқтисоди миллӣ, ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо робитаи ногусастанӣ дорад.

Истиқлолияти давлатӣ эҳё ва мабдаи рушду такомули арзишҳои олии миллӣ мебошад. Чуноне ки Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ қайд менамояд: “Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва ташаккули таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувият ва шарти бақои миллат ва пойдории давлат мебошанд. Гузашта аз ин, истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ, замонати ҳастии воқеӣ ва шарофату эътибори ҷаҳонии миллат аст” [10, 28 ].

Ташаккул ва таҳкими хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол якчанд марҳиларо дар бар мегирад:

Дар марҳилаи аввали ташаккули хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сентябри соли 1991 то ноябри соли 1992 муҳимтарин санад – Санади истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 қабул гардида, асоси сохтори нави давлати соҳибистиқлол гузошта шуд.

Дар марҳилаи дуюми ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, ки аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) ибтидо гирифта, то ноябри соли 1994-ро дар бар мегирад, шикасти минбаъдаи пояҳои давлатдории мо боздошта шуд ва институтҳои сиёсии давлат аз нав барқарору устувор гардида, фаъолияти пурсамари онҳо ба роҳ монда шуд [5, 45].

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 барои бунёди низоми нави давлатдорӣ ва ба марҳилаи сеюми ташаккули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ оғоз бахшид.

Дар ин марҳила 13 ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул шуд, ки амалан системаи хизмати давлатии миллии Тоҷикистони соҳибистиқлоро поягузорӣ намуд.

Дар ҳамин давра “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” ба имзо расид, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошта, ба бунёдкорию созандагӣ, ислоҳоти системаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ роҳи васеъ кушода гардид.

Хизмати давлатӣ бояд ба татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ фарҳангии давлат, таъмини муътадили вазъи сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа нигаронида шуда бошад, рушди устувори иқтисодии давлатро таъмин карда тавонад.

Вабаста ба ин, барои таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии ҷавобгӯ ба ниёзҳои давлати соҳибистиқлол тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Пеш аз ҳама, бо мақсади ташаккули заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар кишварамон моҳи ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул гардид [4, №22]. Ин қонун барои ташаккул ва инкишофи минбаъдаи хизмати давлатии касбӣ дар кишварамон замина ба вуҷуд овард. Бо мақсади такомул ва ба стандарти ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани хизмати давлатии шаҳрвандӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2001 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки воқеан сохтори нав дар давлатдориамон мебошад. Зарурат ва сабаби ташкил намудани сохтори нав - Раёсати

хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат буд, ки самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, малакаю маҳорати касбӣ ва салоҳиятнокии касбии онҳо ташаккул дода шавад, то онҳо дар шароити имрӯзаи инкишофи ҷомеа саҳми бештаре дошта бошанд ва самарабахшии идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро таъмин карда тавонанд.

Пешрафти ҷомеа ва амалияи давлатдорӣ нишон доданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматӣ давлатӣ» талаботи имрӯзаи мақомоти давлатиро қонеъ карда наметавонад. Аз ин хотир, бо ташаббуси мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ - Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳрири нави қонун гурӯҳи корӣ ташкил дода шуд ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав моҳи марти соли 2005 [4, №3 ] ба тасвиб расида, мавриди амал қарор дода шуд.

Хизмати давлатӣ дар таҷрибаи амалӣ ба Қонуни мазкур такя намуда, камбудиҳои соҳаро ошкор кард ва зарурати такмили институти хизмати давлатиро вобаста ба мушкилоти замони гузариш, таҳкими имконоти онро ҷиҳати ба равандҳои иҷтимоӣ расонидани таъсири мақсаднок ва танзимкунанда ба миён овард, ки дар марҳилаҳои баъдӣ он амалӣ гардид. Марҳилаи чоруми ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ моҳи сентябри соли 1999 шурӯъ гардид. Бо роҳи раъйпурсӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо дохил карда шуд, ки ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа нигаронида шуда буданд. Мувофиқи ин тағйирот дар Тоҷикистон ба бунёди парламенти касбии доимоамалкунандаи дупалатагӣ асос гузошта шуд. Ташкили парламенти касбӣ дар таҳкими давлатдории тоҷикон воқеаи муҳим ба шумор меравад [5, 47].

Таҷриба нишон дод, ки мушкилоти асосӣ дар роҳи рушди низоми хизмати давлатии Тоҷикистон риоя нагардидани принсипҳои давраи гузариш ҳангоми таҷдиди сохтори низоми идоракунии давлатӣ ва аз шаклҳои куҳнаи идора ба шаклҳои нав гузаштан буд. Зимни тағйироти сохторӣ ба тайёр намудани кадрҳои идоракунӣ таваҷҷуҳи лозима дода намешуд, низоми ҳавасмандии хизматчиёни давлатӣ, системаи музди кор тағйироти ҷиддиро талаб мекард. Аз ин сабаб мутахассисони варзида аз хизмати давлатӣ ба сохторҳои дигар мерафтанд.

Бо мақсади таҳкими институти хизмати давлатӣ, Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз бештар аз 100 санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбути рушду такомули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро таҳия ва пешниҳод намудааст, ки аз ҷониби Сардори давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, мавриди амал қарор гирифтанд. Тадбирҳои мазкур ба таҳкими низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар кишварамон мусоидат намуданд.

Дар ин давра Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2007 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон», аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» қабул гардиданд.

Мақсади асосии қабули Консепсияи мазкур, татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», тақвияти рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, инчунин барои беҳбудии раванди ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ин тағйироти муҳим ба марҳилаи панҷуми ташаккул ва ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Тоҷикистон ибтидо гузоштанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 зарурати таҳияи лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи хизмати давлатӣ», ки ба стандарти муосири хизмати давлатӣ мутобиқат мекунад, таъкид намуд [6, 2006].

Дар замони истиқлол бо мақсади рушду такомули хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соли 2007, 2010 ва 2011 се маротиба тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд [1, 13-26]. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми ҷолиб сохтани хизмати давлатӣ, ҷалби ҷавонон ва дар маҷмӯъ, рақобатпазир сохтани соҳа, такмили низоми ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ мебошад.Яке аз роҳҳои самараноки ҷалб намудани шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ва дар маҷмӯъ, баланд бардоштани ҷолибияти хизмати давлатӣ, ин зиёд намудани музди маоши мансабӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин самт аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муассир андешида мешавад.

Бо мақсади таъмини пайдарҳамӣ ва муассирии ҷараёни ислоҳот, тақвияти самтҳои ҳамоҳангшуда барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, инчунин бо мақсади иҷрои чораҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили системаи идоракунии давлатӣ Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 тасдиқ гардид. Санади мазкур ҳуҷҷати заминавие мебошад, ки нақшаи фаъолияти давлатро доир ба ислоҳоти идоракунии давлатӣ то соли 2015 муайян менамояд.

Баъд аз қабули Стратегияи ислоҳоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати навбатии барои рушди хизмати давлатӣ мусоидаткунанда, ин Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 тасдиқ гардидааст.

Бо мақсади амалӣ намудани ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон ва фароҳам овардани шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи хизмати давлатии касбӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Мақсад ва вазифаҳои Барномаи ислоҳоти хизмати давлатӣ иҷрои давра ба давра ва муттасили Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди таъминоти захиравии хизмати давлатӣ ва мақоми ваколатдори ба он ҳисоб меравад. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби масъулони вазифадоршуда, бо назардошти таҷрибаи андӯхта ва таҷрибаи давлатҳои дар ин самт пешрафта таҳия гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи банди 2 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 Барномаи татбиқи Консепсия сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 -2016 таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 тасдиқ шуд. Санади мазкур механизмҳои татбиқ, марҳилаҳои татбиқ, иҷрокунандагон, банақшагирии номгӯйи чорабиниҳо ва инчунин системаи ташкили мониторингу назорати иҷрои Консепсияро муайян менамояд.

Сол то сол шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа зиёд шуда, меъёру тартибҳои нав қабул мешаванд. Танҳо соли 2011 бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, бори аввал мавриди иҷро қарор гирифтанд. Марҳила ба марҳила гузаштан ба «Ҳукумати электронӣ» дар мақомоти давлатӣ ба баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо, истифодаи низоми гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, сода ва муносиб сохтани қоидаҳои дохилӣ ва берунаи фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар Ҳукумати мамлакат ба наздикӣ «Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ»-ро қабул намуд. Ин имкон медиҳад, ки номгӯйи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сари вақт ва бо сифат дастрас гардида, зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия тадриҷан аз байн бурда шаванд. Дар баробари ин, муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад» [7, 20.04.12].

Дар заминаи ин пешравиҳо низоми хизмати давлатии Тоҷикистон минбаъд ҳам рушду такомул хоҳад ёфт. Ба ин мақсад таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ва такмили санадҳои амалкунанда пешбинӣ мешавад.

Имрӯз вазифа ва мақсади асосии хизмати давлатӣ дар ҳаёт татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, густариши робита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар ин самт хизматчиёни давлатӣ рисолати худро содиқона анҷом медиҳанд. Дар баробари дастовардҳо қайд кардан бамаврид аст, ки имрӯз соҳаи хизмати давлатӣ проблемаҳои зиёди ҳалталаб низ дорад. Амалияи давлатдории кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки амалисозии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии давлат дар назди ҷомеа ба салоҳиятнокӣ, донишу малакаи касбии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Яъне, дар хизмати давлатӣ чи қадар хизматчиёни давлатӣ дорои донишу малака, маҳорат ва салоҳиятнокии касбӣ бошанд, ҳамон қадар фаъолияти хизматии онҳо самарабахш гардида, рушди ҳаматарафаю устувори давлат таъмин карда мешавад.

Аз ин хотир, мо бояд низоми муайяни хизмати давлатиро ташкил диҳем, ки он аз ҳар гуна нуфуз ва таъсири беруна озод бошад. Ба хизмати давлатӣ ашхоси поквиҷдону мутахассисони варзидаи дорои маънавиёти баланд ва салоҳиятнокии касбӣ ҷалб карда шаванд, то онҳо ба манфиати халқу ватан хизмат карда тавонанд.

Ташкили шароит барои тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, таҳияи барномаҳои таълимӣ барои курсҳои махсуси такмили ихтисоси кормандони хадамоти кадрӣ бо мақсади аз ҳисоби онҳо тайёр намудани менеҷерҳои касбӣ оид ба идоракунии ҳайат, ташкили дарсҳои кушод, вохӯрию маҷлисҳо барои донишҷӯёну хонандагон дар мавзӯъҳои хизмати давлатӣ, одоб ва имиҷи хизматчиёни давлатӣ тадбирҳое мебошанд, ки ба самаранокии фаъолият ва ҷалби бештари ҷавонони омодашуда мусоидат менамоянд.

Рушди касбӣ ва таҳсили хизматчиёни давлатӣ самти афзалиятноки системаи идоракунии захираи инсонӣ мебошад. Ҳар сол дар факултети азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 1500 нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд, ки истифодаи усулҳои муосири фаъоли таълим дар рушди захираҳои инсонии онҳо нақши муҳим мебозанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани неруи зеҳнӣ ва ақлонии хизматчиёни давлатӣ, инкишофи сармояи инсонӣ ва захираҳоии инсонии хизматчиёни давлатӣ ташкили фақат курсҳои такмили ихтисос кифоя нест.

Барои афзоиши сармояи инсонӣ ва такмили неруи зеҳнию ақлонию, салоҳиятнокии касбии хизматчиёни давлатӣ чунин маркази таълимию фарҳангие лозим аст, ки мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи баланди касбӣ тайёр карда шаванд. Ҳамчунин мутахассисоне, ки имрӯз дар мақомоти марказӣ, маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаъолият мекунанд ва аксарияти онҳо ихтисоси омӯзгорӣ доранду аз нозукиҳои илми идоракунии муосир огоҳии камтар доранд, курсҳои азнавтайёркунии касбиро хатм карда, донишу маҳорати касбии худро ба талаботи замон мутобиқ гардонанд. Мо дар самти тайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ аз аксари давлатҳои пасошӯравӣ ақиб

мондаем ва бояд оид ба ин масъалаи муҳимми аҳамияти стратегидошта чораҳои мушаххас андешем. Ташкили Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди таҳсили донишҷӯён дар он аз 7 январи соли 2014 оғоз гардид, қадами боэътимод дар ҳалли ин мушкилот мебошад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки хизмати давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар мушкилтарин давраи нооромиҳо дар кишвар ва мавҷудияти мушкилоти фаровон дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон ба вуҷуд омада, марҳила ба марҳила ташаккул ва такомул ёфтааст.

## АДАБИЁТ


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1998. -№11. -С.13-26.
2. Бунёди давлатдории навин. -Москва: Радуниса, 2002. - 416с.
3. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эҷод, 2004. -85с.
4. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонунҳо. Дар бораи хизмати давлатӣ: дар таҳрири нав [аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №233 аз 5 марти соли 2007 қабул шудааст]. -нашри 2 / Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. -Душанбе: Эҷод, 2012. - 414 с.(Қонуни амалкунанда).
5. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.Ҷ. Қосимов, Ҳ. Нуриддинов, Қ. Искандаров, Б. П. Ализода. Нашри аввал.- Душанбе: Офсет, 2012.-168с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20 апрели соли 2006. -Душанбе, 2006.-56с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012. -Душанбе, 2012. -62 с.
8. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. -Душанбе: Эҷод, 2009. - 427 с.
9. Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 тасдиқ гардидааст.
10. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006.-228 с.


### ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И УКРЕПЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ И ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ


В статье анализируются вопросы укрепления государственного управления и государственной службы Республики Таджикистан в годы независимости. В ней рассмотрены этапы становлении и развития государственного управления и государственной службы, отмечая ее поэтапное укрепление.

В статье указана необходимость принятия законодательных мер касающихся государственного управления и создания уполномоченного органа государственной службы Республики Таджикистан как важные этапы укрепления государственного управления и государственной службы в стране.



**Ключевые слова:** государственная независимость, государственное управление, государственная служба, этапы, развитие государственной службы, укрепление государственного управления, закон, приказ.


### DEVELOPMENT AND PERFECTION OF PUBLIC ADMINISTRATION AND CIVIL SERVICE IN THE TAJIKISTAN IN THE YEARS OF INDEPENDENCE


In this article issues of consolidation of state government and state service in Republic of Tajikistan in the period of independence are considered. In the article stages of formation and development of state service are considered as well, highlighting its gradual establishment.

In this article, the author tryes to analyze some features and trends of the special resettlement of the nationalities in the territory of Tajikistan. Reveals the phases of the special migration of minority nationalities to Tajikistan, the geography of their location, living conditions, the process of their adaptation, their activity in different areas and sectors of the national economy and also shows the contribution of the migrated people in social and economic development of the region.

**Key words**: deportation, special resettlement, special immigrants, migration, adaptation, special settlements.

**Сведения об авторе:** ***Б.С. Курбонбеков -*** аспирант Института истории, археологии и этнографии им А. Дониша Академии наука Республики Таджикистан. Телефон: **93-505-17-71**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СУБЪЕКТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Ғ. Мирзоев***
**Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**

25 сол аст, ки мардуми Тоҷикистон дар зери парчами Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрӣ зиндагиву эҷод мекунад. Истилоҳоти «истиқлолият» ва «соҳибихтиёрӣ» аз мафҳумҳои умдатарини илми сиёсат ба шумор меравaнд, зеро бе татбиқи муҳтавои ифодакунандаи онҳо мустақилияти давлат ва соҳибихтиёрии миллат амри воқеӣ шуда наметавонанд. Дигар он, ки давлат ва сиёсат дар ташаккулёбӣ тавъам буда, яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Ифодаи мазкур ва маъруфи сиёсатшиносиро ба он хотир зикр карда истодаем, ки эъломи истиқлолият ибтидои ташаккулёбии давлат ва соҳибихтиёрии он ба шумор рафта, оғози ташаккулёбии умуман сиёсати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ва, мушаххасан, сиёсати хориҷии он низ маҳсуб меёбад. Дар ин замина бояд гуфт, ки ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ волотарин арзиши ҳар як кишвар ва ҳар як миллат арзёбӣ мегардад.

Тоҷикистон соҳибихтиёрии хешро ҳоло дар замони шӯравӣ, 24 августи соли 1990, дар арафаи азҳампошхӯрии низоми мазкур эълон карда буд, вале бо ин амал вай ба ҳеҷ як соҳибихтиёрӣ соҳиб шуда наметавонист, зеро Иттифоқи Советӣ ва тартиботи томравои он ҳоло барҳам нахӯрда буд ва Тоҷикистон низ, айни замон, яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба шумор мерафт.

Мустақилият ва соҳибихтиёрии ҳақиқии давлатӣ ва миллӣ баъди қабули Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 9 сентябри соли 1991 амри воқеӣ гардид, ба ташаккулёбӣ оғоз карданд. Сарфи назар аз ин, раванди барнагардандагии онҳо дар натиҷаи қабули Эъломияи 21 декабри соли 1991 дар пойтахти ҳамондавраинаи Қазоқистон ш. Алмаато, ки ба пуррагӣ

азҳампошхӯрии Иттифоқи Советӣ ва таъсисёбии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар худ собит намуд, амалӣ гардид.

Мусаллам аст, ки бо эълон гардидани истиқлолияти давлатӣ дарҳол давлати мустақили воқеӣ арзи вуҷуд намекунад. Доир ба ин хулоса директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. Холиқназар чунин қайд кардааст, ки «25 сол барои таҳкими истиқлоли воқеии як давлат аз лиҳози вақти таърихӣ мисли як сония аст. Агар ин 25 солро таҳлил кунем, мебинем, ки истиқлоли воқеӣ дар Тоҷикистон танҳо баъд аз чопи пули миллӣ дар таърихи 30 октябри соли 2000 ва ба даст гирифтани сарҳадҳои кишвар аз тарафи сарҳадбонони тоҷик дар моҳи декабри соли 2004 ба даст омад» [6,80].

Муҳтавои гуфтаҳои мазкур ба он далолат мекунад, ки ҳар як давлати мустақили тозабунёд бояд аз сари худ, дар ҳамаи соҳаҳо, тағйироти ҷузрӣ ва сифатиро гузаронад. Чунин тағйирот ба муайян кардани чигунагии сиёсат иртиботи зич дорад. Бинобар ин ҳоло дар Изҳороти номбурда мабдаъҳои асосии ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ муайян карда шуда буданд. Масалан, доир ба сиёсати хориҷии кишвар дар изҳороти мазкур чунин омада буд, ки: «Дар муносибатҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад мекунад, дар фаъолияти худ барои расидан ба сулҳи устувор, рафъи силоҳи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, имконият надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва тазодҳо байни давлатҳои соҳибихтиёр, рушд бахшидан ба ҳамкорӣ миёни онҳо дар ҳалли мушкилиҳои глобалии дар назди инсоният истода, кӯшиш менамояд» [2, 175].

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат ва суханрониҳои Раиси Шӯрои Олии навинтихоби давр Э. Ш. Раҳмонов, Конститутсияи (Сарқонуни) моҳи ноябри соли 1994 қабулгардида, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоишҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла ҳамоишҳои СММ ва дигар созмонҳои ҷаҳониву минтақавӣ, Паёмҳои Президент ва, ниҳоят, консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили минбаъдаи худро ёфтааст.

Чунонки маълум аст, тарҳ, сифат ва чигунагии ҳама гуна сиёсат ба субъектҳои он вобастагӣ дорад. Вақте истилоҳи субъект истифода карда мешавад, бояд донист, ки истилоҳи мазкур чиро дар назар дорад? Аслан тарҷумаи субъект ба забони тоҷикӣ шахс мешавад. Хоҳ шахси ҷисмонӣ бошад, хоҳ ҳуқуқӣ. Субъект - шахс дар масъалаи сиёсат ба маънии созанда, татбиққунанда, маърифаткунанда, тағйирдиҳанда, такмилдиҳандаи сиёсат ва ғайра фаҳмида мешавад. Агар бо ифодаи дигар гӯем, субъект офарандаи тамоми унсурҳои созмондиҳандаи ҳаёт ва фарҳанги маънавӣ ба шумор меравад, ки сиёсат яке аз рукнҳои муҳимтарини он маҳсуб меёбад. Дар ин замина таъкид менамоем, ки чигунагии ҳама гуна унсурҳои фарҳанги маънавӣ, аз ҷумла сиёсат низ ба чигунагӣ, яъне сифати субъект алоқамандӣ дорад.

Дар раванди ташаккули сиёсати хориҷӣ падидае арзи вуҷуд менамояд, ки онро муносибати субъекту объект меноманд. Агар объекти моддӣ аз олами моддии худмавҷуд ва беинтиҳо иборат бошад, тамоми объектҳои ҳаёт ва фарҳанги маънавӣ ба субъекти худ иртибот дошта, дар марҳилаи муайяни ташаккули субъект офарида мешавад. Бо дарназардошти муҳтавое, ки иброз доштем, бояд қайд кунем, ки субъект дар офаридан ва татбиқ кардани сиёсати хориҷӣ аҳамияти истисноӣ дошта, дар ҳаракат, тағйирёбӣ ва такмилёбии ҳамешагӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқи ин мавзӯъ низ аз ҳамин иборат аст ва судмандии он низ ба ҳамин алоқамандӣ дорад.

Вақте субъекти сиёсати хориҷӣ мегӯем, бояд ба он мақоми Президент ва дастгоҳи ӯ, ҳукумат, муассисаҳои қонунгузор, Вазорати корҳои хориҷӣ, созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ки Тоҷикистон ба узвияти онҳо пайвастааст, тамоми муассисаҳои илмиву таълимии кишвар, ки ба пажӯҳиши масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ машғуланд, раҳбарияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳо, шахсиятҳои алоҳидаи ба сиёсат иртиботдошта, ВАО-ро дохил менамоянд. Субъектҳои мазкур ҳар як дар доираи салоҳиятҳои худ дар таҳия ва роҳандозӣ

кардани сиёсати хориҷӣ хоҳ бавосита ва хоҳ бевосита иштирок мекунанд. Вазорати корҳои хориҷӣ, ки яке аз субъектҳои босалоҳияттарини ин ҷода ба шумор меравад, ҳамаи тарҳҳоро меомӯзад, лоиҳаи консепсияро таҳия мекунад ва барои баррасӣ ва тасдиқи мақоми олии давлат пешниҳод менамояд. Баъди тасдиқи мақоми олии давлат, сиёсати хориҷӣ ҳукми расмӣ қабул мекунад ва татбиқ карда мешавад.

Албатта, дар консепсия самтҳои асосии сифатан муҳимми сиёсати хориҷӣ муайян ва дарҷ карда мешаванд, самтҳои умдае, ки онҳо хеле кам тағйир меёбанд. Аммо ҳар он чи ба мушаххасоти сиёсати хориҷӣ тааллуқ дошта бошад, ки онҳо мудом тағйир ёфта меистанд, кори ҳамарӯза буда, вақти зарурат таҳрир карда мешаванд.

Бо ин гуфтаҳо таъкид карданием, ки сиёсат умуман ва, сиёсати хориҷӣ мушаххасан, арзишҳои қолабӣ, шахшудамонда намешаванд ва аз субъектҳои бевоситаи таҳиякунанда ва татбиққунандаи онҳо тақозо карда мешавад, ки аз ин хусусияти, махсусан, сиёсати хориҷӣ, дар канор намонанд. Ҳамин хусусияти ҷавҳарӣ аст, ки ин соҳа ба мутахассисони заминаи зеҳнии тақозои замони муосирдошта эҳтиёҷ дорад ва ҳамеша хоҳад дошт. Бинобар ин аз субъектҳои ин сиёсат бедории зеҳнии ҳамешагӣ талаб карда мешавад.

Агар ба таърихи ташаккули субъектҳо, аз ҷумла мутахассисини соҳаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ муроҷиат кунем, чунин манзараро мушоҳида менамоем, ки мо, мутаассифона, дар замони шӯравӣ барои ин соҳа соҳибкасбонро тайёр накарда будаем. Сабаби ин, албатта, аз он иборат аст, ки кишвари мо ба мисли дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ танҳо мустақилияти бисёр ночизи нисбӣ дар татбиқи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дошт, ва аз ҷумлаи ҷавонони мо марказ хеле кам мутахассис тайёр менамуд. Бинобар ин мутахассисони соҳа дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ ангуштшумор буданд. Вазорати корҳои хориҷии кишвар низ танҳо ба ном вазорат буд, ки дар он 4-5 нафар кормандон фаъолият мекарданд. Сабаби набудан ё бисёр камшумор будани мутахассисони соҳибкасби дипломатӣ ва муносиботи байналмилалӣ, то ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, аз ҳамин иборат буд.

Ташаккули субъектҳои сиёсати хориҷии ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабл аз ҳама, ба мустақил будани давлат алоқамандӣ дорад. Давлат мустақил ва соҳибихтиёр набошад, иттиҳодӣ ё иттифоқӣ бошад, он ҳаргиз на сиёсати хориҷии мустақил ва на мақоми субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дошта метавонад. Бинобар ин ва дар ҳамин замина бояд гуфт, ки ташаккули субъектҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне субъектҳои мустақил ва соҳибихтиёри созандаву роҳандозикунандаи сиёсати хориҷӣ баъди қабули Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатӣ ба амалӣ гардидан оғоз кард.

Чунонки маълум аст, ташаккули сохтори давлати навбунёд, таъмини он бо кормандони босалоҳият, яъне субъектҳои созанда ва татбиққунандаи ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, амри чандон саҳл нест, зеро ин амал бояд дар заминаи Қонуни асосии кишвар роҳандозӣ карда шавад. Таҳияи қонуни мазкур вобаста ба шароити нави бавуҷудомада вақти муайянро тақозо мекунад. Хусусияти татбиқ кардани ин амал дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аз он иборат буд, ки шӯравӣ низом ва тартиботи истисноӣ дошт. Қонунҳои он, аз ҷумла қонуни асосии он ба хостаҳои давлати нав, ки низом ва тартиботи сиёсии навро ҷорӣ кардан мехост, мувофиқат намекард. Қабули қонуни асосӣ ва дар заминаи он қонунҳои дигари тақозои давлати навро, чунонки дар боло зикр кардем, вақт мехост. Бинобар ин ибтидои ташаккулёбии субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ дар як навъ номуайянии нисбӣ ҷараён гирифта буд. Минбаъд ва то ба соли 1994, яъне то ба аз тариқи раъйпурсии умумӣ қабул гардидани қонуни асосии давлат, чунин раванд идома дошт. Вақте қонуни асосии давлат - Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 қабул гардид, раванди нави мутобиқгардонии тамоми қонунҳои собиқан қабулкардашуда оғоз ёфт. Агар таърихро ба хотир оварем, дар ин муддат Тоҷикистон чанд дафъа шакли давлатдориашро низ иваз

карда буд. Масалан, аввал президентӣ, баъд парлумонӣ ва дере нагузашта боз президентӣ эълон гардид ва ғайра, ки ахиран, мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли президентӣ истиқрор кард. Ин рухдодҳои ба ҳамагон маълуми таърихро барои он хотирнишон карда истодаем, ки онҳо ба ташаккули субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ бетаъсир набуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ибтидои мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба замони пуртуғёни муборизаҳои бемаънии ҳарактаҳои мухталиф иртибот дошт, ки, дар натиҷа, ба ҷанги шаҳрвандӣ низ оварда расонид. Тоҷикистон яке аз марказҳое буд, ки дар он бархӯрди манфиатҳои давлатҳову низомҳо бармало мушоҳида мегардид ва онҳо аз ташаккулёфта набудани фарҳанги сиёсии миллати мо истифода мекарданд. Ин вазъи бавуҷудомада низ барои солҳои тӯлонӣ ташаккул ва рушди субъектҳои сиёсати хориҷиро ба таъхир меандохт. Ниҳоят, моҳи ноябри соли 1992 дар ш. Хуҷанд сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум баргузор гардида, дар он ҳукумати нав ташкил карда шуд ва минбаъд, тадриҷан, тамоми сохтори давлатӣ ҷадидан ташаккул дода шуд. Дар назди ҳукумати навтаъсис вазифаҳои басо муҳимми расидан ба сулҳу истиқрор, баргардонидани фирориҳои иҷборӣ, боздоштани пастравии босуръати иқтисоди кишвар ва ғайра меистод. Таърихи чорякасринаи гузашта аз он шаҳодат медиҳад, ки вазифаҳои мубрамтаринро ҳукумат ҳал карда, дар кишвар сулҳу истиқрорро таъмин намуд ва заминаи боэътимоди рушди соҳаҳои мухталифи кишварро ба вуҷуд овард. Дар батни ҳамин раванд тамоми субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ ташаккул ёфтанд ва тадриҷан ба сатҳи салоҳияти мавриди тақозо расиданд.

Дар байни субъектҳои сиёсати хориҷӣ, ба назари мо, ки аз ибтидо то кунун мушоҳид ва чанд муддат иштирокчии он будем, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳама марҳилаҳои таҳаввул, назаррастарин буд ва ҳаст. Чунонки профессор М.Хидирзода қайд мекунад «Дар таърих мисолҳои зиёде маълуманд, ки дар давраи дигаргуниҳои ҷузрии тараққиёти ҷамъият шахсиятҳое пайдо мешаванду миллатҳои комилро аз нобудшавӣ нигоҳ медоранд. Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам маҳз ҳамин гуна шахсият шуд» [6, 95].

Бояд таъкид кард, ки дар ҷараён ва гузашти 25-соли даврони истиқлолу соҳибихтиёрӣ тамоми навъҳои субъектҳои сиёсати хориҷии кишвар на танҳо ташаккул ёфтанд, балки ба таври тақозо рушд карданд ва дар як ҳамоҳангии созанда сиёсати хориҷии кишвар ва муносибатҳои байналмилалии онро татбиқ карда истодаанд.

Барои исботи хулосаҳои мазкур Вазорати корҳои хориҷиро мисол меоварем, ки дар замони шӯравӣ дар он ҳамагӣ 4-5 нафар кор мекарданд. Вақти ба истиқлолият расидан, теъдоди кормандон ба 10 -12 нафар расонида шуд. Ҳамаи онҳое, ки солҳои аввали истиқлолият дар вазорат кор мекарданд, ба ҷуз як ё ду нафар, таҷриба ва малакаи кории дипломатияи касбиро надоштанд.

Баъдтар Ҳукумати Тоҷикистон қарор кард, ки теъдоди кормандони вазорат ба 36 нафар расонида шавад. Барои ба кор ҷалб кардани ҷавонони боистеъдод: донандагони забонҳо, кормандони илмии соҳаҳои ба дипломатия наздик ва, умуман, соҳибзеҳнон Вазорат комиссия таъсис дод ва конкурс эълон карда шуд. Ҷаласаҳои комиссия дар Академияи улум баргузор мегардиданд. Дар натиҷаи санҷишҳои ҳамаҷонибаи воқеӣ ба вазорат чанд нафар ҷавонони боистеъдод, ки баъзеашон унвонҳои илмӣ доштанд, ба кор қабул карда шуданд ва минбаъд онҳо кормандони Вазорат буданд.

Баъд аз он ки теъдоди муайяни давлатҳои ҷаҳон истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд ва муносибатҳои дипломатӣ барқарор карданд, баъзе кишварҳо барои мусоидат кормандони вазорату муассисаҳои давлатиро ба курсҳои дипломатӣ даъват мекарданд, Академияи дипломатии Россия ҳар сол ҷой ҷудо мекард. Ҳамин тариқ, тадриҷан, ҳайати кормандони тахассуси дипломатӣ ташаккул меёфт.

Вазорат дар бинои парлумон ҷойгир буд ва чандон шароити кории мусоид низ надошт, ба воситаҳои техникии муосир муҷаҳҳаз ҳам набуд. Дар як компутере, ки як саҳифаро дар чанд дақиқа чоп мекард, тамоми матнҳои аҳдномаҳои байнидавлативу байналмилалӣ чоп карда мешуданд.

Азбаски ҳама чиз дар муқоиса арзёбӣ карда мешавад, мо ин мисолҳоро оварда истодаем. Ҳоло бошад, Вазорати корҳои хориҷӣ соҳиби бинои муносиби боҳашамат, утоқҳои кории муҷаҳҳаз бо ҳама воситаҳои техникии муосир мебошад, ки кору фаъолияти дипломатҳоро осон мегардонад.

Ҳамаи ин аз дастовардҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, аз эҳтимоми комили Ҳукумат ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад.

Доир ба дастовардҳои сиёсати хориҷии қишвар сафҳаҳои зиёдро сиёҳ кардан мумкин аст, аммо вазифаи ҳар як пажӯҳиш аз он бояд иборат бошад, ки бештар дар бораи роҳ ва усулҳои боз ҳам беҳтар кардан, боз ҳам равнақ додани сиёсати мудофеи манфиатҳои миллии кишвар пешниҳодоти худро иброз дошта бошад.

Таҳқиқи мавзӯъ нишон медиҳад, ки сатҳи зеҳнии кунунии, аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ тағйири на танҳо миқдорӣ, балки сифатӣ низ хӯрдааст, вале он сатҳе, ки фаъолият мекунад, ба назари муаллиф, тақозои боз ҳам болотар бардоштани худро дорад. Албатта, сатҳи зеҳнии кормандон, сатҳи гирифта бурдани музокираҳо, сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ, сатҳи баланди таҳияи мукотибаҳои дипломатӣ, сатҳи татбиқи мусоҳибаҳои дипломатӣ ва ғайра дар назар аст. Барои тақвияти ин пешниҳод матни Консепсияи тозақабулшударо мисол мезанем, ки он, ба назари муаллиф, чандон суфта ва умда нест. Масалан, дар санади мазкур самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ бо мафҳуми дипломатия [3, 16-25] ифода карда шудааст, ки он чандон дуруст нест. Бояд гуфт, ки дипломатия олати татбиқ аст, на самти сиёсат. Чунончи, ба ҷойи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба – дипломатияи дуҷонибаву бисёрҷониба, ба ҷойи муносибатҳои иқтисодӣ – дипломатияи иқтисодӣ ва ғайра омадааст. Истифодаи ин ифодамафҳумҳо на ба муносибат, балки ба татбиқи муносибат алоқамандӣ доранд, ки онҳо дар таҳияи матни минбаъда таҳрир мехоҳанд.

Дигар он, ки вақте ифодаҳои «Тоҷикистон омода аст бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои ҳасана ва ҳамкориҳои судманд дошта бошад» барин муҳтаво андак таҳрир мехоҳад, зеро дар ҷаҳон низом ва тартиботи сиёсии мухталиф, аз ҷумла низомҳои диктаторӣ, низомҳои поймолкунандаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, низомҳои ҳарбиву сиёсии мутааддӣ вуҷуд дошта метавонанд ва бо чунин низомҳо муносибат кардан шояд ба мабдаъҳои пазируфташудаи байналмилалӣ мувофиқат накунад.

Пешниҳоди дигар аз он иборат аст, ки ҳоло макотиби таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшҳои тахассусии соҳаи муносибатҳои гуногуни байналмилалӣ доранд ва ба кор ҷалб кардани ҷавонони лаёқатманд аз тариқи гузаронидани конкурсҳои ҳақиқӣ айни муддао хоҳад буд.

Дигар он, ки таҷрибаи аз ҷумлаи ғайридипломатҳо таъйин кардани кормандон, махсусан, дар намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа, чандон судманд нест. Зеро, агар чунин шахсон ба ҳайси роҳбари намояндагии дипломатӣ таъйин гарданд, зертобеони онҳо солҳои хидмати дипломатии худро дар намояндагӣ барабас мегузаронанд ва аз чунин роҳбарон чизе омӯхта наметавонанд. Агар чунин зарурат бошад, ки роҳбари намояндагӣ аз шахсони ғайридипломатӣ таъйин карда шаванд, онҳо ҳатман бояд курсҳои забоназхудкунӣ ва илми дипломатияро омӯзанд ва имтиҳон супоранд, ки он барои салоҳи кор мешавад.

Пешниҳоди дигар аз он иборат аст, ки соҳаи дипломатия, дар қатори баъзе соҳаҳои дигар, аз ҷумла илму маориф, набояд собиқадорони бомаърифат, хушзеҳн, босалоҳиятро аз синни расидан ба нафақа ба истироҳат гусел кунад. Ин ба салоҳи кор нест. Дипломатияи комил, илми расо, устодии варзида, дар куҷое ҳам набошад, дар синни ҷавонӣ ба даст намеояд. Бинобар ин доир ба соҳаҳои мазкур назар бояд куллан тағйир дода шавад. Албатта, ҳама гуна калонсолон дар назар нест, балки

онҳое, ки сифаташонро дар боло номбар кардем, ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Бояд таъкид кард, ки дар таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон, махсусан, кишварҳое, ки дар масъалаи кадрҳои босалоҳият камбудӣ доранд, ин масъала аз мавзӯъҳои мубрамтарин ба шумор меравад.

Дигар он, ки ҳар як дипломати вазорат, вақте дар намояндагиҳои дипломатӣ кор мекунад, ҳатман бояд дар соҳаи фаъолияти худ рисолае омода кунад, ки он дар ҳаҷми 150-200 саҳифа ва ё зиёда аз ин бошад. Чунин таҷриба аз чанд ҷиҳат судманд мешавад. Аввалан, дипломат дар бораи соҳаи муайян маълумот гирд меоварад, онҳоро ташхис ва таҳлил мекунад, таҳия кардани рисоларо ёд мегирад, зеҳнашро такмил мебахшад ва, аз ҳама муҳим, бойгонии вазоратро бо маълумоти зарурӣ ғанӣ мегардонад.

Чунонки маълум аст, дар тамосҳои дипломатии ҳамаи сатҳҳо, пеш аз ҳама, мавзӯи ҳимоякунандаи манофеи миллии кишвар бояд муайян ва мушаххас карда шавад, зеро тамосҳои бемавзӯъ ҳеҷ аҳамият надоранд. Ба назари муаллиф ин мавзӯъ низ яке аз масъалаҳои мубрамтарини фаъолияти субъектҳои сиёсати хориҷии кишвар ба шумор меравад. Масалан, бисёр вақт мехонем ва мешунавем, ки теъдоди зиёди аҳдномаҳои байналмилалӣ ба имзо расидаанд, вале натиҷаи ҳамкориҳо чандон самаранок нестанд. Ҳамин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳдномаҳои мазкур дар муҳтавои худ ҳамкориҳои мавзӯиро дар бар нагирифтаанд. Бинобар ин Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун муҳимтарин субъекти сиёсати хориҷӣ ба ин масъала низ боз ҳам бештар аҳамият зоҳир намояд.

Масъалаи дигаре, ки ҳалли муносиби он ба рушди субъектҳои сиёсати хориҷӣ мусоидат менамояд, аз таъминоти молиявии онҳо иборат аст. Бояд қайд кард, ки муассисаҳои корҳои хориҷӣ, ба назари мо, дар байни тамоми ниҳодҳои давлатӣ мақоми истисноӣ бояд дошта бошанд ва таъминоти молиявии кормандони чунин муассисаҳо лозим аст, то ба таври истисноӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад, зеро кормандони мазкур кишварро дар хориҷа муаррифӣ менамоянд ва аз лиҳози таъминоти молиявӣ камбудӣ набояд дошта бошанд. Ғайр аз ин, вақте кормандони муассисаи марказии сиёсати хориҷӣ ба намояндагиҳои дипломатӣ ба кор фиристода мешаванд, ба онҳо бояд ду моҳона таъйин карда шавад. Як моҳона мувофиқи мансабе, ки дар муассисаи марказии корҳои хориҷӣ ишғол менамуд, таъйин карда шавад ва моҳонаи дигар бо асъори хориҷӣ мувофиқи сабати истеъмолии кишвари иқомат таъйин карда шавад. Аз моҳонаи якум субъекти сиёсати хориҷӣ андоз аз даромад месупорад, вале аз моҳона бо асъори хориҷӣ андоз набояд супорад. Вақти ба нафақа баромадани субъекти сиёсати хориҷӣ ҳаҷми нафақа аз ҳисоби моҳонаи якуми он таъйин бояд карда шавад, то ин ки вай нафақаи ба вазифааш мувофиқро гирифта тавонад.

Дар хотима бояд қайд кард, ки дар ҳама соҳаҳои фаъолият зеҳн, малака ва салоҳият тақозои зарурӣ ва муҳимтарин ба шумор меравад. Бинобар ин ташаккули ҳар як субъекти сиёсати хориҷӣ бе иштироки арзишҳои мазкур имконпазир буда наметавонад. Расидан ба онҳо, чунон ки Арастуи ҳаким ҳоло дувуним ҳазор сол муқаддам фармудааст, ба «худтакмилдиҳӣ ва боло бардоштани маҳорати касбӣ» алоқамандӣ дорад [1, 50].

## АДАБИЁТ


1. Батлер-Боуден Т. 50 великих книг по философии / Том Батлер-Боуден; пер. с англ. К. Савельева. – М.: Эксмо, 2014. – 576 с.
2. Заявление о государственной независимости Республики Таджикистан //Дипломатия Таджикистана: Информационный бюллетень. – 2002. - № 2.
3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, № 332 тасдиқ шудааст. – 82 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 54 с.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Рӯзномаи «Минбари халқ», № 3 аз 20 январи соли 2016.
6. Файзи истиқлол -25. – Душанбе: Маориф, 2016. - 480 с.

7. [Электронный ресурс]. www/mfa/tj (Дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

**ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ СУБЪЕКТОВ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ**

Принятие Декларации о суверенитете и Заявления о государственной независимости Республики Таджикистан стали важнейшими политическими документами, положившими начало строительству таджикского национального государства.Одной из важных проблем строительства этого государства была формирование и развитие субъектов внешней политики, от которых, во многом, зависело как определение внешней политики, так и ее осуществление на практике.

Министерство иностранных дел, которое в условиях Советского Союза, существовало, как формальное ведомство исполнительной власти республики, не занималось делами внешних сношений.

Из числа граждан Таджикистана, для сферы внешней политики и международных отношений, не готовились карьерные специалисты. Правительство республики, создавая ведомство иностранных дел, теперь уже самостоятельного и суверенного государства, приняло необходимые меры по обеспечению его соответствующими кадрами. Сначало названное ведомство росло количественно, число работников было доведено до десяти человек (в условиях СССР было всего пять), затем до тридцати шести и, в дальнейшем, по необходимости оно росло. Подготовка кадров шла посредством краткосрочных курсов как внутри страны, так и зарубежом. Сегодняшний интеллектуальный потенциал и качества работников, несмотря на количественный рост, остаются желать лучшего. В этой связи статья рекомендует ряд необходимых предложений.

**Ключевые слова:** становление, субъект, формирование, качества, интеллект, потенциал, язык, подготовка, переговорщики, переговоры, умение, беседа, качество, документы, составление, переписка.

**FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE SUBJECTS OF FOREIGN POLICY OF TAJIKISTAN IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE**

Adoption of the Declaration of sovereignty and the Declaration of state Independence of the Republic of Tajikistan became the most important political documents that marked the beginning of the formation of the Tajik nation state.One of the most important issues of formation of this state was the establishment and development of subjects of foreign policy, on which, in many respects, the determination of foreign policy as well as its implementation in practice was dependent.

The Ministry of Foreign Affairs, which in the time of the Soviet Union existed as a formal executive authority of the republic, does not deal with the external relations.The citizens of Tajikistan were not trained to become as specialized officers for the field of foreign policy and international relations. The Government of the state by establishing the Office of Foreign Affairs as of independent and sovereign state has taken necessary measures to fulfill it with relevant staff. At the beginning this authority was enlarged by number of officers and their number was increased to ten people (in the time of Soviet Union they ware only five), then to thirty-six and the number of them has continuously increased upon necessity in the aftermath. The training of the staff was provided by means of short courses both within the country as well as abroad. Today the intellectual potential and the skills of employees, in spite of their growing number, remain not much appropriate. In this regard, the article recommends a number of necessary proposals.

**Key words:** Establishment, subject, formation, quality, intellect, potential, language, training, negotiators, negotiations, skills, negotiation, quality, documents, drafting, correspondence.

**Сведение об авторе:** ***Мирзоев Гуломжон*** - доцент кафедры гуманитарных дисциплин Финансово-экономического института Таджикистана. Телефон: **907-50-49-89**. E-mail: **mirzoev.gulomjon@mail/ru**

# ҲАМКОРИҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991-1994

***А.Н. Шарипов, Н.Н. Файзов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамкориҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ (гуманитарӣ) маъмулан доираҳои васеъ ва соҳаҳои мухталифи равобити кишварҳоро дар бар мегиранд.

Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳоли таназзули вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ кӯчиши мутахассисони бахши фарҳанг дар тамоми фазои пасошӯравӣ ба назар мерасид. Ин амр ба коҳиши иқтидори зеҳнии ҷомеа мусоидат намуда, ба заъфи алоқаҳои фарҳангии байни кишварҳо овард. Равобити фарҳангӣ аҳёнан, номунтазам ҷараён мегирифтанд, вале онҳо ҳеҷ гоҳ қатъ нагашта буданд. Фарҳанг доимо ҳамчун

омили муҳим ва назаррас дар равобити халқу кишварҳо баромад менамуд. Бо афзоиши сатҳи фарҳангии мардум алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо тавсеа ёфта, имкони наздикшавии онҳо, ғановати мутақобилаи онҳо зиёд мегардад. Ин амр дар равобити фарҳангӣ ва дурнамои алоқаҳои Тоҷикистону Қазоқистон возеҳ мебошад [1]. Тавре маълум аст, ҳамкориҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, анъанаҳои тарҷума ва таъсири мутақобилаи фарҳангӣ ба сатҳи нисбатан баланд расида буданд. Ба рушди ҳамкориҳо дар ин самт шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон халал расониданд. Новобаста аз ин, равобити дӯстонаи халқҳои тоҷику қазоқ дар чунин шароитҳо низ қатъ нагаштанд.

Дар шароити рушди мустақилонаи кишварҳои худ тоҷикону қазоқҳо эҷодиёти якдигарро омӯхта, аз самараи он истифода мебаранд. Ҳолати мазкур аз намояндагони илму фарҳанг на танҳо омӯзиши амиқи таърихи фарҳанги якдигар, балки сатҳи умумияти онҳо ва ғановати мутақобилаи онҳоро тақозо менамояд. Дурнамои ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мо на танҳо эҳёи алоқаҳои мавҷуда, балки ташаккули самтҳои навро талаб месозад. Зеро алоқаҳои фарҳангӣ заминаи беҳтарини ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошанд [1].

Вале дар ин давра ҳамкории ҷонибҳо, асосан, дар самти иҷтимоӣ ҷараён мегирифтанд. Вобаста ба низои шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоии аҳолӣ ниҳоят бад гардид. Бо эҳёи ҳокимияти қонунӣ Қазоқистон ба мардуми мо кумаки башардӯстона намуд. Аллакай дар нимсолаи аввали соли 1993 ба ҷумҳурӣ аз Қазоқистон 360 ҳаз. тонна ғалла ворид гардид [2].

Дар яке аз мусоҳибаҳои аввалин худ ба мухбири рӯзномаи «Садои мардум» роҳбари ҳукумати Тоҷикистон Э.Раҳмонов чунин қайд намуда буд: «Қазоқистон ба мо дар таъмини ғалла ва сӯзишворӣ кумак менамояд. Дар маҷмӯъ, кишварҳои ҳамсоя омодаанд, ки саҳми фаъоли худро дар самти бартараф намудани оқибатҳои ҷанги бародаркуш ва рафъи бuҳрони амиқи иқтисодӣ гузоранд.

Вале мебояд як лаҳзаро таъкид намуд: то замоне ки мо дар хонаи худ сулҳ ва амниятро барқарор насозем, силоҳро гузошта, ба ҷойи он олоти меҳнатро ба даст нагирем, аз вайронкорӣ ба ободкорӣ нагузарем, ягон кумаки ҳамсоягон вазъи моро беҳ намесозад» [3]. Дар ин вазъи мураккаб, ки дар кишвари мо норасоии шадиди маҳсулоти хӯрока эҳсос мегардид, Қазоқистон ҳамсояи худро, ки аз ҷанги таҳмилӣ зарар дидааст, танҳо нагузошт. Дар оғози соли 1993 қазоқистониён садҳо тон ордро ба сифати эҳдо фиристоданд. Кумаки башардӯстона, пеш аз ҳама, ба ноҳияи Фархор, Москва ва навоҳии дигари вилояти Хатлон фиристода шуданд. Дар ин навоҳӣ теъдоди зиёди беморон ба қайд гирифта шуда буданд [4]. Ҳамзамон дар миёнаи январи соли 1993 ба пойтахти ҷумҳурӣ 400 тонн ғалла аз Қазоқистон ворид гардида, воридоти боз 200 тоннаи дигар ба нақша гирифта шуд [5].

Зимни мулоқоти Тошканд сарварони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ барои тақвияти кумаки маънавӣ ба ҳукумати Тоҷикистон ва башардӯстона бо хӯрока, доруворӣ ва либос таъкид намуданд [6].

Ҷанбаи дигари ҳамкории дуҷонибаи кишварҳо дар ин самт муҳоҷират ба шумор меравад. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ даҳҳо ҳазор шаҳрвандони мо ҷойҳои зисти худро тарк намуда, номи гурезаро гирифтанд. Як қисми зиёди онҳо ба Қазоқистон рафтанд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ва фалаҷ гаштани низоми хоҷагидорӣ сокинони Тоҷикистонро водор намуд, ки дар кишварҳои собиқ Шӯравӣ паноҳгоҳ ҷӯянд. Мутобиқи маълумотҳои расмӣ тайи соли 1992 2471 нафар ба Қазоқистон ҳиҷрат намуданд [7]. Ҳарчанд дар асоси маълумотҳои ғайрирасмӣ ин рақам хеле зиёд мебошад. Масалан, ҳангоми давраи аввали музокироти тоҷикон (аз 5 то 19 апрели соли 1994), тибқи изҳороти расмии Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар Москва, теъдоди гурезагони тоҷик дар Қазоқистон 42 ҳазор нафарро ташкил медод [8].

Ба Қазоқистон намояндагони миллати қазоқ, ки дар Тоҷикистон сукунат доштанд, хиҷрат намуданд. Моҳи декабри соли 1992 ба Тоҷикистон ҳайати

мутахассисони Вазорати меҳнат ва намояндагони парлумони Қазоқистон фиристода шуданд. Натиҷаи ин сафар созишнома бо Шӯрои Олӣ ва Девони вазирони Тоҷикистон дар бораи ташкили баровардани оилаҳои гурезагон аз вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа гардид. Дар асоси созишнома тақрибан 10 ҳаз. қазоқ ва намояндагони миллатҳои дигар, ки дар Қазоқистон хешу ақрабо доштанд, хоҳиши ба ин кишвар кӯчиданро намуданд. Ба қавли муовини вазири меҳнати Қазоқистон Трек Бегахматов ба ҷонибҳо муяссар гардид, ки бо роҳбарияти маҳаллӣ дар бораи ташкили кӯчидани одамон бо моликияти хонагӣ созиш намоянд [9].

Ба Қазоқистон инчунин оилаҳои шакли омехта муҳоҷират намуданд, ки яке аз аъзоёни оила ба миллати қазоқ тааллуқ доштанд [10]. Бояд таъкид намуд, ки барои танзими равобит дар самти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ созишномаҳо дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ба тасвиб расиданд.

Созишномаҳое, ки дар чаҳорчӯбаи мулоқоти сарварони кишварҳо ва ҳукуматҳо 24 сентябри соли 1993 дар шаҳри Москва ба имзо расиданд, аҳамияти хосса доштанд. Банди 5-уми Аҳднома оид ба бунёди Иттиҳоди иқтисодӣ ба сиёсати иҷтимоӣ бахшида шудааст. Масалан, дар моддаи 19 омадааст: Ҷонибҳои Аҳдкунанда низоми рафтуомади бераводид ва ҳаракати шаҳрвандонро дар қаламрави Иттиҳоди иқтисодӣ таъмин менамоянд. Дар моддаи 21 Ҷонибҳои Аҳдкунанда уҳдадор шуданд, ки нисбати шаҳрвандон вобаста ба тааллуқияти миллӣ ва дигар нишонаҳо ба ҳуқуқпоймолкунӣ дар самти пешниҳоди ҷойи корӣ, пардохти музди меҳнат, таъмини шароитҳои дигари меҳнат, пешниҳоди кафолати иҷтимоӣ роҳ надиҳанд. Ҳамчунин Ҷонибҳо уҳдадор шуданд, ки асноди тасдиқкунандаи маълумот ва тахассуси шаҳрвандони якдигарро бе тасдиқи иловагӣ эътироф намоянд, (мод.22) созишномаҳои махсус ба тасвиб расонанд, ки муҳоҷирати қувваи кориро танзим намуда, уҳдадориҳои мутақобиларо дар самти суғуртанамоии иҷтимоӣ, таъминоти нафақавӣ таъмин созад. (мод.24) [2].

Дар мулоқоти мазкур инчунин Эъломияи сарварони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи уҳдадориҳои байналхалқӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ба имзо расид, ки моҳиятан пайгирӣ аз уҳдадориҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро барои таъмини ҳуқуқ ва арзишҳои олии инсонӣ дар бар мегирифт [2].

Ҳуҷҷати дигари муҳим, ки ҳамкории кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар ин давра танзим менамуд, Созишнома оид ба гурезаҳо ва ҷойивазнамудагони иҷборӣ ба шумор меравад. Дар асоси он ҷонибҳо уҳдадор шуданд, ки барои гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ шароитҳои зарурии иҷтимоӣ-маишӣ бо назардошти қонунгузории ҷонибҳо оид ба шуғли аҳолӣ муҳайё намоянд [2]. Санади мазкур фишанги муҳимми танзими ҳамкориҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ байни ду кишвар гардид, зеро дар Қазоқистон шумораи зиёди гурезагони тоҷикистонӣ ва муҳоҷирини иҷборӣ зиндагӣ мекарданд.

Дар мулоқоти мазкур қарор дар бораи таъсиси Хазинаи кумаки Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он аз ҷумла таъкид мегардид:

«Кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бо такя ба алоқаҳои мустаҳками таърихӣ, анъанаи ҳамкорҳои амиқ ва кумаки мутақобила, барои дастгирии талоши Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эътидоли вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар, Ба инобат гирифтани зарурати расонидани мусоидат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор доданд, ки Хазинаи кумак ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис диҳанд» [2]. Дар маҷмӯъ, дар давраи мазкур (солҳои 1991-1994) равобити кишварҳо дар самти иҷтимоӣ-фарҳангӣ баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳоли ташаккул қарор доштанд. Ҳамзамон баъзе омилҳое ба назар мерасиданд, ки ба рушди равобити иҷтимоӣ-фарҳангӣ монеа мегаштанд:

Якум – набудани заминаи зарурӣ ва самараноки аҳдномавӣ-ҳуқуқӣ дар сатҳи дуҷониба.

Дуюм – сархушии нисбӣ аз касби истиқлолият, таҳкими сохтори давлатдории миллӣ, воридшавӣ ба созмонҳои байналхалқӣ ва касби ҷойгоҳи муносиб дар ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Сеюм, самараи пасти ҳамкорӣ дар самти иҷтимоӣ фарҳангӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.

Чорум, вазъи муташанниҷи сиёсӣ дар Тоҷикистон.

Новобаста аз ин, давраи мазкур заминаи хуб барои ташаккули ҳамкорӣ дар самти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба шумор меравад. Маҳз дар ин давра пойдевори аҳдномавӣ – ҳуқуқӣ баҳри истиқрор ва густариши равобити кишварҳо дар ин самт гузошта шуд, ки то ҳол баҳри тавсеаи равобити кишварҳо мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Нуралиев А. Таджикско-казахские культурно-литературные связи конца XIX начало XX вв./ А. Нуралиев. – Душанбе, 2001. –С.221, 223.
2. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1993-й / Д. Назриев, И. Саттаров. - Душанбе, 2006. –С. 70, 695, 698, 702, 714.
3. Э. Раҳмон. Государство возродится благодаря единству / Э. Раҳмон //Садои мардум, 19 декабря 1992 года.
4. Эшелон из Казахстана //Вечерний Душанбе. - 1993, 8 февраля. -№26(6160).
5. Паёми Душанбе. -1993, 16 январ. -№7(695).
6. Совместное коммюнике //Вечерний Душанбе. – 1993, 7-января. -№4 (6138).
7. Синдарова Азизахон. Деятельность государственной службы Таджикистан / Синдарова Азизахон //Центральная Азия и Кавказ. -1999. -№2 (3). - С-54.
8. Усмонов И. Сулҳнома / И. Усмонов. – Душанбе, 2001. – С. 43.
9. Казахстан принимает беженцев // Вечерний Душанбе. -1992, 24 декабря. -№240(6129).
10. Таджикистан и Казахстан в зеркале миграции //Бизнес и политика. -1998. -№18 (282).


**СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА С КАЗАХСТАНОМ В 1991-1994 ГГ.**


В статье рассмотрено социально-культурное сотрудничество Таджикистана с Казахстаном в 1991-1994 гг. в трудный период гражданской войны и разрухи. Автор рассмотрел не только двусторонние взаимоотношения, но и взаимодействия в рамках СНГ. В статье также показаны некоторые факторы, которые мешали активному взаимодействию в социально-культурном направлении.



**Ключевые слова:** культура, Таджикистан, Казахстан, гражданская война, помощь, социальное положение, соглашение, Содружество независимых государств**.**


**THE SOCIAL AND CULTURAL COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND KAZAKHSTAN IN 1991-1994**


The article deals with the socio-cultural cooperation between Tajikistan and Kazakhstan in the difficult period of the civil war and devastation, in 1991-1994. The author has considered not only bilateral relations, but also the cooperation within the CIS. The article also shows some of the factors that interfere with active cooperation in the socio-cultural direction.



**Key words:** Culture, Tajikistan, Kazakhstan, civil war, aid, social status, the agreement, the Commonwealth of Independent States.



**Сведения об авторах:** ***А.Н. Шарипов -*** кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой зарубежного регионоведения исторического факультета Таджикского национального университета

***Н.Н. Файзов*** – аспирант кафедры зарубежного регионоведения исторического факультета Таджикского национального университета.


# НАҚШИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИДМ ДАР ОШТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН


***Холмуродова Меҳрафрӯз***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**


Ба андешаи як қатор сиёсатшиносон ва таҳлилгарони соҳаи низоъшиносӣ, низои сиёсии Тоҷикистон яке аз низоъҳои мураккаб ва печидаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Ҳалли низои сиёсӣ ва раванди гуфтушунид миёни ҷонибҳои низоъ дар шароитҳои душвори сиёсӣ ва бухронӣ ба амал омадаанд, ки чунин ҳолат аз мураккабии он дарак медиҳад. Дар самти ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва ташкили оштии миллии тоҷикон дар баробари як қатор омилҳои

дохилӣ, инчунин фаъолияти намояндагони расмии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ хеле назаррас мебошад.

Бояд гуфт, ки баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ моҳи декабри соли 1991 дар шаҳри Алма-Ато ба истиснои Латвия, Литва, Эстония ва Гурҷистон 11 давлати тозаистиқлоли собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Эъломияи таъсис додани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро (ИДМ) қабул менамоянд, ки дар он ҳадафҳо ва меъёрҳои фаъолияти ин созмонро барои солҳои оянда муайян месозанд [6]. Дар ибтидои соли 1992 давлатҳои узви ИДМ бо дарназардошти вазъияти сиёсии Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ як қатор созишномаҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул менамоянд. Аз ҷумла, 20 марти соли 1992 дар шаҳри Киев Созишнома дар бораи Гурӯҳи нозирони ҳарбӣ ва Неруҳои дастаҷамъӣ оид ба таъмини сулҳ дар ИДМ, 15 майи соли 1992 дар шаҳри Тошкент Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, 24 сентябри соли 1992 Созишнома дар бораи неруҳои дастаҷамъӣ оид ба таъмини сулҳ қабул менамоянд. Давлатҳои аъзои ИДМ дар асоси санадҳои мазкур дар бораи таъсиси Неруҳои дастаҷамъии сулҳхоҳи ИДМ дар Тоҷикистон қарор қабул мекунанд [4, 12]. Неруҳои сулҳхоҳи ИДМ дар Тоҷикистон бояд дар чаҳор самти асосӣ фаъолият менамуданд: а) бо мақсади устувор намудани сулҳу субот дар Тоҷикистон ба эътидол овардани вазъият дар марзи Тоҷикистону Афғонистон; б) ба вуҷуд овардани шароите, ки гуфтугӯи ҷонибҳои манфиатдорро дар самти танзими низои сиёсӣ имконпазир мегардонид; в) дастрас намудан, ҳифз кардан ва тақсим намудани кумакҳои башардӯстона; г) ташкили шароити боамн барои баргардонидани гурезаҳо ва муҳофизати инфрасохтори ҷомеа [7, 102].

Дар кӯтоҳтарин муддат парлумони ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон бо мақсади таъмини сулҳу суботи Тоҷикистон неруҳои сулҳофари худро ба мамлакат равона карданд. Дивизияи 201-уми қувваҳои мусаллаҳи Русия, ки он замон дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доштанд, ба фаъолияти неруҳои сулҳофар то андозае мусоидат намуданд.

Чунин навъи фаъолият дар самти таъмини сулҳу субот иқдоми аввалини ИДМ ба шумор мерафт, ки он ҳам бошад дар ҳамкорӣ бо СММ ва САҲА дар амал татбиқ мегардид. Ҳарчанд ҳамаи кӯшишҳои неруҳои сулҳофари ИДМ бо муваффақият анҷом наёфта бошанд ҳам, нақши ин иттиҳод дар таҳкими сулҳу субот ва танзими низои байни тоҷикон хеле назаррас буд. Ин буд, ки Шӯрои Амнияти СММ кӯшишу талошҳои Неруҳои сулҳофари ИДМ-ро ба инобат гирифта, фаъолияти онро ҷонибдорӣ намуда буд. Бинобар ин, минбаъд СММ аз кумакҳои ИДМ дар самти танзими низои сиёсии Тоҷикистон ва баргузор намудани гуфутушунидҳои ҷонибҳои низоъ ба таври васеъ истифода намуда, онҳоро на танҳо ба сифати нозир, балки масъулони баргузории воқеаҳои таърихӣ интихоб намуд.

Фаъолияти давлатҳои узви ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар самти ташкил ва гузаронидани гуфтушунидҳо ва раванди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон хеле назаррас мебошад [5, 14]. Дар миёни давлатҳои узви ИДМ Федератсияи Русия мавқеи махсусро ишғол намудааст. Дар раванди ташкил ва баргузории гуфтушунидҳо президент ва раиси Ҳукумати Федератсияи Русия, вакилони Думаи Давлатӣ, вазир ва муовинони вазири корҳои хориҷӣ, Вазорати мудофиа, Шӯрои амният, коршиносон ва таҳлилгарони зиёди Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати мудофиаи Русия, сафорати Русия дар Тоҷикистон ва Эрон, роҳбарияти сохторҳои қудратии Русия дар Тоҷикистон ва чанде дигарон саҳми худро гузоштаанд [3].

Дар баробари ИДМ ва САҲА, инчунин СММ дар танзим ва ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва махсусан ташкили оштии миллии тоҷикон нақши барҷаста дорад. Иштироки СММ дар танзими низои сиёсии Тоҷикистон дар ду марҳилаи асосӣ сурат гирифтааст. Марҳилаи якум: омодагии фаъолияти СММ барои таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон ва оғози амалиётҳои сулҳофарӣ (1992-1994). Марҳилаи дуюм: амалиётҳои фаъоли сулҳофарӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби СММ (1995-1997).

Бояд ёдовар шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1992 аъзои Созмони Милали Муттаҳид набуд. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ 2 марти соли 1992 дар ҷаласаи 46-уми Маҷмааи умумии СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон расман узви комилҳуқуқи ин созмони байналмилалӣ эълон мегардад [2, 168]. Дар ибтидои соли 1992 вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноором буд ва Ҳукумати мамлакат аз фурсати муносиб истифода намуда, баъди аъзо гардидан дар ин созмони бонуфуз дар нимаи дуюми соли 1992 СММ-ро барои иштирок дар таҳкими амният даъват намуд. Бори якум 29 сентябр ва бори дуюм 15 октябри соли 1992 бо ташаббуси иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандаров Акбаршо барои иштироки СММ дар таҳкими сулҳу суботи Тоҷикистон даъват ба амал оварда шуд. Ниҳоятан, баъди таҳлили вазъияти дохилии мамлакат Котиби генералии СММ Бутрос Гали 29 октябри соли 1992 барои сафарбар намудани намояндагони сулҳофари ин созмон қарор қабул намуд [1, 100-101].

Раиси Шӯрои Амнияти СММ бо такя ба қарори Котиби генералии созмон 30 октябри соли 1992 арзномаеро ба имзо расонид, ки дар он ҷонибҳои низоъро ба қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ ва оғози музокироти сиёсӣ даъват менамуд. Дар қароре, ки ҷаласаи Шӯрои Амнияти СММ «Дар бораи вазъияти Тоҷикистон» қабул намуд, дар робита бо идома ёфтани ҷанг ва бад гардидани вазъияти сиёсии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи он аллакай садҳо нафар ҷони худро аз даст додаву ба мамлакат хисороти зиёди моддӣ расонида шуда буд, изҳори нигаронӣ зоҳир гардид. Ҳамзамон Шӯрои Амнияти СММ аз қарори Котиби генералии ин созмон изҳори қаноатмандӣ намуда, бо мақсади қонеъ намудани талаби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзими низоъ ва ҳалли он сафарбар намудани намояндагони сулҳофари ин созмонро ташкил намуд.

СММ дар марҳилаи аввали фаъолиятҳои худ дар самти таъмини сулҳу субот, ташкили комиссияҳои сулҳофар ва бо ин мақсад ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар созмону ташкилотҳо амалиётҳои зиёдеро анҷом дода буд. Пеш аз ҳама, бо ташаббуси намояндагони расмии СММ се даври гуфтушунид миёни хукумат ва мухолифин дар шаҳрҳои Москва, Теҳрон ва Исломобод ташкил карда мешавад.

Даври аввали гуфтушунидҳо 5-19 апрели соли 1994 бо иштироки намояндаи махсуси Дабири кулли СММ дар шаҳри Маскав баргузор гардид. Дар кори он намояндагони расмии Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Русия ва Ӯзбекистон ба сифати нозир иштирок намуданд. Дар раванди баргузории даври аввали гуфтушунидҳо масъалаҳои асосии баҳснок миёни ҳукумат ва мухолифин матраҳ гардиданд ва дар заминаи он протокол дар бораи таъсиси Комиссияи якҷоя оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирон ба имзо расид. СММ хеле зиёд кӯшиш менамуд, ки гуфтушунидҳо бе монеа баргузор гарданд.

Инчунин, дар ин марҳила як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ барои танзими вазъияти низоӣ ба имзо расонида мешавад, ки дар самти назорати он нақши СММ барҷаста мебошад. Масалан, даври дуюми гуфтушунидҳо аз 18 то 28 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардида буд, ки дар он ҷонибҳо консепсияи созишномаи сулҳро омода намуда буданд. Аммо ҷонибҳои даргир натавонистанд ба созиши умумӣ оянд. Чунин ҳолат боиси он гардид, ки тобистони соли 1994 амалиётҳои ҳарбии ҷонибҳо дубора фаъол гарданд. Бархӯрди неруҳо чи дар дохили мамлакат ва чи дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ба амал меомаданд. Бо дарназардошти чунин вазъият намояндаи махсуси Котиби генералии СММ баъди анҷом додани вохӯрӣ бо ҷонибҳои даргир ва бо машварату тавсияҳои зиёд рӯзҳои 12-17 сентябри соли 1994 вохӯрии навбатии даври дуюми гуфтушунидҳоро боз дар шаҳри Теҳрон баргузор намуд. Дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиётҳои ҳарбӣ созишномаеро ба имзо расониданд. Дар чунин шароити ҳассос Бутрос Гали дар бораи фиристодани 15 нозири ҳарбии СММ қарор қабул намуд ва барои риояи талаботи созишномаи мазкур нозирони ҳарбии СММ ба муддати як моҳ ба Тоҷикистон фиристода шуданд. Ҳамзамон, як гурӯҳ кормандони котиботи СММ бо мақсади таъсис додани намояндагии СММ дар Тоҷикистон ба

мамлакат ташриф овարданд ва паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор доданд.

Даври сеюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои низоъ бо роҳбарии намояндаи махсуси СММ Р. Пирис-Баллон ташкил карда мешавад, ки он рӯзҳои 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод баргузор мегардад. Дар вохӯрии мазкур ҷонибҳо муҳлати Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиётҳои ҳарбиро дароз намуданд ва барои назорати иҷроиши он Протокол дар бораи таъсиси комиссияи якҷоя ба имзо расониданд.

Бояд гуфт, ки марҳилаи дуюми иштироки СММ дар раванди ҳалли низои Тоҷикистон марҳилаи хеле ҳассос ба шумор меравад. Марҳилаи мазкур солҳои 1995-1997 фаро гирифта, ташкили давраҳои ниҳоии гуфтушунидҳо ва танзими вазъияти муташанниҷи сиёсӣ дар ин марҳила амалӣ карда шудааст. Бо мақсади барҳам задани амалиётҳои ҳарбие, ки дар мамлакат идома дошт, намояндаи махсуси СММ Р.Пирис-Баллон бо ҷонибҳои низоъ як қатор машваратҳои корӣ анҷом дода буд. Ниҳоятан аз 22 май то 1 июни соли 1995 даври чоруми гуфтушунидҳо дар шаҳри Алма-Ато баргузор мегардад, аммо дар он ҷонибҳо ин дафъа низ ба созиш омада наметавонанд. Бо дарназардошти чунин вазъият намояндаи махсуси СММ аз 2 то 17-уми августи соли 1995 ба шаҳрҳои Москва, Душанбе ва Кобул як қатор сафарҳои корӣ анҷом медиҳад. Дар натиҷаи чунин сафарҳо имкон даст медиҳад, ки аз ҷониби Э.Раҳмонов ва С.А.Нурӣ «Протокол дар бораи меъёрҳои асосии таъмини сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расад. Дар ҳуҷҷати мазкур дар бораи меъёрҳои асосии танзими низои сиёсӣ шартҳои дуҷониба ҷойгир карда шуда буд ва хулосаи он чунин буд, ки гуфтушунидҳои минбаъда бояд сабаби имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» мешуданд.

Моҳи майи соли 1996 бинобар сабаби ба вуқӯъ омадани амалиётҳои ҳарбӣ дар ноҳияи Тавилдара вазъияти сиёсӣ боз дубора муташанниҷ мегардад. Дар натиҷаи он одамони зиёд ба ҳалокат мерасанд ва алоқаи пойтахт бо яке аз минтақаҳои калонтарини мамлакат қатъ мегардад. Бо дарназардошти чунин вазъият 21-уми майи соли 1996 Шӯрои Амнияти СММ арзномаеро пахш менамояд, ки дар он риоя нагардидани созишномаи оташбас садо медиҳад ва аз ҷонибҳои низоъ талаб карда мешавад, ки барои фаъолияти нозирони сулҳофари СММ имконият фароҳам оваранд.

Бо дарназардошти вазъияти баамаломада рӯзҳои 8 то 21-уми июли соли 1996 дар шаҳри Ашқобод даври навбатии гуфтушунидҳо баргузор карда мешавад, ки дар он диққати асосӣ ба масъалаи оташбас дода мешавад. Ҷонибҳо оид ба масъалаи дароз намудани муҳлати «Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиётҳои ҳарбӣ» қарор қабул намуданд ва барои дар нуқтаҳои даргири ноҳияи Тавилдара ҷойгир намудани нозирони ҳарбии СММ розигӣ доданд.

Бояд гуфт, ки аз моҳи майи соли 1996 гуфтугӯи сиёсӣ ба буҳрони ҷиддӣ гирифтор гардида буд. Дар ин давра ҷонибҳои низоъ нисбат ба якдигар нобоварии махсусе зоҳир менамуданд ва аз ин рӯ бо ташаббуси СММ ва дигар миёнаравҳои минтақавӣ онҳо ба баррасии масъалаҳои сиёсие пардохтанд, ки сабабҳои асосии низои сиёсиро ташкил менамуданд. Дар ин раванд, дар баробари СММ, нақши Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун миёнаравҳои минтақавӣ хеле барҷаста мебошанд. Бо ташаббуси онҳо рӯзҳои 10-11-уми декабри соли 1996 дар маҳаллаи Хосдеҳи Афғонистон вохӯрии ҷонибҳои низоъ баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ Раҳмонов Э. ва С.Нурӣ ду ҳуҷҷати муҳимро ба имзо расониданд: 1) арзномаи якҷоя оид ба идома додани фаъолияти нозирони сулҳофари СММ ва хабардор намудани ҷомеа аз натиҷаҳои гуфтушунидҳои расмӣ; 2) созишнома оид ба қатъи амалиётҳои ҳарбӣ ва оташбас.

Баъди машваратҳои мураккаб ва тӯлонӣ ниҳоятан 23-юми декабри соли 1996 дар шаҳри Москва дар ҳузури В.С.Черномирдин – Раиси Ҳукумати ҳамонвақтаи Федератсияи Русия ҷонибҳо дар бораи вазифаҳо ва салоҳиятҳои Комиссияи оштии

миллӣ Созишнома ва Протокол ба имзо расониданд. Ҷонибҳои низоъ дар асоси пешниҳодҳои Намояндаи махсуси СММ Г.Меррем ва тавсияҳои Русия ба созиш омаданд. Котиби генералии СММ созишномаеро, ки дар нишасти мазкур ба даст омада буд, баҳои баланд дода, онро ҳуҷҷати тақдирсоз муаррифӣ намуда буд.

Даври шашуми гуфтугӯҳо моҳи январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон оғоз гардид, ки дар он як қатор ҳуҷҷатҳо дар бораи масоили сиёсии мамлакат қабул гардиданд. Бо мақсади ба даст омадани натиҷаҳои мусбӣ 20-21 феврали соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Э. ва сарвари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.Нурӣ дар шаҳри Машҳад вохӯрӣ баргузор намуданд. Дар ин вохӯрӣ Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ тасдиқ карда шуд ва инчунин протоколи иловагӣ ба Протоколи «Вазифаҳо ва салоҳиятҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» ба имзо расонида шуд.

Ба амал омадани чунин шароити муосид боиси он гардид, ки моҳи майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон даври ниҳоии гуфтугӯҳо ташкил ва гузаронида шавад. Ин навбат ҷонибҳо Протокол дар бораи кафолати дар амал татбиқ намудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Инчунин ҷонибҳо аз СММ дархост ба амал оварданд, ки дар самти иҷроиши Созишномаи мазкур кафолатҳои худро пешниҳод намояд ва аз Шӯрои Амнияти СММ дархост намуданд, ки бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда нозирони сулҳофари иловагӣ равона созад.

Ҳамин тариқ, 27-уми июни соли 1997 намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президент Э.Ш.Раҳмонов ва намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик бо сарварии С.А.Нурӣ дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Дар созишномаи мазкур инчунин намояндаи махсуси Котиби генералии СММ ва ҳамзамон роҳбари нозирони сулҳофари ин созмон Г.Меррем низ имзо гузошт. Бо имзо гардидани созишномаи мазкур яке аз низоъҳои мураккаби фазои пасошӯравӣ хотима ёфт.

Дар раванди ҳалли низоъҳои сиёсии Тоҷикистон давлатҳои узви ИДМ ва созмонҳои байналмилалӣ чун СММ ва САҲА нақши босазо гузоштаанд. Онҳо бо дарназардошти вазъияти муташанниҷи сиёсӣ ба сифати миёнарав баромад намуда, ҷонибҳои даргирро пайваста ба гуфтугӯ даъват намудаанд. Онҳо дар раванди ташкили гуфтушуниди ҷонибҳои низоъ ва дар самти ба имзо расидани созишномаҳои гуногуни сулҳҷӯёна саҳми худро гузоштаанд. Инчунин назорати иҷро ва риояи шартҳои созишномаҳои мазкур низ аз ҷониби созмонҳои мазкур анҷом дода шудааст.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диалоге / И. Абдуллоев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б.Гафурова. Гуманитарные науки. – 2013. – №1 (34). – С.100-109.
2. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах / Под общ. ред. Х.Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2009. -Том 1. – С.168.
3. Пешков М. Россия стратегический партнер Таджикистана / М. Пешков // Бизнес и политика. – 2000. – №1.
4. Рахматуллаев Э. Роль Организации Объединенных Наций в урегулировании межтаджикского конфликта: автореф. дисс. ... канд. полит. наук: 23.00.04 / Рахматуллаев Эркин. –М., 2002. – 21 с.
5. Сайфуллоева З.Х. Роль международных организаций и стран содружества в укреплении мира в Таджикистане (из опыта Таджикистана): автореф. дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / З.Х. Сайфуллоева. – Душанбе, 2007. – 22 с.
6. Содружества Независимых Государств [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki. Дата обращения: 25.10.2016 г.
7. Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане. 1990-1997 гг.: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.03 / О.Х.Шарафиева. – Томск, 2010. –242 с.

**РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ И СНГ В НАЦИОНАЛЬНОМ ПРИМИРЕНИИ ТАДЖИКОВ**

В данной статье автор, анализируя проблемы реализации национального примирения таджикистанцев, показывает роль международных организаций и Содружества Независимых Государств в урегулировании политического конфликта в Таджикистане. Также в статье рассматривается процесс прохождения переговоров между сторонами межтаджикского конфликта и показана лидирующая роль ООН в организации и инициации этих встреч.

**Ключевые слова:** ООН, ОБСЕ, СНГ, политический конфликт, национальное примирение, Соглашение об установлении мира, прекращение огня, переговоры, разрешение конфликта, миротворческие наблюдатели.

**THE ROLE OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS AND THE CIS IN THE TAJIK NATIONAL RECONCILIATION**

In this article the author, analyzing the problems of realization of Tajik national reconciliation, shows the role of international organizations and the Commonwealth of Independent States in the settlement of the political conflict in Tajikistan. The article also examines the process of passing the negotiations between the parties to the inter-Tajik conflict and shows the leading role of the UN in the organization and the initiation of these meetings.

**Key words:** UN, OSCE, CIS, the political conflict, national reconciliation, the agreement on the establishment of peace, ceasefire negotiations, conflict resolution, peacekeeping observers.

**Сведения об авторе:** ***Холмуродова Мехрафруз*** – докторант (PhD) Кулябского государственного университета им. А.Рудаки.

# САМТҲО ВА ПЕШОМАДҲОИ ҲАМКОРИҲОИ ГУМАНИТАРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР ҚАРИНАИ СТРАТЕГИЯИ НАВИ ИА ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Нигораи Абдусалом Суруши Аловидинпури Доробӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди дарёфти истиқлолият ба роҳ мондани робита ва ҳамкориҳо бо кишварҳо ва ҳам иттиҳоди кишварҳо назири Иттиҳоди Аврупо мубрамияти хосе касб намуда буд. Ин амрро қабл аз ҳама зарурияти ҳалли ҳарчи зудтари мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии кишвар тақозо дошт.

Равобити мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо 31 декабри соли 1991 оғоз ёфтанд, гоҳе ки Изҳороти Иттиҳоди Аврупо дар бораи эътирофи ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ дар заминаи уҳдадориҳои онҳо оиди омодагиашон ба иҷрои шартҳои дар «Усули эътирофи кишварҳои нав дар Аврупои Шарқӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ» инъикосшуда дарҷ шуда буд [1].

Дар изҳороти комиссияи Иттиҳоди Аврупо гуфта мешуд, ки Иттиҳоди Аврупо дар раванди ҳифзи ҳуқуқи инсон, пайравӣ аз усули сиёсӣ ва риояи қонуният; дар инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ; мусоидат ба рушди байналхалқӣ; тавсеаи робитаҳои тиҷоратӣ дар ин кишварҳо, мубориза муштарак бо терроризми байналхалқӣ, ҷинояткории муташаккили байналхалқӣ, паҳншавии СПИД, силоҳи ҳастаӣ саҳмгузор хоҳад буд.

Таърихи устуворшавии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки вуруди Иттиҳоди Аврупо ба равандҳои Осиёи Марказӣ хислати мақсаднок ва пайгирона дошт. Дар ибтидо Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон дар кори раҳоӣ аз бухрони амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ ва идеологиву сиёсӣ ва ҳалли низои байни тоҷикон ва минбаъда устувор сохтани ҷомеаи дунявиву ҳуқуқбунёд ва демократӣ кумак расонда, батадриҷ барои гузариш ба ҳамкориҳои бештар шароит муҳайё кард.

Дар ҳамин ҷода Иттиҳоди Аврупо барномаҳои худро баҳри барқарор намудани иқтисоди кишвари ҷангзада тарҳрезӣ ва татбиқ намуд. То соли 1997 дар Тоҷикистон 3 барномаи бузург дар соҳаи кишоварзӣ, энергетика, ду лоиҳа дар соҳаи маориф татбиқ шуданд. Теъдоди барномаҳои татбиқнамудаи Иттиҳоди Аврупо сол ба сол афзуда, тадриҷан соҳаҳои дигари ҷомеаро низ фаро гирифтанд. Маҳз дар ҳамин

солҳо роҳбарияти Тоҷикистон ба хотири тавсеаи робитаҳо бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо чанд иқдоми дипломатӣ ба кор бурд.

Иқдоми муҳим дар тавсеаи робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо маъмуриятёбии Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо дар соли 2001 ва Намояндагии Комиссияи аврупоӣ дар соли 2004 (аз соли 2009 Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ) буд, ки баҳри таҳким ва амиқёбии ҳамкории ҷумҳурӣ ҳам дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Аврупо ва ҳам бо кишварҳои узви Иттиҳод дар заминаи дуҷониба мусоидат намуд.

Ҳамкории Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон баҳри таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ доираи васеъро фаро мегирад: мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир, ифротгароии динӣ, терроризм, ҷинояткории муташаккил. Таҳлилгарон борҳо таъкид намудаанд, ки ҳудуди Афғонистони ҳамсоя ва кишварҳои Осиёи Марказӣ кайҳо ба роҳрави транзитии содироти таҳдидҳои зикршуда табдил ёфтаанд. Тақрибан 65%- и маводи мухаддири ба Аврупо дохилшуда бо роҳрави нави шимолӣ, хатсайри маводи мухаддир, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ-ро фаро мегирад, мегузарад.

Бо назардошти он ки ин омилҳо ба ҳамаи кишварҳои Аврупо ва Осиё таҳдид мекунад, Иттиҳоди Аврупо аз соли 2003 инҷониб баҳри таҳкими амнияти минтақавӣ якчанд лоиҳаҳоро дар чаҳорчӯбаи барномаҳои зерин: «Барномаи мусоидат ба идораи марзҳои Осиёи Марказӣ» (БОМКА) ва «Барномаи пешгирии паҳншавии маводи мухаддир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» (CADAP) амалӣ карда истодааст. Ин барномаҳо, ки аз соли 2004 эътибор пайдо кардаанд, ба таҳкими марзҳои тоҷику афғон таваҷҷуҳи хос доранд. Ҳадафи ҳарду барнома таъмини амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ва тасҳили ҳаракати одамон ва молҳо тавассути марзҳои кишварҳои мазкур мебошад. Вазифаи БОМКА мусоидат дар таҳкими потенсиали кишварҳои Осиёи Марказӣ баҳри идораи сарҳадҳои худ бо назардошти таҷрибаи мусбии аврупоиҳо мебошад.

Аз ҷумла, ҳадафи аслии барномаи CADAP коҳиш додани маҷрои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар кишварҳои минтақа аст. Дар чаҳорчӯбаи барномаи БОМКА нуқтаҳои назоратӣ дар се минтақаи санчишӣ аз Шӯрообод то сарҳади Чин: Қаълъаи Хумб, Хоруғ, Ишкошим бо таҷҳизоти зарурӣ ва таълими ҳайати сарҳадбонон ва гумрукӣ мустаҳкам карда мешаванд. Бо назардошти буҷаи умумӣ – 35 миллион евро, барномаҳои БОМКА-CADAP барномаҳои калонтарини ёрии техникии Иттиҳоди Аврупо ба Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравaнд [2, 156].

Дар таърихи инкишофи робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо имзои Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ дар Люксембург аз 11 октябри соли 2004 воқеаи муҳим арзёбӣ мегардад. Созишномаи мазкур, ки аз 1 январи соли 2010 эътибор пайдо кардааст, доираи васеи масъалаҳоро фаро мегирифт: муколамаи сиёсӣ, савдои молҳо, тиҷорат ва сармоягузорӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи қонунгузорӣ, иқтисодӣ, демократия ва ҳуқуқи инсон, фарҳангӣ ва молиявӣ. Метавон гуфт, ки бо имзои созишномаи мазкур робитаҳо байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо базаи мустаҳками ҳуқуқиву байналхалқӣ пайдо кард ва барои тавсеаи ҳамкориҳои судманди дуҷониба ва чандҷониба заминаи институтсионалӣ, сиёсӣ ва маъмуриро гузошт. Таҳлили мухтасари ҳамкориҳои гуманитарии Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба хулосае меорад, ки ин ҳамкориҳо дар самтҳои зерин ба амал бароварда мешуданд:

***Ҳамкорӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини волоияти қонун, дастгирии равандҳои демократӣ.*** *Ҳуқуқи инсон ҷанбаи марказии робитаҳои ИА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон буд: тавассути муколамаи сиёсӣ бо кишварҳои нав, ҳамчунин дар чаҳорчӯбаи сиёсати пешрафт ва кумак ва тавассути фаъолияти хеш дар форумҳои байналхалқӣ.*

Аз соли 1995 инҷониб ҷамоаи аврупоӣ масъалаи ҳуқуқи инсонро дар ҳамаи созишномаҳо баррасӣ намуда, ба ҳамин навъ риояи ҳуқуқи инсон ва принсипҳои демократиро чун унсури таркибии созишномаҳои дуҷониба муқаррар кардааст. Дар ин маврид метавон аз банди дуюми Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни

Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон иқтибос кард. Муколамаи васеъ байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 2008 дар масъалаи ҳуқуқи инсон оғоз ёфта, ҳамчун платформаи баррасии масоили мавриди назари ҳарду ҷониб барои таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо созмонҳои дигари байналхалқӣ назири САҲА ва СММ хизмат мекунад. Ҷаласаҳои муколама ҳар сол баргузор мегардад, ки ба масъалаҳои гуногуни дахлдор ба ҳуқуқи инсон, масъалаи нигоҳдории маҳбусон дар маҳбасҳо, озодии андеша ва эътиқод, озодии изҳори назар, интихобот, ҳуқуқи занон ва амсоли инҳо бахшида шудаанд.

Иттиҳоди Аврупо Тоҷикистонро дар масъалаи таъмини мутобиқати комил ба меъёрҳои САҲА ва стандартҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дастгирӣ намуда, ба зарурияти таҳкими волоияти қонун ва боло бурдани самаранокии амали низоми ҳуқуқӣ ишора дорад. Ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи ташаббусҳо оиди волоияти қонун низ, ки дар маҳдудаи Конфронси вузарои Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ дар шаҳри Брюссел рӯзҳои 27-28 ноябри соли 2008 оғоз ёфта буд, босамар идома дорад. Барнома дар марҳалаҳои минбаъда семинарҳои минтақавиро оиди тайёр кардани судяҳо ва ҳуқуқи ҷиноӣ дар шаҳрҳои Бишкек, Тошканд ва Душанбе фаро гирифт. Ҳамзамон Иттиҳоди Аврупо аз ислоҳоти дар Тоҷикистон идомаёфта дар соҳаи ҳуқуқи инсон, демократия ва волоияти қонун ҷонибдорӣ намуда, таҷриба ва навовариҳоро бо роҳи ҳамкориҳои молиявӣ ва техникӣ аз рӯйи лоиҳаҳои мушаххас дар чаҳорчӯбаи Василаи аврупоии мусоидат ба демократия ва ҳуқуқи инсон (ЕИДПЧ) пешниҳод менамояд.

ЕИДПЧ соли 2006 дар асоси ташаббусҳои аврупоӣ дар соҳаи демократия ва ҳуқуқи инсон, ки парлумони аврупоӣ дар соли 1994 қабул карда буд, таъсис ёфтааст. Дар чаҳорчӯбаи ин барномаи буҷавӣ Комиссияи аврупоӣ як қатор лоиҳаҳоро дар Тоҷикистон маблағгузорӣ намуда, таваҷҷуҳи асосиро ба мусоидат ба низоми плюралистии сиёсӣ, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ равона намудааст [3, 133-141].

Дар чаҳорчӯбаи ин барнома ба Тоҷикистон ҳар ду сол ба миқдори 900000 евро маблағ ворид мешавад. Аз соли 2003 сар карда дар чаҳорчӯбаи барномаи ЕИДПЧ 51 лоиҳаҳои созмонҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ба маблағи умумии 3 461 809 евро сармоягузорӣ шудааст.

Василаи дигари ҳамкорӣ дар муколамаи Намояндагии Иттиҳоди Аврупо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ барномаи рушди сохторҳои ғайридавлатӣ ва органҳои маҳаллии ҳокимият мебошад. Ин барномаи нав соли 2007 пешниҳод шуда буд ва барои дастгирии амалҳои баҳри рушд доштаи сохторҳои ғайридавлатӣ ва ё органҳои маҳаллии ҳокимият равона шуда буд. Барнома барои ба даст овардани ҳамкории хеле самаранок бо ин гурӯҳҳо таъйин шудааст. Аз ҷумла, барномаи NSA/LA ба ҳамкорӣ мусоидат карда, муколамаи сохториро дар соҳаи рушд байни шабакаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва органҳои маҳаллии ҳокимият аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои ҳамроҳшуда дар чаҳорчӯбаи созмонҳо ва ниҳодҳои худи Иттиҳод таъмин менамояд. Тибқи ин барнома Тоҷикистон ҳар соле 750000 евро маблағ мегирифт. Ҳадафи аслии барномаи NSA кам кардани камбизоатӣ дар қаринаи рушди устувор буда, он баҳри таҳкими потенсиали созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо роҳи дастгирии ташаббусҳои хосси онҳо мебошад. Аз соли 2008, яъне аз он солее, ки аввалин шартномаҳо дар чаҳорчӯбаи ин барнома ба имзо расиданд, аллакай 19 лоиҳа ба маблағи умумии 3000000 евро татбиқ гардидаанд.

Модели аврупоии инсон ва ҷомеа пешбинӣ менамояд, ки одамон худашон барои зиндагии хеш масъуланд ва барои меҳнати босамар ва натиҷаҳои он музд мегиранд. Принсипи калидии либерализм он аст, ки барои ба тартиб овардани корҳо мо ҳарчи бештар неруҳои ҳавасмандро ба кор барем ва ба маҷбуркунӣ камтар рӯ биёрем. Аммо неруҳои бозаргонӣ набояд одамонеро, ки қобилияти рақобат кардан ва худро аз нигоҳи иқтисодӣ ҳифз карданро надоранд ва ба иллати беморӣ ва қашшоқӣ баҳри зинда мондан ноқобиланд, бераҳмона нест намоянд. Барои чунин табақаи одамон иқтисодии бозаргонии иҷтимоӣ бо ном сеткаи «амнияти ҷомеа» - ҳадди ақали сатҳи зиндагӣ барои таъмини қадру манзалати инсон, як навъ кафолати

ҷомеаро пешниҳод менамояд. Дар заминаи модели инсон ва ҷомеа Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи байналхалқӣ ба сифати муҳофизи қудратманди рушди устувор, стратегияи кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва бақои сайёраи мо дар қиболи ҳифзи муҳити зист ва иқлим ва ҳамдастии молиявӣ баромад мекунад.

1. Самти муҳимми ҳамкориҳои гуманитарӣ байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо мубориза баҳри кам кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Ба андешаи собиқ сарвари намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ҷаноби Ауэр, - тайи бист соли ҳамкорӣ Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон ба маблағи 600 миллион евро кумак расондааст [4].

Дар чаҳорчӯбаи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ барои солҳои 2007-2013 кам кардани сатҳи камбизоатӣ вазифаи асосии шарикии Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва барномаҳои индикативии Комиссияи аврупоӣ дар солҳои 2010 - 2013 ба ҳадаф ва вазифаҳои санадҳои давлатии стратегӣ (аз ҷумла Стратегияи миллии рушд барои то соли 2015, Стратегияи кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва Барномаи амали зидди буҳронӣ) мувофиқат мекунанд.

Фаъолияти Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ба чунин секторҳо равона шудааст:

Ҳифзи иҷтимоӣ:

- стратегияи нави давлатии бозори меҳнат ва муҳоҷират, ки мутобиқи эҳтиёҷоти давлатӣ ва потенсиали органҳои иҷроияи дахлдор аст;
- беҳтар кардани самти мушаххаси (адресати) мусоидати иҷтимоӣ;
- таҳким ва инкишофи минбаъдаи таъминоти иҷтимоӣ;
- беҳтар ва мунтазам нав кардани маълумотҳои оморӣ оиди сатҳи камбизоатӣ, шуғли меҳнат ва иҷтимоишавӣ;
- ҳамгироии захираҳои сектори ҳифзи иҷтимоӣ ва робитаи онҳо бо раванди қабули қарорҳо;
- низоми устувори молиявӣ ва иҷтимоии нафақа».

**Дар ин ҷода чунин пешравиҳо ба даст омадаанд:** Дар моҳи июли соли 2011 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи бозори меҳнат ва нақшаи татбиқи онро барои солҳои 2011-2020 қабул кард, ки дар асоси чунин усулҳо таҳия шуда буд: 1) эҷоди муҳити кори мусоид бо мақсади мусоидат ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ; 2) боло бурдани сатҳи шуғли аҳолӣ, коҳиш додани бекорӣ ва афзудани фаъолнокии синну соли қобили меҳнат, беҳтар кардани сифати таҳсилот; 3) афзун кардани потенсиали вазоратҳои ҷалбшуда ва такмили оҷонсиҳои кадрӣ; 4) боло бурдани нақши худидоракунии маҳаллӣ дар масъалаҳои сиёсати меҳнат, коҳиш додани сатҳ ва пурра манъ кардани истифодаи меҳнати кӯдакон.

Дар моҳи октябри соли 2010 Дастгоҳи иҷроияи Президент ба татбиқи давраи санҷишии барномаи нави мусоидати иҷтимоӣ (музди меҳнати моҳонаи ягона) дар ду ноҳияи Тоҷикистон: Истаравшан ва Ёвон иҷозат дод. Татбиқи лоиҳаи пилотӣ моҳи январи соли 2011 оғоз ёфт. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи пилотӣ вазорат меъёрҳои ошкор кардани оилаҳои осебпазир, таъмини барномавиро барои идораи маълумотҳо дар заминаи интернет таҳия ва ҷорӣ намуда, ба омузиши ҳайати Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ оғоз кард. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи мазкур 17800 фармоиш баррасӣ шуда, 6500 оила ҳаққи гирифтани кумаки иҷтимоиро пайдо карданд.

Ҳамзамон 8 маркази нав кушода шуд, ки ба аҳолӣ хидмати махсусгардондашудаи иҷтимоӣ мерасонданд. Аз соли 2010 инҷониб Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ бо созмонҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ шартномаҳо баст, арзиши хидматҳо пурра аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ шуданд. Маркази баланд бурдани касбомӯзии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд – «Чорбоғ» ҳоло пурра барқарор карда шудааст ва хидмату усулҳои нав ба кор андохта шудаанд.

**Дар соҳаи тандурустӣ:** Аз соли 2010 дар ин соҳа Стратегияи миллии беҳдошт барои солҳои 2010-2020 татбиқ шуда истодааст. Дар ин самт потенсиали роҳбарикунандаи Вазорати тандурустӣ мустаҳкам карда шуд. Чаҳорчӯбаи самараноки сиёсӣ барои таҳкими муназзами бахши ёрии тиббиву санитарӣ эҷод шуд:

- боло бурдани самаранокии маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои ҳифзи саломатӣ;

- мустаҳкам кардани низоми иттилоотии тандурустӣ, ки қобил ба тавлиди ахбор дар заминаи маълумотҳо барои таҷдид ва тағйири сиёсати давлатӣ бошад;

-Шаффофият ва оперативӣ будани низоми тандурустӣ.

**Дастовардҳои муҳим дар ин самт:** Тайи солҳои 2009-2010 Вазорати тандурустӣ бо дастгирии гурӯҳи шарикони рушд, аз он ҷумла Иттиҳоди Аврупо, Стратегияи миллии тандурустиро барои солҳои 2010-2020, инчунин Нақшаи амалро барои солҳои 2010-2013 ва чаҳорчӯбаи мониторинг ва баҳодиҳии бахшро таҳия намуда буд. Стратегия моҳи августи соли 2010 аз ҷониби ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст. Дар моҳи июли 2011 Вазорати тандурустӣ Нақшаи стратегии рушди низоми иттилоотии беҳдоштро барои солҳои 2011-2015 тасдиқ намуд, ки афзалиятҳои кишварро дар эҷоди низоми ягонаи иттилоотии тандурустӣ бо шумулияти низоми босамари иттилоотии идора дар бахши тандурустӣ инъикос мекард.

**Идораи молияи давлатӣ:** Баланд бурдани потенсиали идораи миллии молияи давлатӣ, аз ҷумла таҳкими потенсиали Вазорати молия дар татбиқи стратегияи даҳсолаи ислоҳоти идораи молияи давлатӣ ва роҳбарӣ ба раванди ислоҳоти идораи молияи давлатӣ.

- Баланд бардоштани сифати пешгӯии пулӣ ва микроиқтисодӣ.
- Боло бурдани сифати банақшагирии хароҷоти давлатӣ, аз ҷумла, ҷорӣ кардани усули барномаи миёнамуҳлати хароҷот.
- Низоми пурраи ҳисоби ягонаи хазинадорӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, нақшаи ягонаи ҳисобҳо мутобиқ бо омори молияи давлатии соли 2011, назорати самараноки уҳдадориҳо ва низоми идораи маблағҳои нақдӣ.
- Аудити дохилии давлатӣ мутобиқ бо стандартҳои байналхалқӣ.
- Низоми муосири иттилоотӣ дар бахши идораи давлатии молия бо фарогирии пардохти автоматикунонидашуда ва мониторинги мутобиқ, инчунин ҳисоботдиҳӣ оиди иҷрои буҷа.
- Боло бурдани сатҳи арзёбии хатарҳо аз ҷониби Ҳукумат.
- Дастёбӣ ба санадҳои асосии буҷавӣ ва сиёсати буҷа.

Дастовардҳои муҳим: Дар соли 2010 принсипҳои нави роҳбарикунанда барои аудити дохилӣ дар вазоратҳо ҷорӣ карда шуда, Вазорати молия барномаи миёнамуҳлати хароҷотро бо тавсияҳои мушаххас тасдиқ намуд.

Бори аввал дар соли 2010 буҷаи давлатӣ дар асоси таснифоти маъмурӣ, ки дар моҳи июни соли 2009 таҳия ва расман пешниҳод шуда буд, коркард шуда буд. Дар моҳи июни соли 2011 Парламент қонуни навро дар бораи молияи давлатӣ ва қонунро дар бораи таъсиси суди миллии аудиторҳо қабул кард. Шӯрои идораи молияи давлатӣ дар сатҳи олӣ 29 августи соли 2011 маҷлиси худро гузаронда, 5 санади асосиро қабул кард: 1) Нақшаи сесолаи дуюми амал барои ислоҳи идораи молияи давлатӣ барои солҳои 2012-2014; 2) Стратегияи омӯзишии Вазорати молия; 3) Стратегияи ислоҳоти ҳисобдорӣ дар бахши давлатӣ дар солҳои 2011-2018; 4) Нақшаи стратегии рушди хазинадорӣ дар солҳои 2011-2016; 5) Нақшаи рушди бахши хусусӣ, инчунин таҳкими қобилияти ислоҳотии ҳукумат шароити мусоиди муҳити корӣ фароҳам оварда шуданд.

Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи кумакҳо ба дастгирии ислоҳоти нафақа дар Тоҷикистон 13 июни соли 2014 Иттиҳоди Аврупо ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Тоҷикистон таҷҳизоти иттилоотӣ-технологӣ фиристод, ки аз 3 сервер, 2 манбаи УПС барои маркази ҷамъоварии маълумотҳо, 108 УПС барои таҷҳизоти шабакавӣ, 4 кондитсионер, 8 воҳиди VPN, 850 ноутбук, 115 принтерҳои лазерӣ бо комплекти қисмҳои эҳтиётӣ иборат буд. Арзиши умумии таҷҳизоти пешниҳодкардаи системаи иттилоотӣ - технологии «КАНКОМ он лайн гмбх», 894 000 евро (қариб 6 250 000 сомонӣ) - ро ташкил медод. Лоиҳаи ёрии техникии ислоҳоти нафақа дар Тоҷикистон бо арзиши 1,5 миллион евро барои базаи меъёрӣ ва механизми идоракунии системаи нафақа равона карда шудааст. Айнан чунин дастгирӣ дар чаҳорчӯбаи барномаи комплексии Иттиҳоди Аврупо «Дастгирии рушди инсон II» ба

амал бароварда мешавад, ки барои татибқи он тайи солҳои 2014-2017 30,5 миллион евро ҷудо карда шудааст.

Яке аз самтҳои муҳимми ҳамкории гуманитарӣ дастгирии ҳамаҷонибаи системаи маориф мебошад. Ташаббуси «таҳсилоти аврупоӣ» силсилаи чорабиниҳоро дар соҳаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи махсус, миёнаи пурра ва олӣ, инчунин Марказҳои сифатҳои аъло (Centres of Excellence) дар Осиёи Марказӣ фаро мегирад. Барномаи «Шоҳроҳи электронӣ» таҳия шудааст, ки марказҳои тадқиқотӣ ва донишгоҳии Аврупо ва Осиёи Марказиро дар бар хоҳад гирифт. Чанд сол аст, ки дар Тоҷикистон барномаҳои омӯзишии Tempus ва Erasmus Mundus ба донишҷӯёни тоҷик барои таҳсил дар хориҷа стипендияҳо ҷудо мекунад. Феълан дар Тоҷикистон барномаҳои зерини таҳсилотии ИА - «Темпус», «Эрасмус Мундус» ва ғайраҳо амал мекунанд. Танҳо дар соли 2008 дар чаҳорчӯбаи чунин барномаҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ 10 млн евро ҷудо шуда буд.

То имрӯз дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон бештар аз 165 лоиҳаҳо бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо амалӣ шуда истодаанд, ки барои дастгирии рушди демократия ва идораи босамар, ислоҳоти танзим ва инкишофи низоми идоракунӣ, инкишофи инфраструктура ва боло бурдани самаранокии энергетика равона шудаанд.

Тоҷикистон аллакай қисмати зиёди ин дастгириҳои дуҷонибаро (66 миллион евро барои солҳои 2007-2010 ва 62 млн. евро барои солҳои 2011-2013) дар шакли дастгирии барномаҳои секторӣ, мусоидати техникӣ ва грантҳо аз худ кардааст. Ҳамкориҳо аслан ба соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва рушди бахши хусусӣ, ҳамчунин бо дастгирии молиёти давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

Теъдоди умумии кумаки Иттиҳоди Аврупо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 то имрӯз бештар аз 550 миллион евроро ташкил медиҳад. Ҳамкории Иттиҳоди Аврупо дар ибтидо, аслан, майл ба кумаки гуманитарӣ (ECHO), баъд ба мусоидати техникӣ (ТАСИС)- и ҳукумат дар соҳаҳои муҳимми давраи гузариш, рушди деҳот ва коҳиш додани камбизоатӣ ҳамроҳ бо шариконаш аз ҳисоби созмонҳои ғайриҳукуматӣ, тавассути барномаҳои идораи марзҳо ва назорат аз болои маводи мухаддир (БОМКА/КАДАП) ва ниҳоят, ҳамроҳ шудани ташаббуси аврупоӣ дар соҳаи демократия ва ҳуқуқи инсон (ЕИДПЧ) буд. Дар солҳои баъдина мусоидат аксаран тавассути василаи дастгирии буҷавӣ мутобиқ бо мусоидати техникӣ тавассути василаи Ёрии мутлақи молиявӣ ва Барномаи амнияти озуқаворӣ ва инчунин Василаи ҳамкорӣ ба хотири рушд ба амал бароварда мешуд [5].

Дар охири соли 2014 дар Люксембург ҷаласаи чаҳоруми Шӯрои ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо баргузор гардид. Дар пайомади он қарори Комиссияи аврупоӣ дар бораи қабули барномаи индикативӣ барои солҳои 2014 – 2020 дар чаҳорчӯбаи Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ қарор қабул карда шуд. Иттиҳоди Аврупо ният дорад, ки дар доираи ин барномаи нав ба иқтисоди Тоҷикистон 250 миллион евро ҷудо намояд [6].

Ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо доираи авлавиятҳои муқарраркардаи консепсияи сиёсати хориҷии кишвар (27 январи соли 2015) ҳарчи бештар мазмуну мундариҷаи нав пайдо карда, боиси фароҳам овардани шароити фарогиру муносиб барои тавсеа ва мусоидат ба роҳандозии муколамаи байни тамаддунҳо ва динҳои мардуми сокини кишвари мо ва ***кишварҳои узви Иттиҳод мегардад. Дар ин замина метавон ёдовар шуд, ки дар кишвари мо дар моҳи октябр ҳафтаи фарҳанги аврупоӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, аз 12*** то 17 октябри соли 2015 дар шаҳру навоҳии мамлакат ҳафтаи аврупоӣ гузаронида шуд. Силсилаи вохӯриҳо, нишастҳои фарҳангӣ, намоиши филму наворҳои аврупоӣ ва баромади дастаҳои ҳунарӣ боиси боз ҳам наздик шудани фарҳангу тамаддуни тоҷикиву аврупоӣ мегардад.

Гуфтанист, ки ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро пешомади хубе интизор аст. Ба мо лозим меояд, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, бавижа дар кори пешбурди ҷомеаи демократӣ, такмили ниҳодҳои демократии ҷомеа, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, решакан кардани нобаробарии гендерӣ, тавсеаи

ислоҳот дар соҳаи маориф корҳои зиёдеро ба анҷом расонем. Барои ин, албатта, вақт лозим аст. «Кишваре, ки дар он тайи 70-80 сол як сиёсат ва идеологияи ҳамсон пеш бурда мешуд, наметавонад дар давоми 10-20 сол ба ҷомеаи демократии мутамаддин табдил ёбад», - гуфта буд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳиба бо мухбири «Евронюс». Ҳамзамон Президенти кишвар дар вохӯрӣ бо муовини дабири кулли хадамоти аврупоии фаъолияти хориҷӣ Хелгу Мария Шмид, ки моҳи марти соли 2015 ба Тоҷикистон ба хотири иштирок дар муколамаи сатҳи баланди Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ оиди амният ташриф оварда буд, изҳор дошт, ки «Иттиҳоди Аврупо метавонад дар симои Тоҷикистон шарики боэътимод ва стратегии худро дар минтақаи муҳимми геополитикии Осиёи Марказӣ, ки дар хатти пеши мубориза бо таҳдидоти глобалии муосир қарор гирифтааст, бинад» [7].

Дар низоми ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо мулоқотҳо ва боздидҳои сарварон – Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти ҷамоаи Аврупоӣ нақши муассир дорад. Ин вохӯриву боздидҳо боиси муайян намудани самтҳо ва афзалиятҳои ҳамкорӣ, мушаххас намудани роҳу равиши ҳалли мушкилоти ҳамкориҳои тарафайн мегарданд. Масалан, дар чаҳорчӯбаи боздиди расмии Эмомалӣ Раҳмон ба Брюссел Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар байни Бонки инвеститсионии Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида буд. Дар рафти боздиди навбатии расмиаш Президенти Тоҷикистон аз 9 то 12 апрели соли 2013 ду санади муҳим ба имзо расонида шуд:

1. Меморандум дар бораи тавсеаи ҳамкориҳо дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки инвеститсионии Аврупо.
2. Меморандум дар бораи ҳамкории байниҳамдигарӣ дар соҳаҳои беҳдошти давлатӣ ва хусусӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассосиатсияи тандурустии шоҳигарии Белгия [8].

29 ноябри соли 2012 ҳангоми боздидаш аз Осиёи Марказӣ ба Тоҷикистон намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба умури хориҷӣ ва сиёсати амният, ноиби президенти Комиссияи аврупоӣ Кэтрин Эштон омада, бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон вохӯрд. Зими суҳбат тарафайн иброз доштанд, ки ҳамкории минбаъдаи Иттиҳоди Аврупо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳадафҳои стратегии ҷамоаи аврупоӣ оиди таъмини амният – пешгирии гардиши маводи мухаддир, ки аз Афғонистон тавассути марзи тоҷику афғон мегузарад, роҳҳои паҳн шудани ҷинояткории муташаккил, терроризми байналхалқӣ, муҳоҷирати аз назорат берунмонда устувор хоҳад шуд. Таҳлил ва муқовимат ба таҳдидоти мавҷуда мундариҷаи аслии ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил хоҳад дод [9]. Аз таҳкими амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон устувории минтақа ва маҳдудаи Авруосиё вобастагӣ дорад, зеро мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ метавонанд омили ноустуворкунанда баромад кунанд. Ба ин хотир Иттиҳоди Аврупо метавонад дар таҳкими амнияти миллии Тоҷикистон тавассути дастгирии раванди мустаҳкам ва танзими марз, ҳалли мушкилоти гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, коҳиш додани ташаннуҷи этникӣ, мусоидат ба модернизатсияи мамлакат нақши муассир бозад.

**АДАБИЁТ**


1. Майтдинова Г. Сотрудничество Евросоюза и Республики Таджикистан в начале XXI века / Безопасность в Центрально-азиатском регионе: опыт и практика в решении этнополитических конфликтов / Г. Майтдинова // Материалы III Международной научной конференции. Душанбе, 8-10 июня 2004 года). - Душанбе, 2005. - с. 165.
2. Посол ЕС в Таджикистане Эдуард Ауэр: «…За 20 лет сотрудничества мы были успешны во всех областях».
3. Мамадазимов А. Основные этапы становления и развития двусторонних отношений между РТ и ЕС / А. Мамадазимов // Сиёсати хориҷӣ. -2012. - №2. -С. 133-141
4. Брюссель покупает лояльность Душанбе. Виктория Панфилова.Обозреватель отдела политики стран ближнего зарубежья "Независимой газеты"

5. Джамалова М.К. Участие Европейского Союза в сохранении мира в постконфликтном Таджикистане / М.К. Джамалова // Европейский Союз и Таджикистан – состояние и перспективы сотрудничества. - Душанбе, 2003.
6. Александр Шабалин. Совет Европейского Союза озвучил новую Стратегию ЕС по Центральной Азии/Александр Шабалин. [Электронный ресурс]. 02 июля 2015 © News-Asia
7. Майтдинова Г.М. Сотрудничество Таджикистана и Европейского Союза по обеспечению центрально-азиатской безопасности / Г.М. Майтдинова // Материалы международной научной конференции «Национальные интересы и политика безопасности государств Центральной Азии в условиях глобализации (евразийские модели как альтернатива мондиализму)». – Душанбе, 2005.
8. Байзакова К.И. Политико-правовые основы сотрудничества вропейского Союза с Центральной Азией / К.И. Байзакова. [Электронный ресурс]. www.krugosvet.ru. Search/ security/ca/ 7564.
9. Финансовая помощь Европейского Союза республикам постсоветской Средней Азии: Медленно и не слишком эффективно. 27.01.2014 14:49 msk, Фергана.

**НАПРАВЛЕНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ ГУМАНИТАРНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В РАМКАХ НОВОЙ СТРАТЕГИИ ЕС В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ**

В данной статье анализируются состояние и перспективы сотрудничества Европейского Союза с Республикой Таджикистан в различных отраслях в современных условиях. При формировании внешнеполитического и внешнеэкономического курса Таджикистана учитывалось, что Западная Европа, институты европейского сообщества являются той политической и экономической силой, которую следует учитывать при разработке стратегии внешней политики каждого государства. ТаджикистаниЕвросоюзужевзаимодействуюткакпартнеры.

**Ключевые слова:** внешная политика, государство, Европейский союз, партнерство,стратегия, сотрудничество, Таджикистан.

**DIRECTIONS AND PERSPECTIVES HUMANITARIAN COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND EUROPEAN UNION IN THE CONTEXT OF NEW STRATEGY OF EU IN CENTRAL ASIA**

Thereare analyzing the problems and perspectives of European Unioncooperation with the Republic of Tajikistan in different branches in modern conditionsin this article. While organizing foreign policy and economy of Tajikistan it was considered, that the Western Europe, institutes of the European community are the sample of political and economic force which should be taken into account for working out the strategy of foreign policy of every state.Tajikistan and European Union has been already cooperated as partners.

**Key words:** foreign policy, state, European Union, partnership, strategy, cooperation, Tajikistan.

**Сведения об авторах:** ***Нигораи Абдусалом*** - аспирантка кафедры международных отношений Таджикского национального университета
***Суруши Аловидинпури Дороби*** – аспирант дневного отделения кафедры международных отношений Таджикского национального университета

# РОЛЬ ПРОФЕССОРА А.Д. ДЖАЛИЛОВА В РАЗВИТИИ ИСТОРИЧЕСКОЙ НАУКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Ахтамкулзода Марворид***
**Таджикский национальный университет**

Профессор А.Д. Джалилов как видный и признанный ученый в области истории Средней Азии периода до арабских завоеваний и ислама занимался разработкой учебников для высших учебных заведений. Содержательные научные статьи и участие в разработке очерка истории таджикского народа свидетельствовали о росте А.Д. Джалилова как серьёзного ученого. Поэтому, он был приглашен в качестве со автором для написания первой многотомной «Истории таджикского народа». Им была написана глава «Борьба народов Средней Азии против арабских завоевателей» [1].

В этой главе автор пишет историю арабских завоеваний и народных движений не только Согда, но и всей Средней Азии.

В новом издании многотомной истории таджикского народа ученый написал несколько разделов.Он внёс достойный вклад в написании как первого, так и второго издания «Истории Таджикской ССР» [2].

Главы «Борьба народов Средней Азии против арабских завоевателей «Народы Средней Азии в составе Арабского халифата», «Таджикский народ в составе государства Тимура и Темуридов» принадлежат перу ученого.

Таджикистан – наследник великих цивилизации Центральной Азии – в плод до средины XX в. Оставался почти неизученным с точки зрения археологии. В 1946г начала разворачивать свои работы Таджикско – Согдийская археологическая экспедиция (с 1952 года Таджикская археологическая экспедиция). Для участия в работе.

СТАЭ была привлечены специалисты ведущих Научных центров СССР. Формирования академика Н.Н. Негматова и профессора А.Д. Джалилова как археолога началось при раскопках городища древнего Пенджикента.

В 1969 году он в соавторстве с академиком Н.Н. Негматовым опубликовал книгу и Пенджикенские открытия ( на таджикском языке) [1].

Следует отметить, что собственные наблюдения и материалы более двадцати лет раскопок позволили автором осветить краткую до исламскую историю Древнего Пенджикента. Осведомлённость А.Д. Джалилова о сведениях письменных источников и новых данных археологии позволила ему написать труды и по раннесредневековой культуре предков согдийцев и тахаристанцев. В 1973, вышли из печати две книги ученого: «Жемчужины древней культуры» [1] ( на таджиком языке) и «Культурная жизнь предков таджикского народа и таджиком в раннем средневековье» [2]. В Советской историографии - это первое исследование, посвященное проблеме истории народа. В них автор, рассматривая вопросы языка и письменности, науки и литературы, архитектурно – приходит к декоративного, изобразительного и музыкального искусств, заключению о том что Согдийцы и Тахаристанцы была носителями большой многогранной культуры.

Они являлись наиболее просвещёнными народами своего времени. Именно, благодаря их много вековым культурным традициям, их потомки - таджики в IX – X вв., Создали культурные ценности, получившие мировое признание.

Изданная в 1974 г, работа профессора А.Д. Джалилова «Из истории положения женщин, Средней Азии до и после распространения ислама» в советской историографии остается единственным исследованием по данной проблеме, особенно по проблемам доисламского положения женщин [1]. В ней а основе изучения и анализа большого числа археологических материалов и данных письменных источников, автор рассматривает социально – экономическое и правовое положение женщин Средней Азии в указанный период. Автор приходит к выводу, что завоевание Средней Азии арабами и распространение ислама существенно изменили положение женщин, превращая их в безвольных и без пряных членов общества.

Профессор А.Д. Джалилов внёс заметный вклад подготовке к изранило «История Ленинабада», посвященного 2500 – литию основания г. Худжанда. Автор в этой книге показывает историю Худжанда, начиная с периода господства Эфталитов и Тюркского каганата (V – VIвв.) до арабских завоеваний включительно.

Профессор А.Д. Джалилов в этих разделах исследует социально – экономическую, политическую историю, материальную и духовную культуру города. Результатом более двадцатилетнего упорного труда и научных изысканий А.Д. Джалилова явилась успешная защита в 1975 году докторской диссертации на тему «Согд и Тохаристан, в эпоху возникновения и развития феодальных отношений» [1].

Согд и Тохаристан являются одними из древнейших очагов оседлой земледельческой культуры. В древности и раннем средневековье роль и место этих областей в истории Средней Азии была огромней и ведущей. Именно в этих областях, а также в Уструшане проходила жизнь предков таджикского народа - согдийцев и

бактрийцев – Тохаристанцев, оказавших большое влияние на античную и средневековую цивилизацию не только Средней Азии, но и рядам сопредельных областей.

Докторская диссертация профессора А.Д. Джалилова получила высокую оценку видных востоковедов Санкт – Петербурга (Ленинград), Москвы, Кавказа, Ташкента и других научных центров бывшего Советского Союза.

Научный консультант А.Д. Джалилова, ученый с мировым именем, академик АН СССР. Б.Г. Гафуров о диссертации отмечал, что её автор написал большую по объему работу. Источниковедческая база работы состоял арабских таджика – персидских и согдийских письменных источников, а также китайских, византийских и др, источников.

А.Д. Джалилов смог доказать, свои положения и выводы о высокой и самобытной культуре среднеазиатских народов в эпоху раннего средневековая, показать их вклад в мировую цивилизацию.

Не менее важен и социально – экономический аспект работы. Столь детальное обобщение и исследование этой важнейшей эпохи до этого отсутствовало в научной литературе. Видный археолог член корреспондент АН Республики Туркменистана профессор В.М. Массон, высоко оценил вклад ученого. Он писал: « тематика самой работы и отдельных её глав весьма обширна. По существу каждая глава могла бы стать предметом особого и пространного исследования объемом с рассматриваемый труд. Тем более велика заслуга исследователя который и целом удачно отражал главное и существенное содержание эпохи во всех её основных направлениях и на этом материале построил свои анализ. Перед нами бесспорно компетентный историк, вдумчивый исследователь, владеющий первоисточниками, широко ориентированный в специальной литературе и исторической проблематике» [1].

Известный археолог и востоковед А.М. Беленицкий писал, что работа такого направления потребовала привлечения исключительно большого количества разнообразных источников как письменных так и археологических.

Этому содействовала деятельной А.Д. Джалилова в качестве профессора в университетской аудитории, и в определённой степени то, что он знаком и с лопатой археолога ….. Автору повезло в том отношении что он вырос и сложился как ученый в традициях замечательной исторической школы созданной академиком В.В. Бертольдом…. традиций, унаследованных им через своего непосредственного учителя А.Ю. Якубовского. Отметим также, что его консультантом являлся ученым с мировым именем, академик Б.Г. Гафуров» [1].

Академик АН Республики Таджикистан З.Ш. Раджабов отмечал: «Перед нами солидное, капитальное исследование авторов которого сделан крупный вклад в советскую и историческую науку» [2]. Высшая Аттестационная комиссия при Совмине СССР в 1976 году присудила А.Д. Джалилову учению степень доктора исторических наук.

В 1978 году ему было присвоено ученое звание профессора по специальности древней и средневековой истории. Следует отметить, что профессор А.Д. Джалилов являлся одним из авторов патом Таджикской Советской Энциклопедии.

Перу ученого принадлежать статьи «Мавераннахр», «Древний Пенджикента», «Согд», «Табари», «Арабское завоевание», «Военное искусство», «Востание Муканны», «Маймург», «Тахористан» [3].

Профессор Джалилов в специальном томе «Таджикском ССР», [4] посвященном 50 – литию со дня образования Таджикской Республики в разделе «История», написал главы «Арабское завоевание» в Средней Азии, « Борьба, народных масс против иноземных захватчиков».

Профессор А.Д. Джалилов является автором многочисленных научно – популярных статьей, которые была опубликованы на страницах журналов «Садои Шарк», «Илм ва ҳаёт», «Занони Тоҷикистон».

Профессор А.Д. Джалилов в статьях «Антиарабское движение согдийцев 720 – 722», «Наука и исскуство эпохи Абуали ибн Сина», «Этническая и научная среда Борбада»,

«Эпоха Абдурахмона Джами», « О материальноц культуре IX – X вв.», опубликованных в Известиях и отделения общественных наук АН Таджикской СССР, Сборниках «Рудаки и его эпоха», «Абдурахмони Чоми», «Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии» рассматривал различные проблемы политической и этнической истории, материальной и духовной культуры таджиков в средневековье.

Под руководством и непосредственным участием профессора А.Д. Джалилова была составлены программы спецкурсов, переведены на таджикский язык программы и учебники по истории первобытного общества и истории средних веков.

Профессор А.Д. Джалилов внес заметный вклад написании учебника «История средних веков» (на таджикском языке) для исторических факультетов университетов.

Профессор А.Д. Джалилов участник более 15 международных и всесоюзных научных конгрессов, симпозиум и конференций, в большинстве из которых выступал с проблемными докладами.

Профессор А.Д. Джалилов выступал с научными докладами во миногах Республиканских, региональных и ежегодных университетских научно – теоретических конференциях по различным вопросам истории и истории культуры, социально – экономических отношений Центральной Азии в древности и средние века. Ученый как, специалист по проблемам древней и средневековой истории, профессор.

Профессор А.Д. Джалилов был избран заведующим кафедрой древней и средневековой истории ТГУ им В.И. Ленина ( ныне кафедрой должности и течение 37 лет (1966 – 2003 гг., с. 2003 г. – он профессор данной кафедра) он неустанно занимался воспитанным будущих историков.

Профессор А.Д. Джалилов принимал активное участие в обсуждении и защите кандидатских и докторских диссертации по различным проблемам средневековой истории. Он часто выступал в качестве официального оппонента и рецензента по многим докторским и кандидатским диссертациям в г. Москве, Санкт – Петербурге, Ташкенте, Алма – Ате, Душанбе и других научных центрах.

О вкладе профессора А.Д. Джалилова в развитии народного образования и историка - востоковедческой науки свидетельствует результаты его научной деятельности: 5 монографии, 172 научных, научно – популярных и учебное – педагогических книг, брошюр, статьей и учебных пособий, среди которых главы крупного международного издания ЮНЕСКО «История цивилизации Центральной Азии» [1].

Профессор А.Д. Джалилов принимал активное участие в подготовке научных и научно - педагогических кадров, в течение долгих лет являлся членом специализированных советов по защите докторских и кандидатских диссертации по историческим наукам при ТГНУ и Институте истории археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ.

Таким образом, моисно профессор А.Д. Джалилов являлся историком – востоведом и медиевистом в полном смысле этого слова: он часть с ссылался на высказывания патриархов истории еродата, Табари, Б. Гафурова и других видным историков и постоянно подчеркивал, что стать настоящим историком очень нелегко, по особенно древнему и средневековому период истории.

За добросовестное отношение к работе профессор А.Д. Джалилов был награжден юбилейной медалью за доблестный труд. В ознаменование 100–летаю со дня рождения награжден значком «Отличник народного образования Таджикской СССР», «Отличник просвещения СССР», ему било присвоено почетное звание «Заслуженный деятель науки и техники Таджикистанам», также грамотой Президиума Верховного совета Таджикской СССР. Профессор А.Д. Джалилов обогатил науку и образование своим огромным вкладом. Пользовался заслуженным авторитетом среди профессорского - преподавательского и студенческого коллективов Таджикского Национального Университета. Профессор А.Д. Джалилов большую воспитательную работу со студентами, воспитывал студентов в духе патриотизма, дружбы и любви к отчизне.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. История таджикского народа. - М.: Наука, 1964. – Т. 2. -Кн. 1. – С.93, 129.
2. История Таджикской ССР: учебное пособие для Вузов. – Душанбе: Ирфон, 1965; 1983.
3. Джалилов А. Негматов Н.Н. Кашфиёти Панҷакенти қадим = (Пенджикенские открытия) А. Джалилов, Н. Негматов. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 100с.
4. Джалилов А.Д. Дурдонаҳои маданияти қадим = (Жемчужины древней культуры) / А.Д. Джалилов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 56с.
5. Джалилов А.Д. Из культурной жизни предков таджикского народа и Таджиков в раннем средневековье / А.Д. Джалилов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 148с.
6. Джалилов А. Из истории положения Средней Азии до и после распространения Ислама / А. Джалилов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 48с.
7. Джалилов А. Ходжент в составе государства Эфталитов и Тюркского Каганате / А. Джалилов // История Ленинабада. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 53, 57.
8. Джалилов А.Д. Согд и Тохаристан в эпоху возникновения и утверждения феодальных отношений: дисс… доктора ист. наук / А.Д. Джалилов. МНО Тадж. Гост. Ун – т им. В.И. Ленина. –Душанбе, 1975. - 433 с.
9. Профессор Абдухамид Джалилович Джалилов (библиография) – Душанбе, 1966. – 16, 17.
10. Энциклопедии Советии тоҷик. – Ҷ. 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7.
11. Таджикская Советская Социалистическая Республика (спец том). – Душанбе, 1974. – С. 85 – 87.
12. Таърихи асримиёнагии давлатҳои Аврупо. Ҷилди аввал, Китоби дарси барои донишҷӯёни факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ.- Душанбе: Эр – граф, 2013. -235 с.
13. История цивилизаций Центральной Азии (на английском языке).– Париж, 1996. -Т. 4.

**РОЛЬ ПРОФЕССОРА А.Д. ДЖАЛИЛОВА В РАЗВИТИИ ИСТОРИЧЕСКОЙ НАУКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Данная статья посвящена изучению жизни и научной деятельности Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, академика Академии педагогических и социальных наук Российской Федерации, доктора исторических наук, профессора Абдухамида Джалиловича Джалилова. В статье раскрываются роль профессора А.Д. Джалилова в развитии исторической науки в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** раннее средневековье, раскопка, осведомлённость, жемчужина, советская историография, духовная культура, феодальные отношения, востоковед, источниковедческая база, исследователь, историческая проблематика, научно – популярный.

**THE ROLE PROFESSOR A.D. JALILOV IN PROGRESS HISTORICALLY SCIENCES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is dedicated to Honored Scientist and engineering of the Republic of Tajikistan, academician of the Academy Pedagogical and Social Sciences Of the Russian Federation, doctor historically sciences, professor Abduhamid Jalilovich Jalilov. In article highlights the role professor A.J. Jalilov in progress historically sciences in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** medieval century, excavation, well – informed, pearl, soviet historiography, spiritual culture, feudal relation, orientalist, sources base, researcher, historically problem, science - popular.

**Сведения об автора:** ***Ахтамкулзода Марворид*** – аспирантка дневного отделения кафедры древней средневековой истории и археологии Таджикского национального университета

# АКАДЕМИК МАСОВ Р.М. - ОСНОВАТЕЛЬ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

***Х.С. Нурова***

**Российско-Таджикский (славянский) университет**

Академик Масов Рахим Масович – крупнейший историограф своего времени, новатор в науке, стремящийся воспитать в таджикском народе любовь и уважение к своей истории. Как пишет исследователь: «Главное, что характерно для большинства научных трудов академика Масова Р.М., - это строгое следование традициям прогрессивного классического востоковедения и его лучших представителей – академиков В.В. Бартольда, С.Ф. Ольденбурга, И.Ю. Крачковского, А.А.Семенова, М.С. Андреева, считавших непреложным законом для любого ученого справедливость в анализе фактов, критический

подход к оценке событий и явлений, доброжелательность и гуманность в отношении к изучению истории народов и стран» [1].

С самого начала своего научного пути Рахим Масович избрал интересующее его направление и на протяжении своей длительной плодотворной научной карьеры неукоснительно следовал ему. Вскоре стало очевидно, что молодой, подающий надежды, историк определил для себя верное направление. Его неповторимый стиль, характеризующийся глубоким всесторонним анализом, твердой, объективной оценкой, стал визитной карточкой учёного. Скрупулёзно анализируя в своих работах труды других ученых, Рахим Масович обнаруживает упущения и разногласия, делает свои собственные выводы, подкрепляя их архивными материалами.

В 1968 г. Рахим Масов успешно защитил кандидатскую диссертацию на тему «Историография социалистической реконструкции сельского хозяйства и дальнейшего развития колхозного строительства в Таджикистане», в которой соискатель раскрыл проблемы развития отрасли. Выбранная им тема была на тот момент первой по историографической проблематике в республике. Осознавая то, что он является в некоторой степени первопроходцем, Масов продолжил упорно идти в новом научном направлении – историографии новейшей истории Таджикистана. Он считал необходимым разработать историографию колхозного крестьянства Таджикистана периода Великой Отечественной войны (1941-1945гг.) Тем самым он определил дальнейшее направление историографического исследования данной темы.

В 1982 году Масовым была представлена к защите докторская диссертация «Историография социалистического строительства в Таджикистане», которая стала результатом его многолетней кропотливой работы в области историографии советского общества. Защита с большим успехом прошла в Московском государственном историко-архивном институте.

Важным нравственным качеством человека является умение дружить, быть верным в дружбе. Необходимо и важно подчеркнуть, что высказывания ученых, поэтов и философов совпадают с народными изречениями. Абу Абдулах Рудаки считает, что самое сильное огорчение на свете – это разлука с хорошим другом: «Если друзей у тебя тысячи, считай, что друзей мало» [9,14], (народный афоризм: «Для джигита и тысячи друзей мало»). Туси советует: «Не дружи сразу, сперва испытай друга» [3,58] (в народе говорят: «Друг проверяется бедой, герой- сражением, долг- честностью»). Балхи утверждает: «Друг во имя друга должен жертвовать жизнью» [3,59], (сравни с народными изречениями: «Друг тот, кто вовремя приходит на помощь», «Ради друга терпи и пургу и снег»). Хусрав считает: «Уметь дружить- доброе дело, а преданность в дружбе- великое дело» [2,14], (в народе- «Лучше дружбу беречь, чем сокровище копить»). Ширази напоминает: «Хороший друг о твоих недостатках говорит тебе в глаза, плохой друг говорит об этом другим» [10,102], (в народе: «Порицание – подарок друзей», «все, что исходит от друга, - благо»). Хосров продолжает эту мысль: «слушайся верного друга, хотя он кажется неприятным, обернутся его советы впоследствии приятным» [3,60], (народ считает: «Лучше выслушать упреки друзей, чем потерять их»). Бывает, однако, неискренность в дружбе. В таких случаях Хосров советует: «Предпочитай лучше верного тебе пса, чем неискреннего, довольного собой друга» [2,49], (сравни: «Неискренность друга – неизлечимая болезнь», «Пусть умрет тот друг, который забыл, как ты с ним последний кусок делил») и т.д.

Просветители Востока призывали любить свой народ, служить ему верой и правдой. День, когда человек не сумел принести пользу своему народу, мудрецы советовали не включать в летопись своей жизни. Аттар с огорчением писал: «Не знал, чем могу быть полезным людям, когда были силы, когда же понял – не было силы» [2,112], Отсюда назидание Бедиля – спеши быть полезным своему народу: «Взгляни в лицо народа, о нем думай всегда» [3,61].

Педагогическая сокровищница Востока полна оригинальных мыслей о значении знаний в жизни человека, о постоянном расширении знаний и применении их на практике. Рукниддин Авхиди: «Знание не тонет в воде, не горит в огне, его не может развеять даже ураганный ветер»[3,62]. И далее: наука и знание направят тебя на верный путь, как светильник озаряет дорогу, а, вооруженный наукой, знаниями, ты «бессудно сумеешь преодолеть водное пространство» [3,63].

Знания необходимо систематически пополнять, совершенствовать. Эта мысль находит свое подтверждение в многочисленных высказываниях. Если однажды знания принесли тебе пользу, постарайся приумножить их, говорил Дехлави. Мир познаваем, но много еще непознанных вещей. «День и ночь- 72 года думал и понял, ничего до конца не познано»,- утверждал Хайям. Балхи дополняет: «Мои знания поднялись до такого уровня, что теперь понял- я совсем без знаний». Если у тебя мало знаний, не горюй: «малое знание тоже имеет большое значение». Если не знаешь, спроси знающих, «спрашивать не стыдно» [3,63]. Но главное- разумное применение знаний. Джами советует посвятить дни и ночи трем вещам: изучать неустанно науки, применять знания в работе, передавать свои знания другим [1,114].

Просветители считали, что ум человека проявляется, прежде всего, в его речи. Хосров так и писал:

Твоя речь – признак твоего ума,
Как только заговоришь – явствует она [3,57].

Дехлеви также ратовал за ясную и точную речь

«Если речь твоя четка и точна, каждое слово в ней смыслом полно»[2,127].

Искусству слова придавалось большое значение, риторику особо изучали в учебных заведениях. Фирдоуси напоминает:

Кто говорит в кратком много,
Тот прославит себя в искусстве слова [3,57].

Речь должна быть обдуманной. Джами сравнивал слово с птицей, которая, если вылетит из клетки, туда больше не возвращается. Он советует:

Прежде подумай: надо ли говорить?
Умно ли, глупо ли, следует различать [3,100]

Эту же мысль Балхи выражает более образно:

Просквозив через тридцать два зуба,
Слово находит место в тридцати двух ушах.
Так знай: вернуть его никому не дано,
Словно выстрелянную пулю не вернет никто [3,192].

Темп и интонация речи в ораторском искусстве имеют большое значение, поэтому Хосров наставляет:

Обдумай, взвесь, прежде чем говорить,
Излагай спокойно и ласково свою мысль [3,183].

Идеи умственного воспитания широко отразились и в народной педагогике. Они во многом совпадают со взглядами великих мыслителей. Народ считает «Знание – светоч ума», «Без знаний работы не добыть, без работы сытым не быть»

Народ связывал знание с воспитанностью, благородством и счастьем человека: «Вселенная освещается солнцем, человек – знаниями», « Учение – семена знаний, а знания – семена счастья». Народ заботился и о применении знаний в жизни, так как был уверен: абстрактные знания, оторванные от жизни, учения – это туча без дождя».

Народная мудрость не принимала зубрежку, увлечение лишь книжными знаниями: «У того, кто приобрел знания только по книгам, ошибок больше, чем правильных шагов». Осуждался человек, который не хочет делиться своими знаниями: «Кто не делится своими знаниями, подобен свету в кувшине».

Народ стоял за систематическое пополнение знаний и на основе народной философии образно рассуждал: «Учиться - все равно, что плыть против течения: остановился на минуту - и тебя отнесло назад».

Много прекрасных афоризмов народ создал о книге- источнике знаний: « Восход солнца природу пробуждает, чтение книг – голову просветляет», «Нет больше

наслаждения, чем читать книги», «Три дня не будешь читать книг – твоя речь потеряет свою прелесть» и т .д.

Наконец, следует отметить, что в идейном наследии великих мыслителей большое внимание уделяется проблемам отцов и детей, привитию молодежи чувства уважения к старшим, важности личного примера родителей. Ширази в упор ставит вопрос: «Прошли года, а ты проведал могилу отца? Знай, что ты сделаешь для отца, то же жди от своих детей». «От отца в наследство не жди драгоценностей, - советует он, - лучше унаследуй его мудрость». «Что толку от драгоценности, она быстро истратиться, а мудрость – вечное богатство», - заключает он.

В народной педагогике отец и мать рассматриваются как первые воспитатели. Народ создал своеобразный культ матери: «Всю жизнь, день и ночь трудись – труд матери не возместишь», «Ласка матери и до камня доходит», «Грудь матери - колыбель сына». Много добрых слов народ приберег для отцов: «Хоть шесть дней голодай, но отца почитай», «Отец жив – смотри на его поступки, отец умер – помни о его воле» и др.

Искренне желая молодежки счастливой судьбы, мыслители Востока напоминали ей, что жизнь коротка, пора молодости приходит и уходит, поэтому важно разумно использовать каждый день, подаренный судьбой. Дехлеви выражал свое назидание юным: «В цветущую пору молодости наполнял делом каждый миг жизни» [3,61]. Великий жизнелюбец Омар Хайям вселял молодым уверенность, чувство оптимизма, призывал жить и трудиться, веря в будущее: «Будь весел – не навек твоя пора, пройдет сегодня, как прошло вчера», «Миг, данный нам, в веселье проведи, не плачь о прошлом, не страшись грядущего» [3,62].

Таким образом, мыслители средневековья оставили богатейшее идейно-педагогическое наследие, оказавшее большое влияние на формирование народных взглядов на воспитание и обучение молодого поколения. Поэты, писатели, философы и другие ученые более позднего времени продолжали гуманистические идеи своих великих предшественников.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абдурахман Джами. Избранное /Абдурахман Джами. –М.,1955. -402с.
2. Бертельс Е.Э. История персидско- таджикской народной литературы / Е.Э. Бертельс. -М.,1960. -344с.
3. Брагинский И.С. Из истории таджикский народной поэзии / И.С. Брагинский. -М.,1956. -294с.
4. Волков Т.Н Этнопедагогика / Т. Н. Волков. –Чебоксары, 1974. -301с.
5. Лафарг П. Язык и революция / П. Лафарг. - М., 1930. -201с.
6. Измайлов А,Э. Народная педагогика. Педагогические воззрения народов Средней Азии и Казахстана / А. Э. Измайлов. - М.,1991. -198с.
7. Саади Ширази. «Гулистон» («Розовый сад») /Саади Ширази; Перевод, предисловие и примечания М.Алиева. - М.: Наука, 1959. -311с.
8. Саади Ширази. Бустон («Плодовый сад») /Саади Ширази. -М.: Наука. 1962. -301с.
9. Рудаки. Стихи / Рудаки. -М., 1963. -396с.
10. Хафиз Ширази. Саду як ғазал («Сто одна газель») /Хафиз Ширази. - Душанбе: Ирфон, 2008. -104с.


**ТРАДИЦИИ ВОСПИТАНИЯ В ТАДЖИКСКИХ ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ**


В статье рассматривается понятие воспитания в представлении таджикского народа в пословицах и поговорках. Подчеркивается, что пословицы и поговорки в этнопедагогике таджиков занимает важное место в процессе воспитания подрастающего поколения.



**Ключевые слова**: пословицы, поговорки, народная педагогика, афоризм, миниатюра, дружба, гуманизм, воспитания, знания.


**TRADITIONS OF EDUCATION IN THE TAJIK PROVERBS**


The article deals with the concept of education in the representation of the Tajik people in proverbs and sayings. It is emphasized that the proverbs in ethnopedagogics Tajiks plays an important role in the upbringing of the younger generation.



**Key words:** proverbs, folk pedagogy, aphorism, miniature, friendship, humanity, education, knowledge.



**Сведения об авторе**: ***Х.Д. Назаров -*** ассистент кафедры таджикского и русского языков Финансово - экономического института Таджикистана. Телефон: **918-56-68-88**

# АҚИДАҲОИ ТАРБИЯВИИ ИБНИ ТУФАЙЛ

***Фарзонаи Сайфиддин***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Таълиму тарбия аз қадимулаём дар тамоми давр дар ҷомеа нақши муҳим ва созгор дошт ва дорад. Масалан, дар қадим яке аз бузургтарин неъматҳо барои мардуми Шарқ фарзанд ба шумор мерафт. Гузаштагони мо бештар талабгори писар буданд, зеро ба ақидаи онҳо писар пуштибони падар, ҳимоятгари хонавода ва Ватан ба шумор мерафт. Вақте ки фарзанд ба дунё меомад, ӯро равғани дарахти парахома ё хаома мехӯрониданд. Ин корро барои он мекарданд, ки тифл дар оянда ҳушёр, бофазилат ва оқил гардад.

Падарон вазифадор буданд, ки фарзандони худро ба мактаб фиристанд ва ба ӯ илму ҳунар омӯзонанд. А. Бижан дар китоби худ «Чашмандози тарбия дар Эрон пеш аз ислом» мегӯяд: «Дар китоби «Авесто» омадааст: «Агар туро фарзанд хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки фурӯғи дониш чашми равшан ва биност» [1]. Фарзандон низ, дар навбати худ, вазифадор буданд, ки ҳурмати падару модарро ба ҷо оваранд.

Халқ дониш ва хирадро хеле ситоиш мекард. Илму хирад худои ба худ хос (бо номи Чисто) дошт. Онҳо аз худо илтиҷо мекарданд, ки барои онҳо фарзандони донишвар ва хирадманд ато намояд. Аҳурамаздо сарчашмаи фазлу дониш, Аҳриман сарчашмаи ҷаҳлу нодонӣ буд. Ҳамин тавр, тарафдорони Аҳурамаздо тарафдорони илму дониш буданд. Аз ин рӯ тарафдорони Аҳурамаздо вазифадор буданд, ки ба ҳар касе, ки дар ҷустуҷӯи дониш аст, ёрӣ расонанд. Дониш мувофиқи нишондоди «Авесто» ду навъ буд, яке ирсӣ, дигаре иқтибосӣ. Мақсади асосии тарбия ин буд, ки бачагонро ҳамчун узви ҳақиқӣ ва муфиди ҷамъият тарбия намуда, ба воя расонанд. Дар ин бора Дар Ясно (яке аз қисматҳои «Авесто») омадааст: «Эй Аҳурамаздо, ба ман фарзанд ато фармо, ки аз уҳдаи анҷоми вазифа нисбат ба хонаи ман, шаҳри ман ва мамлакати ман барояд ва подшоҳи додгари маро ёд кунад»[2]. Ё ки дар «Авесто» чунин мақсад сабт шудааст: «Эй Аҳурамаздо ба ман фарзанд ато фармо, ки бохирад ва доно буда, дар ҳайати ҷомеа дохил шуда, ба вазифаи худ масъулона рафтор намояд, фарзанди рашид ва муҳтараме, ки ҳоҷати дигаронро барорад, фарзанде, ки битавонад дар пешрафт ва саодати хонавода, шаҳр, кишвари худ бикӯшад» [2]. Дар ҷойи дигари «Авесто» ба зардуштиён мурочиат шудааст, ки нисбати омӯзиши илм, анҷоми вазифа ҳисси масъулият нишон дода, аз кори беҷо ва нобаҳангом худдорӣ намоянд, ба некукорӣ, дастгирии бечорагон ва бенавоён саъй намоянд. Ҳамин тавр, мақсади умдаи тарбия аз он иборат буд, ки ҳар як зардуштӣ дар рӯҳи покдоманӣ, накукорӣ, ростқавлӣ, ростгӯӣ, далерию ҷасурӣ ватандӯстӣ ва ғайра тарбия карда шавад.

То давраи Сосониён таҳсил барои ҳама дастрас набуд ва тарбия дар хонаи устодон ва хонаҳои махсуси тарбиявӣ сурат мегирифт. Фақат дар давраи Сосониён донишгоҳҳои махсус барои таълим ва тарбияи насли наврас ташкил карда шуд. Омӯзишгоҳҳои дарборӣ барои аъёну ашроф буд ва барои давлат мутахассисон ва хизматчиён тайёр мекарданд. Омӯзиш дар қаср ташкил карда шуда, ба чаҳор қисм тақсим мешуд: омӯзишгоҳ барои кӯдакон, ҷавонон, мардон ва солхӯрдагон.

Бачагон то синни ҳафтсолагӣ бо роҳбарии падару модар дар хона тарбия меёфтанд. Аз синни ҳафтсолагӣ то понздаҳсолагӣ дар мактаб таҳсил мекарданд. Баъди поздаҳсолагӣ таҳсили онҳо ба охир мерасид ва онҳо аъзои ҳақиқии ҷамъият ба ҳисоб мерафтанд.

Омӯзгорон аз табақаҳои рӯҳониён ва ашрофон интихоб карда мешуданд. Омӯзгор бояд шахси донишманд, покахлоқ, заҳматкаш ва донишҷӯ бошад, чунонки дар «Ясно» дар бораи омӯзгор омадааст: «Бишнавӣ он некмарде, ки роҳи ростӣ дурустиро ба мо нишон дод ва ҳар ду ҷаҳон подоши нек ёбад». Омӯзгор ба шахсияти

ҳар донишомӯз эҳтироми зиёд дошт. Омӯзгорон ба бачагон таълими динӣ ва дунявӣ медоданд.

Барномаи таълиму тарбияи насли наврас аз ин қисмҳо иборат буд: тарбияи ахлоқӣ, динӣ, ҷисмонӣ, хондан, навиштан ва ҳисоб кардан.

Ба тарбияи занону духтарон ҳам аҳамият медоданд, ба онҳо санъати хонадориро меомӯзониданд ва онҳоро барои анҷоми вазифаи модарӣ омода месохтанд. Занону духтарони аъёну ашроф санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, адабиёт ва мусиқиро меомӯхтанд.

Хулоса, таълиму тарбия дар ин сарзамин дар тӯли асрҳо аз унсурҳои одии ин санъат сар шуда, бо мурури замон аз зинаи пасттарин то зинаи барои он давра зарурӣ тараққӣ ва ташаккул ёфта буд.

Дар ин замина ҳама олимон, бавижа педагогону файласуфон, табибону ситорашиносон Ибни Туфайлро чун файласуф, адиби бузург ва педагоги моҳир мешиносанду ақидаҳои педагогиашро чун василае барои расидан ба мартабаи устодӣ истифода мебаранд ва қадр мекунанд. Ибни Туфайл яке аз бузургтарин намояндагони фалсафаи «машшоияи шарқӣ» ба ҳисоб меравад. Ӯ на танҳо дар боби фалсафа, инчунин роҷеъ ба ҷамъият, ахлоқ ва ирфон, педагогикаву тиб ва ғ. як катор асарҳои нодир таълиф намудааст, ки онҳо то имрӯз ҳам қадру қимати худро гум накардаанд.

Фалсафаи Ибни Туфайл танҳо зикри ин ё он системаи фалсафӣ нест.

Дар он масъалаҳои муҳим зимни далелҳои қавӣ ба тарзи мукаммал таҳлил мешаванд. Таълимоти файласуф бар пояи принсипҳои идеализми объективӣ устувор аст. Тафовути лаёқатҳои Ибни Туфайл аз таълимоти аксарияти мутафаккирони асрҳои миёна ҳамин аст, ки он ба навафлотуния бештар тамоюл дорад. Вале, ӯ тадриҷан аз идеяҳои афлотунӣ дур шуда, ба мавқеи перипатетизм (машшоия) гузаштааст.

Ибни Туфайл ҳамчун идеалисти объективӣ идеяро моҳият ва мабдаи чизҳо мешумурд. Ҳастии ашёи олами беруна *бе мав*ҷудияти идеяҳо, ки ба иродаю шуури одамони ҷудогона вобаста нест, ғайриимкон мебошад. Ба қавли Ибни Туфайл идеяҳо ба таври реалӣ вуҷуд дошта, моҳияти ашёи моддиро *муайян* мекунанд. Агар идея аз байн равад, ашё ҳам барҳам мехӯрад – мегӯяд Ибни Туфайл. Аммо худи идея аз зоти илоҳӣ бармеояд. Идея ҷовидон аст. Он ҳалқаи васл, муҳаррики аввал ва олами ҳисси конкретӣ мебошад.

Дар асоси мазмуни асарҳои Ибни Туфайл мо ба хулосае меоем, ки идеяҳо фаъоланд. Дар фалсафаи идеалистии Афлотун идеяҳо тимсоли беҳаракати олами ҳиссӣ мебошанд.

Дар фалсафаи Ибни Туфайл унсурҳои таълимоти навафлотуниёни шарқӣ, аз қабили бо ақли илоҳӣ омезиш ёфтани ақли инсонӣ, ҳадс (интуитсия) ва ваҳйу илҳом мавқеи муайян дошта бошад ҳам, вай баръакси навафлотуниён ғояи абадияти олами моддиро эътироф мекард. Тадқиқотчиёни буржуазӣ мазмуни рисолаи Ибни Туфайлро ба тарзҳои гуногун шарҳу эзоҳ додаанд. Масалан, Будур даъво мекунад, ки муаллифи рисола оштӣ додани фалсафаи юнонию ҳикмати Шарқ ва дини исломро вазифаи худ қарор додааст.

Ба қавли муаллифони дигар, Ибни Туфайл дар рисолааш масъалаҳои ахлоқиро таҳқиқ намуда, одами *берун аз* ҷамъият ташаккулёбандаро фақат аз рӯйи хислатҳои ботиниаш тасаввур кардааст. Вале мақсаду мароми қисса, назар ба он чи ки тадқиқотчиёни буржуазӣ гумон бурданд, басо аниқ аст. Он масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки қобили таваҷҷуҳанд. Муаллифи рисола дар назди худ мақсад гузоштааст, ки *ба* чунин савол ҷавоб ёбад: оё одам қодир аст, ки қувваи идроку хулқи худро пурра инкишоф дода, муҳити зистро дар таҷрибаи хеш мустақилона дарк намояд? Шарқшиноси машҳур Эрнест Ролан дар хусуси ин асари пурқимат мегӯяд: «Аз байни тамоми ёдгориҳои фалсафаи араб, ин шояд ягона асаре бошад, ки барои мо на фақат аҳамияти таърихӣ, балки аҳамияти калони тарбиявӣ ҳам дорад.

Ақидаҳои ахлоқии Ибни Туфайл характери натуралистона дорад. Он ба

имконияту қобилияти инсон ва накукорӣ эътимод доштанро талқин мекунад. Фақат чунин ахлоқ одамро ба саодат ҳидоят хоҳад кард. Ибни Туфайл саодатро бо ҳаёти воқеӣ марбут мешумурд, ки ин мухолифи ақидаҳои догматикӣ буд.

Дар этикаи Ибни Туфайл фарди абстрактӣ, табиати тағйирнопазири одам ба асос гирифта шудааст. Ӯ детерминизми олами ботинии инсонро ошкор намуда наметавонист. Ин камбудӣ на фақат ба Ибни Туфайл, балки ба ҳамаи мутафаккирони асри миёнаи форсу тоҷик (Ибни Сино, Ибни Мискавийх Насриддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Даввонӣ) хос буд.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи файласуф, инсон бояд ҳаматарафа зебо бошад. Дар рафтораш, гуфтораш, муносибаташ, ақлаш, донишаш зебоӣ ҳамчун намуна ҷилвагар бошад. Ин фикри мутафаккир оиди зебоии инсон бо ақидаи нависандаи рус. А. П. Чехов «Дар одам ҳама чиз: ҳам рӯй, ҳам либос, ҳам қалб, ҳам афкор бояд зебо бошад» -ҳамоҳанг аст.

Бешак ин андешаҳои мутафаккир, ки мафҳуми зебоӣ, зеբописандӣ ва зарофатро ба накукорӣ ва хайрихоҳӣ пайваста маънидод кардааст, дар шароити феодализм, хеле пешқадам аст. Ин маъниро, ки Ибни Туфайл дар асри XII таблиғ кардааст, Носири Хусрав, Хусрави Деҳлавӣ, Бедил ва дигарон низ дар ашъорашон баён намудаанд.

Носири Хусрав сифатҳои зебоиро ба мақсаду илму амал наздик оварда гуфтааст:

*Некии мардум на накруй аст,*
*Хӯи наку мояи некуӣ аст [3].*

Хусрави Деҳлавӣ низ наҷоботи инсониро дар «базмгоҳи хулқу адаб» дида, фармудааст:

*Ҳар кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад.*
*Одамӣ аз одамиён ӯ бувад* [3].

Бедил дар қасидааш, ки ба инсон бахшида шудааст, ҳама чизро аз пай ва ҳар чизро худи вай шуморида буд:

*Эй шамъи базми қудс, надонам чи маҳзарӣ?*
*К-аз ваҳм гоҳ равшану гоҳе муқаддарӣ!*
*...Дар чор рукни даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,* •
*Дар ҳафт баҳри чарх ту ноёб гавҳарӣ!*
*Аз ҳар тае, ки ақли ту фаҳмид, афзалӣ!*
*Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ!*
*Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ!*
*Ҳар сӯ хаёл мепарад, он су ту мепарӣ!*
*Қаввну макон'гулест ба домони ҳимматат,*
*Худро агар иҳота кунӣ — чархи дигарӣ!*
*Олам ҳама мусаххари амри замири туст!*
*Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ![3]*·

Бояд қайд кард, ки дар назарияи ӯ оид ба фаҳмиши зебоӣ ихтилоф вуҷуд дорад. Агар, аз як тараф, зебоиро ба олами моддӣ вобаста кунад, аз тарафи дигар, зебоии ҳақиқиро ба зоти илоҳӣ вобаста мекунад. Лекин бо вуҷуди он инсонро ба покизагӣ, тозагӣ, зебопарастӣ тану бадани худро бо варзиш бардаму солим нигоҳ доштан, хуб хобидан, аз ҳавои соф нафас кашидан, гардишу истироҳат даъват кардани мутафаккир ҷолиби диққат мебошад. Олам, ки хубу зебо офарида шудааст, барои одамони солиму камолёфта хуш аст ва инсон барои ба он муваффақ шудан, бояд меҳнат кунад. Фақат дар меҳнат, саъю кӯшиши зебоии ҳақиқиро дарёфт карда метавонад.

Ҳамин тавр категорияи «саодат» дар таълимоти Ибни Туфайл на фақат маънои ахлоқӣ, балки мазмуни эстетикӣ низ пайдо мекунад. Ибни Туфайл чун Форобӣ амалиёти таҷрибавии инсонҳоро, ки барои ба саодат ноил шудан равона шудааст, амалиёти зебою хушахлоқона медонад.

Ибни Туфайл дар асарҳои фалсафиаш фалсафаи арабию испаниро идома дода, ақидаҳои натурфалсафии Арастуро ба усулҳои таълимоти навафлотуния омехтааст.


### АДАБИЁТ

1. Бижан А. Чашмандози тарбият дар Эрон пеш аз ислом / А. Бижан. –Теҳрон, 1936.
2. Қурбонов А.Ш. Аз дин то фалсафа / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1994.
3. Абубакр Муҳаммад ибни Туфайл. Ҳай ибни Яқзон / Абубакр Муҳаммад ибни Туфайл //Маҷаллаи «Садои Шарқ». -1979. -№7.-С.65.
4. Трахтенберг О.В. Очерки по истории западноевропейской средневековой философии / О.В. Трахтенберг. - М.,1957.
5. История философии. -М., 1957. -Т. 1; Сагадеев А.В. В зашиту мира / А.В. Сагадеев, Абубадцер Ибн Туфейль. -1961. - № 7-8.
6. Асмус В.Ф. История античной философии / В.Ф. Асмус. - М., 1965.
7. Буддизм: История и культура. -М., 1989.
8. Васильев А.С. История религий Востока / А.С. Васильев. - М., 1988.
9. Комилов Р. Фарҳанги мухтасари ҷаҳонбинӣ / Р. Комилов, М. Нуралиев. – Душанбе: Пайк, 2002.
10. Комилов Р. Фалсафаи ҳуқуқ / Р. Комилов. -Душанбе: Ирфон, 2005.
11. Турсунов Акбар. Инсон, атом, кайҳон (лавҳаҳои публитсистӣ) / Турсунов Акбар. – Душанбе: Ирфон, 1967.


### ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ ИДЕИ ИБН ТУФАЙЛА


Автор статьи, приводя в пример точки зрения других ученых по воспитательным убеждениям Ибн Туфайла, пытается показать всеобщее признание этих убеждений и пользуясь случаем доносит до своего читателя мнения других наших философов и поэтов-классиков о воспитании.



**Ключевые слова:** Ибн Туфайл, учение Ибни Туфайла, воспитательные идеи Ибни Туфайла, воспитание, методы обучения.


### EDUCATIONAL IDEAS IBN TUFAIL


The author is trying to show the universal recognition of educational beliefs of Ibn Tufail by illustrating the point of view of other scientists on these beliefs and at the same time takes the opportunity to bring to the reader the views of our other philosophers and classic poets in the field of education.



**Keywords:** Ibn Tufail, the doctrine Ibni Tufail, educational ideas of Ibni Tufail, education, teaching methods.



**Сведения об авторе:** ***Фарзонаи Сайфиддин* -** докторант (PhD) кафедры педагогики Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Телефон: **985-14-14-17**


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КОММУНИКАТИВНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ НЕЯЗЫКОВЫХ ФАКУЛЬТЕТОВ


***Д.Дж.Джумаева***

**Таджикский национальный университет**


При обучении языку специальности студентов неязыковых факультетов на первое место выходит задача формирования коммуникативной компетенции, что предполагает определение в качестве актуальной проблемы формирование у обучаемых умения использовать язык в разных ситуациях общения для достижения разных, в том числе профессиональных целей. Овладение коммуникативной компетенцией предусматривает соблюдение следующих требований: с одной стороны, обучающийся должен уметь облекать свои намерения в адекватную языковую и речевую форму и, соответственно, понимать намерения и смысл высказываний собеседника или автора (при чтении, аудировании), строя свою тактику с учётом всех обстоятельств общения; с другой стороны, выбор тактик общения и форм работы с текстом должен, в первую очередь, учитывать комплекс требований, к уровню общей коммуникативной компетенции, которого должны достичь студенты в рамках вузовской подготовки специалиста.

Одним из вопросов при формировании коммуникативной компетенции является использование грамматического материала. Следует отметить, что подача грамматического материала должна иметь коммуникативную направленность.

Основополагающим в данном случае является принцип формирования коммуникативной способности в общении, для общения и через общение, т. е. общение, является целью, содержанием и средством обучения. Принцип коммуникативной направленности обучения должно быть так организован, чтобы в результате обучения учащиеся овладели необходимым минимумом умений и навыков для пользования русским языком как средством общения в объёме сфер и ситуаций, определенных программой. Однако при таком подходе языковой материал не может стать основным объектом и главной целью учебного процесса.

Для формирования коммуникативной профессиональной направленной компетенции необходим дифференцированный подход, позволяющий сегментировать учебный материал, подлежащей активному усвоению, чтобы он удовлетворял коммуникативные потребности единиц русского языка, был доступен и мог стимулировать познавательную деятельность студентов, в частности обучению терминологической лексике.

Чтобы обучение русской терминологической лексике студентов национальных групп было эффективным, необходимо учитывать определенные объективно существующие закономерности процесса усвоения, правила, управляющие этим процессом, и на их основе строить методическую систему работы. Следует, отметить, что при обучении языку специальной научной литературы главное место отводится учёту особенностей контактирующих языков русского и таджикского. Как отмечает Ходжиматова Г. М.: «Выявление специфики таджикского языка при обучении русскому языку создаёт основу для целенаправленного преподавания русского языка студентов-таджиков, ибо опора на родной язык обучаемых- необходимое условие при обучении русскому языку, с чем не может считаться методическая наука. Учёт особенностей родного языка студентов- таджиков играет позитивную роль в повышении качества программ, учебников, учебных пособий, методических разработок по развитию русской научной речи студентов- таджиков, помогает предвидеть и прогнозировать возникающие трудности в изучении того или иного лексико - грамматического раздела, предупредить предотвращать и всевозможные ошибки»[1].

Работа по формированию терминологических умений и навыков начинается на этапе, когда студенты обладают уже определенными лексическими умениями и навыками в отношении общеупотребительной лексики. Изучение терминологической лексики, в связи с этим, должно быть организовано и упорядочено в плане последовательности введения терминологического материала. Эта последовательность должна быть научно аргументирована и обеспечивать доступность и посильность в обучении, способствовать уменьшению или предупреждению трудностей усвоения терминов. Большинство учёных, исследующих проблему последовательности введения терминологического материала, предлагают два подхода к вопросу организации подачи материала -структурный и статистический. Первый предусматривает введение материала целыми системами и полями, а второй – на основе статистической структуры текстов. Ряд исследователей считают, что наиболее целесообразным использование статистического подхода. Так, П. М. Алексеев считает, что наиболее употребительные и имеющие наибольшее количество взвешенной информации элементы вводятся и закрепляются в первую очередь, а затем прорабатывается следующая по убыванию частоты зона подъязыка, причём такая последовательность сохраняется до завершения курса. Опора на статистический подход могла бы быть удобнейшим средством дозирования терминированной лексики [2]. Однако такой подход вступает в противоречие с реальной действительностью и возможностями, когда речь идёт об организации их подачи терминологической лексики в текстах и упражнениях. Так, тексты по специальности, отобранные для работы на практических занятиях , могут не содержать наиболее частотных новых слов- терминов. В то же время, если наименее частотные слова- термины являются высокоинформативными и весьма трудными, то изучение их на конечном этапе может привести к ненадёжному усвоению.

Как известно, при введении новой терминологической лексики используется такие методы, как закрепление и активизация. Как показывает опыт работы, студенты приходят в вуз со слабой речевой подготовкой, у них бедный словарный запас. В этой связи на начальном этапе обучения русскому языку в таджикском неязыковом вузе изучаются такие темы, как «Знакомство. Семья. Биография», «Портрет. Характер», «Вуз. Библиотека», «По родному краю» и др., т.е. основные разговорные темы, где одновременно происходит овладение некоторыми важными грамматическими явлениями. Обучение научному стилю речи начинается на продвинутом этапе обучения после корректировочного курса. Основная задача данного этапа состоит в практическом применении студентами уже приобретенных коммуникативных умений на начальном этапе обучения. На данном этапе происходит знакомство студентов с конструктивными элементами научного стиля речи, с общенаучной и терминологической лексикой, как важнейшими составляющими специфику научной речи. Студенты научатся различать значение терминологической лексики от общенаучной. Введение терминологической и общенаучной лексики осуществляется на основе их реального употребления в текстах по специальности.

Мы предлагаем следующие этапы работы над терминологической лексикой: первый этап обучения русскому языку в неязыковом вузе должен носить, в основном, коррективный характер, и, главным образом, на этом этапе изучаются общелитературные слова. На данном этапе мы используем следующие виды упражнений: Прочитайте текст и найдите в нём ответ на вопрос, поставленный в заглавии; Прочитайте текст и ответе на вопрос: Прочитайте текст и перечислите основные свойства жидкости; Прочитайте текст, сформулируйте его основную мысль; Прочитайте текст по абзацам, определите, о чём говорится в каждом абзаце, сформулируйте вопрос к содержанию каждого абзаца и запишите его; Прочитайте текст. Скажите, что нового вы узнали из текста; Прочитайте текст. Скажите, как выражается в заголовке основная тема(можете ли высказать, о чём этот текст, прочитав заголовок).

Продвинутый этап должен в значительной мере служить целям повторения и упрочения лексического запаса, ограничиваясь введением и изучением незначительной части терминологического словаря минимума, свойственного литературе подъязыка специальности. На продвинутом этапе обучения дальнейшее овладения языком происходит в основном за счёт расширения обогащения словаря, путём введения в активное употребление синонимов к уже известным учащимся словам, слов определённой лексико - семантической группы или однокоренных приставочных глаголов. Следует использовать такие упражнения, как: 1. Запись слов и словосочетаний. 2. Составление словосочетания с данными терминами. 3. Подбор к данным словам определений. 4. Определения рода данных существительных. Оптимальными являются разнообразные упражнения на преобразование глаголов: 1) Определите, от каких глаголов образованы выделенные в словосочетаниях слова.

2)Назовите глаголы, от которых образованы существительные. 5. Для работы над грамматическим материалом научного текста мы использовали следующие приёмы и упражнения:

1. Выявление в тексте конструкций, типичных для научного стиля речи.
2. Составление предложений по образцам.
3. Трансформация предложений.

Выделенные нами приёмы введения терминологической лексики представляются принципиальными, позволяющими вводить терминологию студентам – таджикам неязыкового вуза при обучении русскому языку в связи со специальностью более оптимально и целенаправленно.

Процесс усвоения терминологической лексики проходит несколько стадий или ступеней, на каждой из которых решаются конкретные свои задачи. Следует отметить, что основной целью процесса усвоения данных единиц является выработка умений

правильного их употребления, активного использования в речевых ситуациях профессиональной коммуникации.

Таким образом, для формирования профессиональной коммуникативной компетенции студентов национальных групп необходим строгий отбор языкового материала, который позволил бы максимально интенсифицировать процесс овладения русским языком в связи с избранной студентами специальностью. Всё сказанное свидетельствует о необходимости серьёзной работы по обогащению речи студентов национальных групп терминологической лексикой, развитию у них профессиональных коммуникативных умений и навыков.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Ходжиматова Г. М. Научные основы обучения терминологической лексике русского языка в неязыковом вузе / Г. М. Ходжиматова. – Душанбе, 2010. -С.63.
2. Алексеев П. М. Статистическая лексикография / П. М. Алексеев. – Л.: ЛГПИ, 1975. -143с.


### СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КОММУНИКАТИВНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ НЕЯЗЫКОВЫХ ФАКУЛЬТЕТОВ


В данной статье рассматривается формирование профессиональной коммуникативной компетенции студентов национальных групп на основе использования текстов по специальности, предлагаются виды заданий работы с терминологической лексикой.



**Ключевые слова**: русский язык, терминологическая лексика, коммуникативная компетенция, текст, научный стиль речи, умения, навыки.


### IMPROVEMENT OF PROFESSIONAL COMMUNICATIVE COMPETENCE OF STUDENTS OF NON-LINGUISTIC DEPARTMENTS


In this article considered the formation of professional communicative competence of students of the ethnic groups through the use of texts, specialty, offered kinds of with terminological vocabulary.



**Key words:** Russian language, terminological vocabulary, communicative competence, text, scientific style of speech, skills.



**Сведения об авторе:** ***Д.Дж. Джумаева*** - аспирантка дневного отделения кафедры методики преподавания русского языка и литературы Таджикского национального университета. Телефон**: 905-44-82-55**


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ КОМПЮТЕРӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛИИ ФАННИ ГЕОМЕТРИЯИ ТАСВИРӢ


***Юсупов Саид-Акрамхоҷа Мӯминович***

**Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон**


Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи муҳандисӣ таълими донишҷӯён одатан бо омӯзиши «забони техника» –геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисӣ оғоз мегардад. Фанҳои мазкур барои аз худ кардани фанҳои тахассусӣ таҳкурсии асосӣ ҳисоб меёбанд.

Геометрияи тасвирӣ низоми тамсиласозии фазо ҳисоб ёфта, ба усули хусусӣ – акскунонӣ асос меёбад. Дар ин ҳолат нақшаҳои дар ягон ҳамворӣ тасвиршаванда ҳамчун объектҳои фазоҳои андозаашон гуногун баррасӣ карда мешаванд. Мақсади асосии машғулиятҳои лексионии ин фан аз тарафи донишҷӯён андӯхтани маводҳои таълимии назариявӣ буда, машғулиятҳои амалӣ бошад, аз худ кардани истифодаи амалии донишҳои андӯхташуда ва азхудкунии зеҳнии маълумоти таълимӣ мебошад.

Дар омӯзиши геометрияи тасвирӣ масъалаҳои доир ба омӯхтани тамсилаҳои калонҳаҷми объектҳои фазо дар нақша мадди аввал буда, муносибат аз нуқтаи назари фазои сеченака (3D–тамсила) масъаларо сода мегардонад. Истифодаи барномаи 3D–лоиҳакшӣ дар истеҳсолот алоқамандии комили усулҳои сохтани нақшаҳои ортогоналиро (росткунҷа) бо тасвири аёнии (аксонометрии) нақшаҳои андозаҳояшон муайян талаб менамояд.

Ҳангоми гузаронидани машғулятҳои амалӣ бояд, пеш аз ҳама, ҷиҳати дар донишҷӯён ба вуҷуд овардани малакаҳои устувор нисбати тарҳрезии объектҳои геометрии хусусиятҳояшон қаблан додашуда диққати махсус дод.

Омӯзонидани геометрияи тасвирӣ дар кафедраи сохтмон ва графикаи муҳандисӣ бо истифодаи усулҳои муосири таълим ва навгониҳои техникӣ, технологияи компютерӣ бо истифодаи барномаҳои AutoCAD, КОМПАС 3D дар синфхонаи компютерӣ бо тахтаи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Чунин тарзи омӯзиш ба баланд бардоштани сифати раванди таълим мусоидат менамояд.

Барои машғулиятҳои амалӣ вобаста ба мавзӯъҳои лексионии ҳафтаина ҳалли масъалаҳои аз ҷиҳати мураккабӣ гуногуну инфиродӣ пешбинӣ шудаанд.

Кор дар тахтаи анъанавии синфӣ бо истифодаи бӯр ва абзорҳои нақшакашии анъанавӣ талаботҳои муосирро нисбати мутахассисон қонеъ гардонида наметавонад. Бинобар ин истифодаи технологияҳои компютерии муосир дар раванди таълим якчанд камбудиҳоро бартараф менамояд.

Аёниятҳои электронӣ доир ба омӯзиши фанни геометрияи тасвирӣ, ки тариқи барномаҳои AutoCAD ва КОМПАС 3D бо маводҳои зарурӣ мураттаб сохта шудаанд, ба усулҳои анъанавии таълим мураттабӣ, пайдарҳамӣ, дастрасӣ, мустаҳкамии аз бар намудани донишҳо мусоидат менамоянд.

Барои амалигардонии вазифаҳое, ки ҷомеаи муосир нисбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ намудааст, дар кафедра усулҳои нави таълим пайгирӣ карда мешаванд. Дар ин самт семинари илмӣ – методӣ дар мавзӯи «Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар таҳсилоти муҳандисӣ» ташкил карда шудааст.

Яке аз воситаҳои муҳимтарини таълими фанҳои графикӣ, ки байни донишҷӯён ва омӯзгорони кафедраи «Сохтмон ва графикаи муҳандисӣ» мақбули умум гардидааст, ин ҷорӣ намудани дафтари электронии кори мустақилона (ДЭКМ) бо истифодаи маҷмӯи барномаҳои лоиҳакашии AutoCAD ва КОМПАС 3D мебошад (Расми 1).




**Расми 1. Пайдарҳамии ҳалли масъалаҳои геометрияи тасвирӣ дар системаи AutoCAD**

ДЭКМ мувофиқи пайдарҳамӣ ва мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ тартиб дода шуда, услуб ва намунаи ҳалли масъалаҳо, қоидаҳои иҷро кардани тасвир ва нақшаҳо, шарти вазифаҳои инфиродӣ ва барои ҳалли масъалаҳо вариантҳои маълумоти ибтидоиро дар бар мегирад. Бинобар ин донишҷӯён тариқи истифодаи ДЭКМ ба зудӣ маводҳои лозимаро дарёфт намуда, мувофиқи нишондодҳои он

вазифаҳои ҳатмӣ ва кори мустақилонаашонро иҷро мекунанд. Инчунин истифодаи ДЭКМ дар машғулятҳои амалӣ, ба пайи ҳам ҳал кардани ҳар як масъала дар алоҳидагӣ, инчунин ба таври аён ба баррасӣ намудани якчанд вариантҳои ҳалли масъалаҳои мураккаб мусоидат менамояд (Расми 2).




Расми 2 –Пайдарпайии ҳалли масъалаи геометрияи тасвирӣ дар системаи Компас 3D

Тарҷибаҳо нишон доданд, ки истифода кардани ДЭКМ дар раванди таълим ба донишҷӯён барои самаранок омӯхтани истилоҳот ва мафҳумҳои хусусӣ, дастрас кардани малака ва маҳорати амалӣ, ташаккули малака ва маҳорати худназораткунӣ ва барои рушди тафаккури фазоӣ мусоидат намуда, ба омӯзгор назорати доимии раванди таълим ва сатҳи азхудкунии маводи таълимиро имконпазир мегардонад.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳияи усулҳои муосири таълим, истифодаи технологияи муосири компютерӣ дар таълими фанни геометрияи тасвирӣ ҷорӣ намудани усулҳои фаъоли таълим бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ, рушди фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии донишҷӯён, омода намудани онҳоро ба фаъолияти касбии мустақилона имконпазир мегардонад.

## АДАБИЁТ

1. Башмаков А.И. Разработка компьютерных учебников и обучающих систем / А.И. Башмаков, Т.Ф. Башмаков.– М.: Информационно - издательский центр «Филинъ», 2003.
2. Альшакова Е. Л. Компьютерные технологии при преподавании графических дисциплин / Е. Л. Альшакова // Науч - ные труды. – М.: МАТИ, 2011.
3. Серегин В. И. Новые подходы к преподаванию начертательной геометрии в условиях использования информационных образовательных технологий / В. И. Серегин, Г. С. Иванов, Н. Г.Суркова, И. Ф. Боровиков. [Электронный ресурс] // Инженерный вестник. -2014. -№ 12.
4. Кайгородцева Н. В. Инновация учебной дисциплины «Начертательная геометрия» / Н. В. Кайгородцева // Международный журнал экспериментального образования. – 2012.
5. Литвинова Н.Б. Организация обучения начертательной геометрии с использованием сочетания традиционных методов обучения и компьютерных технологий / Н.Б. Литвинова //Проблемы педагогического образования: сб. научн. ст. Вып. 34.-М.:МПГУ-МОСПИ, 2009.
6. Маводњои семинари илмӣ-методӣ «Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ дар маълумоти муҳандисӣ». Кафедраи сохтмон ва графикаи муҳандисӣ Парки технологии ДКМТ 2014.

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ПРАКТИЧЕСКИХ ЗАНЯТИЯХ ПО НАЧЕРТАТЕЛЬНОЙ ГЕОМЕТРИИ**

В данной статье представлены пути применения информационно - коммуникационных технологий в учебном процессе, также дано определение эффективного использования электронной доски при изучении предмета начертательной геометрии с применением программы AutoCADи КОМПАС 3D. В этой связи, при использовании компьютерной технологии и внедрении активных методов обучения с целью развития пространственного мышления, повышения познавательной активности и творчества студентов, даст возможность подготовиться к самостоятельной профессиональной деятельности, и тогда на этой основе можно готовить высококвалифицированных специалистов.

**Ключевые слова:** инженерная графика, моделирование, пространства, практические занятия, современные комьпютерные технологии, электронные наглядности.

**USING MODERN COMPUTER TECHNOLOGY IN PRACTICAL CLASSES ON DESCRIPTIVE GEOMETRY**

In this article there are some ways adopted of ***PM*** - communication technology in studding profess, also exactly high quality usage of electrical board, with learning, subject inchoative geometry with using program AutoCAD *and* KOMPAS 3D, *In this connection with usage of computer technology and active methods of learning with the aim of developing international thinking, to* develop knowing active and though ting to high knowing active and creativity the students, which will give the opportunity to activity in this bases can be prepared *high by* qualified specialist.

**Key words:** engineering graphics, simulation, space, workshops, kompyuternye modern technologies, electronic visualization.

**Сведения об авторе:** ***Юсупов Саид-Акрамходжа Муминович*** - ассистент кафедры строительства и инженерной графики Горно-металлургическолго института Таджикистана. Телефон: **928-89-95-90**

# ИСТИФОДАИ ПРИНСИПИ АЁНИЯТ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ АЛИФБОИ НИЁГОН

***Исматов Сулаймон***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар таҷрибаи таълими савод дар замони шӯравӣ дар муассисаҳои таълимӣ принсипҳои хуб ва самараноки таълим истифода мешуд. Аксари онҳо то ҳоло аҳамияти худро аз даст надодаанд. Яке аз чунин принсипҳои таълим аёният аст. Дар мавриди зарурат ва манфиати аёният дар раванди таълим олимон ва устодони илми педагогика фикру ақидаҳои зиёде баён намудаанд. Аввалин маротиба олими бузурги чех, педагог Я.А.Коменский (1562-1670) назарияи мутаносиби аёниятро ҳамчун принсипи комёбтарин дар раванди таълим исбот намудааст [6]. Ӯ дар асарҳо ва тадқиқотҳои илмиаш собит намуда буд, ки аёният барои беҳтар дарк намудани ашё ва ҳодисаҳо тамоми узвҳои ҳисро ҷалбу фаъол менамояд.

Мақсад аз баррасии ин масъала муайян намудани зарурат ва роҳҳои самараноки истифодаи маводи аёнӣ дар таълими фанни “Алифбои ниёгон ва матн” мебошад. Бояд қайд кард, ки дар фанҳои ба истилоҳ байналмилалӣ (математика, физика, химия, география ва ғ.) таҳияи маводи аёнӣ дорои таҷрибаи бойи ҷаҳонӣ аст. Аксари маводи аёнии ин фанҳоро бо роҳи тарҷума ва мутобиқ намудан ба мақсадҳои таълими ҳар кишвар истифода бурдан мумкин аст. Аммо фанни “Алифбои ниёгон ва матн” сирф хусусиятҳои миллӣ дорад ва танҳо дар мактабҳои Тоҷикистон таълим дода мешавад. Яке аз аёниятҳои зарурӣ дар раванди таълим ин китоби дарсӣ аст. Аммо табиист, ки барои дарки нозукиҳои фан ва гирифтани саводу дониш танҳо истифода аз китоби дарсӣ кофӣ нест. Дар таълими ин фан дигар намудҳои аёният хеле зарур аст, ки расмҳои ранга бо номи ашё, калимаҳо бо нишон додани тарзи дурусти навишташон, рақаму шумораҳо, варақчаҳо барои муайян намудани саводи

хонанда, дар лавҳаи синф навиштани шаклҳои ҳарфҳои мунфасила ва муттасила ва ғайра аз қабили онҳоянд.

Мушоҳидаҳои тӯлонӣ ва таҳлили дарсҳои як гурӯҳ омӯзгорони фанни "Алифбои ниёгон ва матн" дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки омӯзгорон дар дарсҳои муқаррарӣ танҳо аз як намуди аёният, яъне китоби дарсӣ истифода мебаранд, зеро маводи аёнии расман чопшуда ҳанӯз мавҷуд нест. Дар натиҷа дарс барои хонандагон якрангу дилбазан гашта, шавқу ҳаваси шогирдонро бедор намекунад ва ба сатҳи донишу азхудкунии барнома таъсири манфӣ мерасонад.

Танҳо дар дарсҳои кушод омӯзгорон барои нишон додани маҳорати касбии худ дар назди ҳозирин ва ҳамкасбони худ, ки дар ҷараёни дарс иштирок ва мушоҳида мекунанд, аз бисёр намуди аёният истифода менамоянд, ки онро аксаран худашон аз рӯйи таҷрибаи корӣ таҳия мекунанд. Истифодаи онҳо дар рафти дарс ба баланд шудани шавқу ҳаваси хонандагон мусоидат мекунад, ки он аз тарафи иштироккунандагони дарсҳои кушод бараъло ҳис карда мешавад. Истифодаи аёниятҳои худсохти омӯзгорон дар лаҳзаҳои гуногуни дарс: пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунии мавзӯи нав хонандаро фаъол ва маҷбур месозад, ки дониши андӯхтаи худро нишон диҳад ё санҷад. Барои таҳияи чунин мавод омӯзгорон асосан аз китобҳои дарсӣ ва методии муаллифони тоҷик истифода мекунанд [1; 2; 5; 7].

Дар баробари ин, баъзан ҷиҳатҳои манфии истифодаи нодурусти маводи аёнӣ низ ба мушоҳида расидааст. Табиист, ки муаллим бояд намудҳои гуногуни аёниятро вобаста ба мавзӯи таълим дуруст интихоб намояд ва аёниятҳои нолозимро истифода накунад. Дар баъзе дарсҳои кушоди омӯзгорони фанни "Алифбои ниёгон ва матн" мушоҳида шудааст, ки омӯзгорон, ба хотири он ки дарсашон хуб ва пурмазмун гузарад ва дар назди ҳамкорону ҳамкасбон таҷрибаи худро беҳтар нишон диҳанд, аёнияти зиёд таҳия намуда, истифода менамоянд. Дар натиҷа ҳолатҳое ба мушоҳида расидааст, ки баъзе талабагон наметавонанд диққаташонро назорат кунанд ва идора кунанд: онҳо аз аёнияти қаблӣ озод нашуда, ба аёнияти баъдина диққат ва аҳамияти дуруст намедиҳанд. Ин ҳолатҳои начандон дурусти истифодаи маводи аёнӣ дар китоби дарсии "Педагогика" (муаллифон А. Нуров ва Х. Раҳимов) дар боби аёният хуб баррасӣ гардидааст [12, 411-414].

Ҳамаи ин мутахассисон ва омӯзгорони фанни "Алифбои ниёгон ва матн"-ро водор месозад, ки дар масъалаи таҳия ва истифодаи дурусти аёният дар ҷараёни таълими ин фан ҷидду ҷаҳд намоянд. Тавре қайд кардем, ин фан танҳо дар Тоҷикистон таълим дода мешавад ва мушкилоти таҳия ва истифодаи аёниятро низ танҳо мутахассисони дохилӣ ба ӯҳда гирифта метавонанд. Дар баробари ин, маъмурияти аксар муассисаҳои таълимӣ барои фанни алифбои ниёгон кабинети алоҳида ҷудо намекунанд. Танҳо баъзе муассисаҳои калони типпии шаҳрҳо ва марказҳои ноҳия кабинети ин фанро ташкил кардаанд, аммо онҳо аз ҷиҳати шакл ва мазмуни воситаҳои аёнӣ пурра ва шавқовар нестанд.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби устод А. Байзоев, ки яке аз муаллифони асосии китобҳои дарсии "Алифбои ниёгон ва матн" мебошанд, миқдори муайяни маводи аёнӣ аз ин фан омода гардида, аз ҷониби мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия гардидааст, аммо ҳанӯз ба нашр нарасидааст

[10]. Мо умедворем, ки нашри он кори омӯзгоронро, ки солҳои наздик ба таълими ин фан аз рӯйи барномаи нави таълим шурӯъ мекунанд, осон хоҳад намуд.

Маводи аёнии таълимиро аз рӯйи мазмун ва хусусияташон ба якчанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Аз рӯйи маводи тартибдодаи устод А. Байзоев маводи аёниро ба шаш гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

- маводи аёнии умумӣ;
- маводи аёнии таълими ҳарфҳо;
- маводи аёнии инкишофи тафаккур;
- маводи аёнии қоидаҳои имло;
- маводи аёнии имлои калимаҳо;
- маводи аёнии хушнависӣ.

Дар доираи ин мақола мо таваҷҷуҳи хонандаро ба баррасии ду гурӯҳ: маводи аёнии умумӣ ва маводи аёнии таълими ҳарфҳо ҷалб мекунем.

Ба маводи аёнии умумӣ матни суруди миллӣ, ҷадвали алифбо, алифбои мусаввар, расмҳои ҳайвонот, расмҳои меваҷот бо номҳояшон ва ғайра шомил мешаванд. Ин навъи маводи аёниро метавон барои оро додани кабинетҳои фанни "Алифбои ниёгон ва матн" истифода намуд. Бояд гуфт, ки бо мазмуни онҳо хонандагон ошноянд ва бо роҳи мушоҳидаи доимӣ ба осонӣ тарзи навишти онҳоро бо хатти ниёгон аз худ мекунанд.

Маводи аёнии таълими ҳарфҳо, баръакс, хусусияти мавзӯӣ доранд ва метавонанд дар ҷараёни дарс вобаста ба мавзӯъ истифода шаванд. Дар навбати худ, ин гуна маводи аёниро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: маводи аёнии таълими ҳарфҳои осон (яквазифа) ва маводи аёнии таълими ҳарфҳои мушкил (бисёрвазифа). Хусусиятҳои истифодаи ҳар яке аз онҳоро дар мисоли таълими баъзе ҳарфҳо интихобан нишон медиҳем:

**1) Маводи аёнии таълими ҳарфҳои осон**

**А) ҲАРФҲОИ *БЕ, ПЕ, ТЕ, СЕ* (ب، پ، ت، ث)**

| Намуна | نمونه | Намуна | نمونه | Шакл |
|---|---|---|---|---|
| по | پا | бо | با | нопурра |
| падар | پَدَر | бабр | بَبر | нопурра |
| табар | تبر | осор | آثار | нопурра |
| таб | تب | боб | باب | пурра |
| тӯп | توپ | тут | توت | пурра |

**Б) ҲАРФИ *НУН* (ن)**

| Намуна | نمونه | Намуна | نمونه | Шакл |
|---|---|---|---|---|
| по | پا | бо | با | нопурра |
| Наврӯз | نَوروز | нур | نور | нопурра |
| танӯр | تَنور | барно | بَرنا | нопурра |
| бадан | بَدَن | тан | تَن | пурра |
| дандон | دَندان | нодон | نادان | пурра |

Тавре аз намунаҳо дида мешавад, маводи аёниро барои таълими ҳарфҳои яквазифа (сода) ба ду шакл таҳия кардан мумкин аст: 1) барои гурӯҳи ҳарфҳо; 2) барои як ҳарфи алоҳида.

Маводи аёнӣ барои гурӯҳи ҳарфҳоро барои ҳарфҳои ҳамшакл, ки танҳо аз рӯйи миқдор ва макони ҷойгиршавии нуқтаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, таҳия кардан мумкин аст. Ба ин гурӯҳ чунин ҳарфҳо шомил мешаванд:

*бе, пе, те, се; ҳе (ҳуттӣ), ҷим, че, хе; ре, зе, же; дол, зол; син, шин; сод, зод; то, зо; коф, гоф; айн, ғайн.*

2) **Маводи аёнии таълими ҳарфҳои мушкил.** Аммо барои ҳарфҳои бисёрвазифа (йо, вов, айн, ҳои ҳавваз) маводи аёниро вобаста ба хусусиятҳо ва вазифаҳои ҳар як ҳарф ба тарзи алоҳида таҳия кардан лозим меояд. Намунаи чунин маводи аёнӣ барои ҳарфҳои “йо” ва “ҳои ҳавваз” чунин буда метавонад:

**ҲАРФИ *ЙО* (ی)**

| Мавқеъ , вазифа | Овоз | Мисолҳо |
|---|---|---|
| дар аввал, мобайн ва охири калима | й | یار، پَیرَو، نی |
| дар мобайни калима | и (дароз) | دین، پیر، تیر |
| дар охири калима | ӣ | زبانی، زوری، زاری |
| дар мобайн ва охири калима | е | زیبا، دیر، دختری |
| бандаки изофӣ (пас аз о, у, ӯ, а) | -и | آرزوی شیرین، دریای ورزاب، لانه‌ی بلبل |
| дар аввали калима, якҷоя бо алиф | и (дароз) | این، ایستادن |
| дар аввали калима, якҷоя бо алиф | э | ایران، ایجاد، ایشان |

**ҲАРФИ *ҲОИ ҲАВВАЗ* (ه)**

**ШАКЛҲОИ ҲАРФ**

| алоҳида | дар охир | дар байн | дар аввал |
|---|---|---|---|
| ه | به | بهر | ها |
| شاه | فربه | بهار | هوا |

**ВАЗИФАҲОИ ҲАРФ**

| Мавқеъ , вазифа | Овоз | Мисолҳо |
|---|---|---|
| дар аввал, мобайн ва охири калима | ҳ | هَزار ، شَهر ، ماه |
| дар охири калима | а | به ، شانه ، لانه |
| дар охири калима | и (ӣ) | که، چونکه، چنانچه |
| дар охири калима | е | سه، دوشَنبه، شَنبه |

Тавре ки дида мешавад, ҳангоми таҳияи маводи аёнӣ ба вазифаҳои ҳарф таваҷҷуҳ намуда, вобаста ба ҳар вазифаи он чанд намуна овардан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчунин, истифода аз ранги сурх барои фаҳмотар шудан ва беҳтар аз худ кардани мавод кумаки амалӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, барои шавқовартару дилчасптар ташкил намудани дарс ва муҳимтар аз ҳама, баланд намудани сифати азхудкунии дониш омӯзгоронро лозим меояд, ки аз маводи гуногуни аёнӣ самаранок истифода кунанд. Дар баробари ин, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд дар ташкили кабинетҳои фанни алифбои ниёгон мусоидат карда, омӯзгорони касбиро интихобу таъйин намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Байзоев А. Алифбои ниёгон ва матн. Китоби дарсӣ барои синфи 5 / А. Байзоев, Ш. Кабиров. – Душанбе, 2008.
2. Байзоев Азим. Мушкилоти таълим ва омӯзиши алифбои ниёгон / Байзоев Азим. – Душанбе, 2004.
3. Габай Т.В. Учебная деятельность и ее средства / Т.В. Габай. – М.: Просвещение, 1999. – 200 с.
4. Евдокимов В.И. К вопросу об использовании наглядности в школе / В.И. Евдокимов. – Санкт – петербург: Питер, 2002. – 212 с.
Бояд тазаккур дод, ки баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон имконият медиҳад, ки фаъолнокӣ, муҳити мусбати эмотсионалӣ таъмин карда шавад. Масалан, ҳангоми ташкил намудани бозии сюжети-нақшофарии мазмуннок «Мағоза», суҳбат дар бораи мағозаи бозичаҳо, гулфурӯшӣ, туҳфаҳо ва ғайра имконият медиҳад, ки на танҳо мазмуни бозиҳо мураккаб гарданд, инчунин кӯдакон донишу тасаввуротҳои худро оид ба ашёҳо, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, номи гулҳо, хусусияти туҳфаҳо, анҷоми хониш, одату анъанаҳои оилавӣ ва мардумӣ, муносибатҳои байниҳамдигариро васеъ гардонанд. (Таъмин намудани муҳити инкишофдиҳанда низ хеле муҳим аст. Дар ҳамаи гурӯҳҳои томактабӣ ороиш додани гӯшаи бозичаҳо, гӯшаи ҷиҳози миллии хона, вазифаҳои муҳимтарини кормандони таълимгоҳ ва волидайн мебошад. Намоишҳои корҳои амалии кӯдакон, ки оид ба натиҷаи фаъолияти мусаввирии кӯдак ташкил карда мешаванд, сайёҳат ба ҷойҳои таърихӣ, осорхонаҳо, шиносоӣ бо ёдгориҳои таърихӣ ва ғайраҳо метавонанд дар иҷро гардондани вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ мадад расонанд (нигаред ба маводи методи «Ман, мо ва дигарон» иборат аз 2 қисм бо замимаҳои албомҳо).

Бояд қайд кард, ки ҳар як мураббия дар асоси баҳисобгирии шароити маҳал, муҳити зист, мавҷудияти маводҳои аёнӣ дар тарбияи ҳисси ватандӯстии кӯдакон аз методу воситаҳои гуногун истифода мебаранд, ки он бояд шинос намудан бо рамзҳои давлатӣ -парчам, нишон, суруди миллӣ, Сарвари кишвар ва каҳрамонони Тоҷикистон бояд мавқеи хосса дошта бошанд. Мо маҷмӯи нақшаи машғулиятҳо ва номгӯи мавзӯъҳоро барои мураббия ва волидон пешниҳод менамоем, ки онҳо барои беҳтар намудани кори тарбияи ватандӯстӣ мадад мерасонанд.

Тарбия намудани хурдсолон дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини кормандони муассисаҳои томактабӣ ва волидайн мебошад.

Муҳите, ки дар он кӯдак ба дунё омада, инкишоф меёбад, дар ташаккули шахсияти ӯ нақши муҳим дорад. Дар навбати худ, кӯдак мекӯшад, то сирру асрори муҳитро биомӯзад ва мавқеи худро дар доираи муносибатҳои имконпазири иҷтимоӣ муайян намояд. Калонсолон, волидайн ва мураббиёни кӯдакистонҳо, рафтор,

кирдору гуфтори харрӯзаи кӯдакро назора намуда, ташкилу роҳнамоӣ карда, ӯро чун шахс ташаккул медиҳанд. Махсусан, ба тарбияи сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили ростгӯӣ, поквиҷдонӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон, меҳру муҳаббат ба наздикон, аҳли оила, зодгоҳ, Ватан ва ғайра диққати махсус медиҳанд. Дар тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ, ифтихор аз забону миллати худ, шинос намудани бачаҳо бо Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рамзҳои давлатӣ, шаҳри Душанбе-пойтахти Ватан, Артиши миллӣ, ғамхории давлат дар ҳаққи модарону кӯдакон, мазмуну мундариҷаи Конвенсияи байналмилали оид ба ҳуқуқи кӯдак, идҳои миллӣ, санадҳои таърихӣ ва ғайра аҳамияти зиёд дорад. Маҳз дар ҳамин давра кӯдак на танҳо ба донистани сирру асрори муҳит кӯшиш мекунад, инчунин ӯро ҳодисаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ фаъолияти Сарвари кишвар, меҳнати бунёдкоронаи одамон, дигаргунии табиат ва фаслҳои сол, идҳо, маъракаҳои фарҳангию маърифатӣ ва ғайра ба худ ҷалб мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Маҷидова Б.А. Ватанам ифтихорам / Б.А. Маҷидова, З. Турғунова. –Душанбе, 2002.
1. Барномаи таълиму тарбияи томактабӣ «Рангинкамон». – Душанбе, 2012.
2. Маҷидова Б.А. Педагогикаи томактабӣ / Б.А. Маҷидова. – Душанбе, 2013.


### ВОСПИТАНИЕ ЧУВСТВА ПАТРИОТИЗМА У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА


Дошкольный возраст является важным периодом становления личности человека. Именно в эти годы закладываются нравственные основы и у детй формируются первые представления об окружающем мире и обществе. Базой патриотического воспитания в этом возрасте является нравственное, эстетическое, трудовое и умственное воспитание и именно в данном процессе разностороннего воспитания зарождаются основы гражданско-патриотических чувств у детей. Данная статья посвящена изучению воспитания будущего поколения, обладающего гражданско-патриотическими чувствами.


**Ключевые слова:** дошкольный возраст, становление личности человека, патриотическое воспитание, самосознание, патриотизм, гуманизм, толерантность.


### FOSTERING A SENSE OF PATRIOTISM AMONG PRESCHOOL CHILDREN


Preschool age is an important period of the formation of the human person. It was in those years laid the moral foundations and dety formed first ideas about the world and society. The base of patriotic education at this age is a moral, aesthetic, labor and intellectual education and that in this process a versatile education arise the principles of civil and patriotic feelings in children. This article is devoted to the study of education of the future generation, having civil and patriotic feelings.


**Keywords:** pre-school age, the emergence of the human person, patriotic education, self-consciousness, patriotism, humanism and tolerance..



**Сведение об авторе:** ***Мирханова Надира Музафаровна* -** старший научный сотрудник Института развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана.


# БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮЪҲОИ БИОЛОГИЯ АЗ РӮЙИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ


***К.А. Баротов***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши онҳо дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилона нақши басо бузург мебозад. Бо мақсади дар донишҷӯён тарбия намудани мустақилият ин низом ҳатмӣ талаб менамояд, ки аввалан, дар тафаккури донишҷӯён мустақилият инкишоф дода шавад, сониян, ба донишҷӯён омӯзонидани роҳу усулҳои мустақилона тавассути роҳнамоии омӯзгор дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии андӯхтаашон ниҳоят муҳим мебошад.

Кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯйи мактаби олӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи

донишандӯзии онон зиёд мегардад. Иҷрои кори мустақилона кор аз донишҷӯён бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд.

Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён мавқеи махсус дорад ва ҳамин аст, ки мутобиқи талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилот барои ихтисосҳои донишгоҳ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳо 50%-и ҳаҷми соатҳои сарбории таълимии барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзона ҷудошударо ташкил медиҳад. Яъне, дар низоми кредитии таҳсилот ҳаҷми корҳои аудиторӣ кам карда шуда, аҳамият ва мавқеи кори мустақилонаи донишҷӯён баланд бардошта шудааст. Зеро бо фаъолгардонии кори мустақилонаи донишҷӯён имконият фароҳам меояд, ки маводи таълим васеъ ва мустаҳкам гарданд, донишҳои нави касбӣ гирифта шавад ва маҳорати амалӣ ташаккул ёбад [3, 4-5].

Дар системаи мафҳумҳои дидактикаи муосир мафҳуми кори мустақилона яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳамин аст, ки педагогону методистон доир ба мафҳуми кори мустақилона фикру андешаҳои зиёдеро пешниҳод сохтаанд. Чунончи, методистони бузурги рус А.В. Усова ва З.А. Вологодская корҳои мустақилонаро ҳамчун методи таълим маънидод намуда, қайд намудаанд, ки тавассути иҷро намудани корҳои мустақилона толибилмон донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо хусусиятҳои мустақилият, фаъолнокӣ, ифода ва ғайраҳо ташаккул меёбанд.

Ба ақидаи Б.П. Есипов кори мустақилона тарзи корест, ки дар рафти иҷрои он омӯзгор иштирок намекунад, лекин аз рӯйи супориши он дар муддати муайяншуда иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки супоришро бошуурона иҷро кунанд. Натиҷаҳои бадастоварда бо кадом роҳе, ки набошад, қобилияти фикрӣ ё сарфи қувваи ҷисмонии онҳоро ошкор месозад.

К.У. Ушинский чунин меҳисобид, ки мустақилона фикррониии толибилм ҳангоми бевосита иҷро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд; мустақилият дар омӯзиш диққати толибилмро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикррониаш ӯ фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки кори мустақилонаи донишҷӯ фаъолияте мебошад, ки бе ёрии устод назорат карда мешавад ва дар он дараҷаи дониш, маҳорат, малака ва расидан ба мақсади гузошташуда таҷассум меёбад.

Лексия яке аз шаклҳои асосии ташкили таълим дар донишгоҳҳои олӣ ва мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо системаи донишҳо ва маҳорати амалӣ, воситаи муҳимми тайёр намудани омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ ва дар онҳо ташаккул додани малакаҳои мустақилона маълумотгирӣ ҳисоб мешавад.

Лексия нисбат ба китоби дарсӣ ва дигар шаклҳои донишгирии донишҷӯён бо он фарқ мекунад, ки маводи он ба донишҷӯён дар шакли шавқовар ва инкишофдиҳанда дастрас карда мешавад, лексия комёбиҳои илм ва техникаро фаро мегирад, донишҷӯёнро на танҳо бо ахбори навтарин, балки дар шакли дастрас баён намудани дониш шинос менамояд. Лексия донишҳои ҳосилшударо дар инкишоф нишон дода, алоқаи онҳоро бо ҳаёт ошкор месозад.

Дар баробари ин, лексия ширкати донишҷӯёнро дар раванди таълим ба низом медарорад, диққаташонро мутамарказ менамояд, онҳоро маҷбур месозад, ки якбора якчанд анализаторҳо, таҳлилкунандаҳо ва имкониятҳоро ба кор баранд. Лексия донишҷӯёнро ба олами адабиёти ба ҳамон фан вобаста шинос намуда, онҳоро ба кори бонизоми эҷодӣ ҷалб намуда, нисбат ба фанни омӯхташаванда ҳавасманд мегардонад. Ҳамин тавр, лексия барои мустақилона ва ба таври эҷодӣ маълумотгирии донишҷӯён роҳбалад маҳсуб мегардад.

Ҳоло дар поён лексияи омӯзиши мавзӯи «Бионика»-ро зимни таълими фанни биологияи мактабӣ пешкаш менамоем. Донишҷӯён аз сарчашмаҳои гуногун истифода бурда, мавзӯъро дар алоқамандӣ бо фанҳои табиию риёзӣ навишта, аз худ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки бионика расман дар Дайтон (ШМА) 13-15 сентябри соли 1960 дар симпозиуми якуми миллӣ оид ба бионика, ки идораи ҳарбӣ-ҳавоии ИМА

даъват карда буд, тавлид гаштааст. Дар ин симпозиум 700 нафар олимон-биологҳо, физиологҳо, инженерон, математикҳо, физикҳо, намояндагони марказҳои бузурги илмӣ ва ширкатҳои асосӣ ҳузур доштанд. Дар ин ҷо баромади 30 нафар нотиқон шунида шуд ва ҳисоботи онҳо аз як ҷилди китоби иборат аз 500 саҳифа чоп шуд. Дар ин симпозиум эмблемаи расмии бионика: теғи ҷарроҳӣ ва кафшеркунак, ки онҳоро аломати интеграл пайвастааст (теғи ҷарроҳӣ-рамзи биология, кафшеркунак-рамзи техника, интеграл-рамзи математика ва нишони муттаҳидии ин ду соҳаи дониш) қабул карда шуд. Дар симпозиум шиори бионика: «Прототипҳои зинда - калиди техникаи нав» низ қабул карда шуд.

Аз ҳамон вақт инҷониб конференсияҳои илмӣ оид ба бионика дар мамлакатҳои гуногун гузаронида мешаванд.

Вале бояд қайд намуд, ки тадқиқоти бионикӣ пеш аз соли 1960 ҳам бурда мешуд. Истилоҳи «бионика»-ро ҳанӯз дар моҳи августи соли 1958 тадқиқотчии америкоӣ Ҷек Стил пешниҳод карда буд. Лекин аз соли 1960 сар карда, ба туфайли симпозиуми Дайтон бионика диққати олимон, инженерон ва ташкилотҳои тадқиқоти илмии тамоми ҷаҳонро торафт бештар ба худ ҷалб кард. Дар як қатор мамлакатҳои хориҷа дар зери таъсири қувваҳои иртиҷоӣ кӯшиш карда, бионикаро барои сохтани системаҳои гуногуни техникаи ҳарбӣ истифода бурданд [1, 32].

Солҳои аввал, пас аз симпозиуми Дайтон, чунин равия ба амал омада буд, ки бионика танҳо дар алоқамандӣ бо кибернетика дида баромада шавад, яъне танҳо усулҳои қабул карда гирифтан, фиристодан, эҳтиёт намудан ва истифодабарии ахборот ва идоракунӣ, ки дар организмҳои зинда ошкор карда мешаванд, барои сохтани системаҳои техникаи идоракунӣ, алоқа, азнавкоркунии ахборот тадқиқ карда шаванд. Ба рӯйдиҳии ин равия идеяи асосии кибернетика дар бораи ягонагии қонунҳои идоракунӣ дар ҳар гуна системаҳо: организмҳои зинда, системаҳои мураккаби техникӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳанӯз дар солҳои 40-ум ба амал омада, баъдтар зуд ривоҷ ёфт, сабаб шуд. Маҳз ҳамин идея сабаб гашт, ки имконияти дар техника кор фармудани принсипҳои ниҳоят мукаммали азнавкоркунии иттилоот ва идоракуние, ки ба объектҳои биологӣ хос мебошанд, тадқиқ карда шаванд. Ин нуқтаи назарро У.Р.Эшби -яке аз мутахассисони бузургтарини соҳаи кибернетика, ки дар ба вуҷуд омадан ва ривоҷ ёфтани бионика нақши муассир дорад, равшан ифода намудааст. Дар маърӯзааш дар симпозиуми III миллӣ оид ба бионика дар ИМА (1963) ӯ чунин гуфта буд: «Кашф намудан ва истифода бурдани усулҳои кори майна он вазифае мебошад, ки бионика барои он вуҷуд дорад». Аммо ҳоло ба бионика ин хел маҳдудона назар намекунанд. Ҳозир соҳаҳои мароқи бионика ба доираи васеи зуҳурот ва ҷараёнҳои биологӣ паҳн шудааст. Ба ғайр аз физиология ва биофизика бисёр соҳаҳои биология, ба монанди морфология, биохимия, биоэнергетика, биомеханика, систематика, генетика, таълимот оид ба эволютсия ва ғайраҳо низ ба доираи эътибори бионика дохил шудаанд.

Одамон хеле пеш аз пайдоиши бионика ба ин ё он андоза ба ҳаракатҳои ҳайвонот тақлид мекарданд.

Лауреати мукофоти нобелӣ У.Мак-Каллок, ки барои инкишофи асрҳои илмии бионика ҳиссаи калон гузоштааст ва яке аз асосгузорони назарияи нейронҳои формалӣ мебошад, қайд менамояд, ки «инсон ба ҳайвонот тақлид намуда, ҳар гуна воситаҳои ҳаракаткунӣ офарид… Агар манбаъҳои қувва ва чарх истисно карда шаванд, қисми зиёди асбобҳое, ки инсон офаридааст, характери тақлидӣ доранд». Дар ҳақиқат ҳам ба он боварӣ ҳосил кардан душвор нест, ки конструкторон ва ихтироъкорони замонҳои қадим дар вақти сохтани аввалин асбобҳои техникӣ нусхаи принсипҳои ин ё он протсессҳо ва сохти узвҳоро аз ҳайвонот бардоштаанд. Олотҳои қадима аз ҷиҳати конструксияи худ ба узвҳои ҳайвонот бисёр монанд буда, протсессҳое, ки ин олотҳо ба ҷо меоварданд, ба ҳаракати ҳайвонот хеле наздик буданд. К.Маркс ба ин ҷиҳати кор эътибор дода, қайд менамояд, ки дар штатҳои ғуломдории ИМА «плугҳои сохти қадимии хитоӣ кор фармуда мешуданд, ки онҳо заминро монанди хук ё кӯрмуш мекофтанд, вале хат намекарданд ва чаппа

намегардонданд». Характери тақлидӣ доштани фаъолияти ихтироъкории инсонро ҳанӯз дар замонҳои қадим Демокрит ва Аристотел нишон дода буданд [2,41].

Чунин як ривояти қадимие ҳаст, ки гӯё дар асрҳои миёна олимони араб сохти чашмро тадқиқ намуда, линзаро кашф карда будаанд, ки бе онҳо ҳоло мавҷудияти оптика, фотография, кинематографияро тасаввур кардан мумкин нест. Бояд қайд намуд, ки бе линза ба миён омадани физикаи замони ҳозира имконнопазир буд.

Саъю кӯшиши ба табиати зинда тақлид намудан дар асарҳои олим ва рассоми барҷастаи давраи Эҳё Леонардо да Винчи (1452-1519) низ мушоҳида карда мешавад. Ӯ ҳаракат кардааст аппарати парвозкуние созад, ки болҳои монанди болҳои паранда ҳаракаткунанда дошта бошад. «Паранда,- навишта буд Леонардо да Винчи- аз рӯйи қонуни математикӣ ҳаракат мекунад ва барои бо тамоми ҳаракатҳояш сохтани он қудрати инсон мерасад. Ба асбоби сохтаи инсон танҳо паранда намерасад, ки онро дар ин маврид бояд ҷони инсон гирад».

Дар дафтари санааш соли 1505 Леонардо да Винчи чунин фикреро баён кардааст, ки кӯршабпарак бояд ҳамчун намунаи машинаи парвозкунӣ хизмат кунад, зеро пардаи пӯсти боли он, асоси устухонии болро мепӯшонад ва мустаҳкам мекунад. Пардаи пӯсти боли кӯршабпарак, ки тамоми болро мепайвандад, аз боли паранда бо он фарқ дорад, ки аз он шамол намегузарад. Бинобар он нақшаи машинаи парвозкунии Леонардо да Винчи ба шакли кӯршабпаракҳо монанд аст. Танҳо тақрибан пас аз 400 сол нахустин аппарати парвозкуние, ки дар асоси ҳамон принсипи сохти боли кӯршабпарак сохта шуда буд, пайдо шуд. Он «Эол»-и Клеман Адер буд. Конструктор тахтачаҳои бамбуки бо ширеш часпонда басташударо истифода бурда, шакли калонкардашудаи скелети кӯршабпаракро сохт. Онро бо шоҳии маҳин пӯшонид, ки он ҷойи пардаи пӯсти боли кӯршабпаракро иваз мекард. Вале дар ихтиёри К.Адер чизе, ки ба Леонардо да Винчи намерасид, мавҷуд буд, ки ин муҳаррики ба қадри кифоя пурқувват буд. Адер барои ба ҳаракат даровардани болҳо кӯшиш накарда, парраҳоро ба кор бурд. Дар бораи он, ки ӯ дар бобати нусхабардории табиати зинда то чӣ андоза аз дур даромада буд, боз як чизи дигар гувоҳӣ медиҳад: парраҳо аз парҳои ҳақиқии паррандаҳо сохта шуда буданд. Дар моҳи октябри соли 1980 Адер бо машинаи худ ба масофаи 50 метр парвоз намуд. Баъдҳо ӯ машинаи пурзӯртари парвозкунии «Авион»-ро сохта, муфлис шуд. Ин машина дар Париж, дар музеи санъат ва ҳунарҳо гузошта шудааст. Чӣ тавре ки муаллифи китоби шавқангез доир ба бионика Л.Жерарден менависад: «Монандии бешакку шубҳаи он ба прототипи зиндааш касро ба ҳаяҷон меоварад».

Олими италиявӣ Луиҷи Галвани яке аз аввалинҳое буд, ки дар роҳи ошкор намудани қонуниятҳои дохилие, ки ҳам барои организмҳо ва ҳам барои асбобҳои техникӣ умумианд, қадами ҷиддие ба пеш гузоштааст. Чунонки маълум аст, Л.Галвани қувваи электрнокии ҳайвонотро кашф намуда, дар амал ба тамоми таълимот оид ба электр, инчунин электрофизиология-асоси нейрофизиологияи ҳозира ибтидо гузошт.

Ба фикри Г.С.Гудожник, қонуниятҳои барои организмҳо ва асбобҳои техникӣ умумиро мунтазам, ба таври систематикӣ бори аввал физики машҳури рус Н.А.Умов (1846-1915) таҳлил карда баромадааст. Хизмати шоёни ӯ аз он иборат аст, ки вай барои ошкор намудани асосҳои ягонаи ҳамаи системаҳои муташаккил: ҳайвонот, инсон, машинаҳо бошуурона кӯшиш кардааст. Ӯ идеяҳои амиқ ва шавқовареро баён мекунад, ки онҳо моҳиятан характери бионикӣ доранд. Н. А.Умов моделҳои комилан аниқи бионикиро низ пешниҳод менамояд. Ин олим на танҳо баъзе принсипҳои умумии кори организмҳо ва машинаро тадқиқ мекунад ва на фақат имконияти объективии сохтани модели ҳаракатҳои ҳайвонотро нишон медиҳад, балки асоси физикии ягонагии тамоми системаҳои муташаккилро низ ошкор менамояд, қонуниятҳои ягонаи пайдоиш, амалиёт ва инкишофи онҳоро кашф мекунад.

Таҳлили амиқи принсипҳои умумии кори организмҳои зинда ва машинаҳо дар асарҳои олим ва инженери барҷастаи рус Н.Е.Жуковский (1874-1921) мавҷуд аст. Азбаски ӯ асосан ба проблемаҳои аэродинамика рағбат дошт, бинобар ин дар

асарҳои худ бештар ба таҳлили парвози парандагон рӯ меоварад. Н.Е. Жуковский дар нутқи худ «Дар бораи ҳавопаймоӣ» қайд карда буд: «…мо ба мавҷудоти зиндаи дар атрофамон парвоз мекардагӣ назар андохта, нохост худ аз худ мепурсем: наход барои мо имконияти ба ин мавҷудот тақлид кардан бошад?». Фаъолияти илмии Н.Е. Жуковский ҷавоби мусбати ин савол гардид. Ӯ ҳалли баъзе масъалаҳои назариявиро аз таҳлили ҳаракатҳои ҳайвонот оғоз мекард. Олим бояд тадриҷан қоидаҳои назариявиеро мебаровард, ки онҳо на танҳо ҳаракатҳои ҳайвонотро фаҳмонда медоданд, балки дар вақти сохтани асбобҳои техникӣ истифода бурданашон мумкин буд. Инро дар назарияи гирдбодҳо, ки ӯ кор карда баромадааст, хеле равшан дидан мумкин аст. Н.Е.Жуковский ба муқобили онҳое, ки назарияи тақлидро як сӯ ҳаво дода, дар тадқиқоти организмҳои зинда барои эҷодиёти техникӣ ҳеҷ гуна фоидаеро намебинанд, баромад мекард. Ӯ таъкид менамояд, ки дар паси тафовути зоҳирии ҳайвон ва машина принсипҳои ягона, омилҳои умумиеро, ки дар асоси кори онҳо гузошта шудаанд, дидан лозим аст. Ҳақ ба ҷониби Г.С.Гудожник аст, ки менависад: тадқиқоти Н.Е.Жуковский ба мақсади ошкор намудани принсипҳое, ки ба асбобҳои техникӣ мутобиқ мешаванд, намунаи классикии омӯзиши назариявии системаҳои биологӣ мебошад. Бионика, ки ҳоло усулҳои тадқиқотии худро кор карда баромада истодааст, аз асарҳои Н.Е.Жуковский истифода бурда метавонад.

Давраи ҳалкунанда ҳамчун самти мустақили илмӣ пойдор гардидани бионика бо кашфиёти қонуниятҳои техникии системаҳои биологие, ки бори аввал дар асарҳои А.Тюринг, У.С.Мак-Каллок ва У.Питтс, К.Э.Шенон, Н.Винер, П.А.Анохин ва дигарон нишон дода шудааст, вобаста мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар дар соли 1936 ба вуҷуд омадани асари математики англис А.Тюрингро, ки дар он «машинаи Тюринг» кор карда баромада шуда буд, ҳамчун оғозёбии илм бионика ҳисобидан мумкин аст.

Машинаи Тюринг барои аниқ намудани мафҳуми алгоритм пешниҳод карда шуда буд. Алгоритм қоидаест, ки мундариҷаи пай дар пайи амалҳоеро, ки барои аз чизҳои додашуда ёфтани натиҷаи дилхоҳ ба ҷо овардан зарур аст, муайян мекунад. Тюринг алгоритмро дар вақти таҳлил намудани кори одам ҳамчун ҳисобчӣ аниқ мекунад. Дар айни замон ӯ ин корро абстракт гардонда, характери алгоритмии онро ошкор мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки кори одам ҳамчун ҳисобчӣ, ки мувофиқи алгоритм кор мекунад, усулан бо машинаи ҳисоббарорие, ки дар асоси алгоритм амал мекунад, иваз карда шуданаш мумкин аст. Дар айни ҳол Тюринг мафҳуми «машинаи идеаликунонидашуда»-ро ихтироъ мекунанд, ки он ҳар гуна системаро ки барои аз рӯйи алгоритм амал кардан қобил аст, мефаҳмонад. Ҳар гуна машинаи физикӣ, системаи асаб, майнаи сар намунаи ҷузъии машинаи идеаликунонидашудаи Тюринг мебошад.

Мавриди зикр аст, ки машинаи Тюринг аз сохта шудани асбобҳои электронии ҳисоббарори замони муосир пештар тасвир карда шуда буд. Аҳамияти идеяи Тюринг барои инкишофи бионика аз он иборат аст, ки характер, моҳияти қонунҳои техникии кори майна, яъне хусусияти алгаритмии ин қонунҳо дар он равшан ифода ёфтааст. Ба қадри дарк намудани моҳияти идеяи Тюринг чунин ақида торафт бештар паҳн шудан гирифт, ки тамоми он протсессҳои фикррониеро, ки алгоритмизатсия кардан мумкин аст, асбоби техники ҳисоббарорӣ бомуваффақият ба ҷо оварда метавонад [3,18].

Инкишофи минбаъдаи идеяи асосии машинаи Тюрингро дар асари У.Мак-Каллок ва У.Питтс «Ҳисобкунии мантиқии идеяҳое, ки ба фаъолии асаб тааллуқ доранд», ки соли 1943 нашр гардида буд, ёфтан мумкин аст.

Мак-Каллок ва Питтс дар ин асари худ мафҳумҳои «нейрони идеалӣ» ё «формалӣ» ва «тӯри формалӣ»-ро инкишоф медиҳанд. Онҳо ба ин мафҳумҳо хосиятҳои муайян, хосиятҳоеро медиҳанд, ки физиологҳо онҳоро барои нейронҳои реалӣ ва тӯрҳои аз нейронҳо иборат муқаррар кардаанд. Онҳо боз қадами дигаре ба пеш гузошта, алоқаи тӯрҳои формалии асабро бо мантиқ муқаррар мекунанд, ки он протсессҳои фикррониро тасвир мекунад: «Азбаски фаъолияти асаб ба қонуни «ҳама чиз ё ҳеҷ чиз» итоат мекунад, бинобар ин воқеаҳои нейронӣ ва таносубҳои байни

онҳоро ба воситаҳои таклифҳои мантиқӣ омӯхтан мумкин аст»,-менависанд У.Мак-Каллок ва Питтс.

Ошкор карда шудани алоқамандӣ бо мантиқ назарияи тӯрҳои формалии нейрониро ба дараҷаи баландтар бардошт. Он чунин маъно дошт, ки бо машинаҳои ҳисоббарорие, ки дар асоси қоидаҳои мантиқ кор мекунанд, алоқа барқарор карда шуд ва аз ҳамин рӯ маънои ба техника гузаштани назарияи нейронҳои формалиро низ дошт. Тӯри нейронӣ ҳамчун як схемаи идеаликунонидашудае ба миён омад, ки қодир аст, мувофиқи қонуниятҳои техникӣ дар майнаи сар ва дар машинаи ҳисоббарори амалкунанда кор кунад. Ин гуна тӯр шакли конкретӣ гирифтани машинаи Тюринг мебошад. Мак-Каллок дар яке аз асарҳои худ тасдиқ мекунад, ки тӯри нейронӣ ҳар гуна функсияеро, машинаи Тюринг аз уҳдаи ҳисоб карда баровардани он мебароияд, иҷро карда метавонад ва аз ин ҷиҳат ба он машина монанд мебошад. Яке аз олимони бузургтарин, математик Ҷ. Фон Нейман ба ин кор баҳо дода навишта буд: «Бисёр вақтҳо чунин гуфтугузорҳоро дар хусуси он шунидан мумкин буд, ки фаъолият ва функсияи системаи асаби инсон чунон мураккабанд, ки ягон хел механизми одӣ онҳоро иҷро карда наметавонад… натиҷаи бадастовардаро Мак-Каллок-Питтс бо ҳамин суханҳо хотима медиҳад».

Барои шарҳи ин гуфтаҳо чунин мисол меоварем. Инженерон бе ёрии биологҳо ҳанӯз пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон принсипи радиолокатсияро кор карда, дар амал татбиқ намуданд. Аммо инкишофи пуравҷи ин соҳаи радиотехника маҳз дар солҳои ҷанг сар шуд. Идеяи локатор чунон машҳур шуда рафт, ки ҳатто бори аввал аз тарафи кӣ баён карда шуданашро гуфтан душвор аст, вале бо вуҷуди он дарҳол дар амал ҷорӣ кардани он муяссар нашуд, зеро барои ин як қатор масъалаҳои иловагии ниҳоят мураккаби радиотехникиро тамоман аз нав ҳал кардан лозим буд [6.7, 40-45].

Моҳияти идеяи радиолокатсия аз он иборат аст, ки антеннаи радиолокатор нури борики «прожектории» мавҷҳои радиоро ба фазо мефиристонад. Агар дар сари роҳаш монеаҳо вонахӯранд, нур меравад ва барнамегардад.

Маҳз Спаллансани аввалин шуда муқаррар кард, ки қобилияти дар шаб дида тавонистани кӯршабпаракҳо ба кори чашм не, балки ба кори ким кадом дигар узви эҳсосот вобаста аст. Баъди тамом шудани ҷанги дуюми ҷаҳон олими англис Доналд Гриффин идеяҳои локатсияро, ки инженерон кор карда буданд, ба асос гирифта ва дар корҳои таҷрибавии худ асбобҳои мукаммали электрониеро, ки то он вақт сохта шуда буданд, истифода бурда, муайян намуд, ки калиди асрори Спаллансани дар он будааст, ки кӯршабпаракҳо узвҳои аз ҷиҳати мукаммалиашон ҳайратангези локатсияи акси садо доштанд. Маҳз ана ҳамон узвҳо ба ин ҷонваракҳои чашмхира имконият медиҳад, ки дар торикии зулмот зиндагӣ, парвоз ва шикор кунанд [4, 45].

Доираи масъалаҳое, ки илми бионика ба онҳо машғул аст, хеле васеъ аст. Барои ба моҳияти илми бионика беҳтар сарфаҳм рафтан, чанд мисол меорем. Соли 1889 дар шаҳри Париж аз рӯйи лоиҳаи муҳандис Ж.Эйфел манораи зебои панҷарашакли сесадметраи оҳанӣ сохта шуд, ки он минбаъд рамзи хосси пойтахти Фаронса шаҳри Париж шуд. Чунин иншоот мисоли аниқи ягонагии қонунҳои ташкилёбии сохторҳои табиӣ ва сунъӣ мебошад.

Олимон муайян кардаанд, ки дар сохти манора ҷойгиркунии хатҳои қудратӣ ба устухонҳои парандаҳо ва ширхӯрҳо хеле шабоҳат доранд, ҳарчанд муҳандис дар вақти сохтани манора намунаҳои (моделҳои) зиндаро истифода набурдааст.

Устухони сабуки паранда, ки қобилияти бори вазнинро бардоштан дорад, мавзӯи тадқиқоти олимон ва меъморон қарор гирифт. Математик ва ихтироъкори шинохта Ле-Реколе скелети ҳайвонҳои муҳрадор ва бемуҳраро чун комплекси унсурҳои такягоҳӣ дар фазо омӯхта, сабаби мустаҳкамии конструксияҳои биологиро муайян кард.

Ле-Реколе сохти скелети баъзе радиоларияҳоро тадқиқ карда, баъзе конструксияҳои универсалии хоначадорро ба вуҷуд овард, ки онҳоро барои сохтани иншооти гуногун, масалан аз пӯшидани толорҳои калон то пулҳо ва дарғотҳо истифода бурдан мумкин аст. Эҳтимол, дар оянда талабот ба онҳо барои сохтани

иншоот, барои парвоз ба коинот пайдо мешавад. Чунки дар ин мавридҳо на фаҳат устувории конструксия, балки миқдори масолеҳ барои тайёр кардани он низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Гудожник Г.С. Место бионика в системе наук / Г.С. Гудожник. -М.: Знание, 1966.
2. Воронин А.С. Самостоятельная работа студентов: учебно-методическое пособие для студентов / А.С. Воронин. – Екатеринбург, 2005.
3. Зубайдов У.З. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили корҳои мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён / У.З. Зубайдов, С. Алимов. – Душанбе, 2014.
4. Мак-Каллок. У. Проблемы бионика / У. Мак-Каллок. -М.: Мир, 1965. -С.550.
5. Кан Г.С. Табиати офаридгор / Г.С. Кан. - Д.,1978.
6. Трахтенберг Б.А. Алгоритмы и машинное решение задач / Б.А. Трахтенберг. - М.,1960.
7. Штейнгауз А. Инженер и природа, или что такое бионика / А. Штейнгауз. - М.: Детгиз, 1968.


### ИСПОЛЬЗОВАНИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНЫХ РАБОТ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ БИОЛОГИИ НА ОСНОВЕ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБУЧЕНИЯ


В данной статье рассматривается изучение истории бионики в процессе самостоятельной работы и обучения биологии на основе кредитной системы обучения. Автор отмечает, что в отношении бионики создаются дополнительные трудности, ведь она предполагает соединение в одном лице двух таких далеких между собой понятий, как биология и техника.



**Ключевые слова:** бионика, локация, история, техника, алгоритм, обучение биологии, самостоятельная работа, кредитная система обучения.


### THE USE OF INDEPENDENT WORK IN THE COURSE OF TRAINING OF BIOLOGY BASED ON THE CREDIT SYSTEM OF EDUCATION


This article focuses on the study of the history of bionics in the process of self-study learning biology-based credit system of training. The author notes that in respect of bionics creates additional difficulties, because it assumes the connection in one of two such distant to each other concepts such as biology and technology.



**Key words:** bionics, location history, technique, algorithm. biology training, self-study, the credit system of education.



**Сведения об авторе:** ***Баротов Камолиддин Ашурович*** –кандидат педагогических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни.
Телефон: **(+992) 934-05-04-46**


## АНТРОПОГЕННОЕ ВОЗДЕЙСТВИЕ НА ПРИРОДУ


***Дж. С. Мансурова , Р.М. Кузиева***
**Финансово – экономический институт Таджикистана**


Человек - часть природы и, как живое существо, находится во взаимодействии с ней: он дышит, питается, занимает пространство.

Человек как биологический вид своей жизнедеятельностью воздействует на природу, но не больше, чем многие другие живые организмы, поскольку его биомасса (масса живого вещества организма, популяции или совокупности популяций видов на той или иной территории) в сравнении с другими видами животных не очень велика.

Но огромное воздействие на природу человечество оказывает в результате своего труда.

«Коротко говоря, - пишет Ф. Энгельс, - животное только пользуется внешней природой и производит в ней изменения просто в силу своего присутствия: человек же вносимыми им изменениями заставляет ее служить своим целям, господствует над ней» [1,153].

Мы выделили 4 главные формы воздействия человека на биосферу:

-изменение структуры земной поверхности (распашка степей, вырубка лесов, мелиорация, создание искусственных озер и морей, другие преобразования режима поверхностных вод и т.д.);

-изменение состава биосферы, круговорота и баланса слагающих ее веществ (изъятие ископаемых, выбросы различных веществ в атмосферу и в гидросферу, изменение влагооборота);

-изменение энергетического, в частности теплового баланса, отдельных районов земного шара и всей планеты;

-изменения, вносимые в биоту - совокупность живых организмов - в результате истребления некоторых видов, создания новых пород животных и сортов растений; перемещения их на новые места обитания.

«Чем глубже познаются людьми законы природы, и чем выше уровень развития производительных сил, тем больше эти законы могут служить интересам человека и тем шире используются природные ресурсы» [2,86].

Этот процесс приводит к глубоким изменениям в природе и вызывает необходимость ее охраны.

В разные времена понятие «охрана природы» имело различный смысл. В начале нынешнего столетия под охраной природы подразумевалась в 1-ю очередь охрана, которую следует называть «пассивной», т. е. изъятие каких-либо объектов, видов, территорий из хозяйственного использования.

К середине XX столетия охрана природы расценивалась уже как одна из важных задач человечества, разрешение которой связано с возможностями дальнейшего расширения производства и развития человеческого общества.

В нашей стране, как и впрочем, и в большинстве других, еще несколько десятилетий тому назад считалось, что охрана природы как наука ближе всего к биологии. А из биологических дисциплин охрана природы ближе всего к экологии, которая изучает 3 группы факторов среды, воздействующих на организм: абиотические (климатические, эдафические, орографические), биотические и антропогенные. Охрана природы рассматривает 3-й фактор (т.е. антропогенный), причем не только последствия влияния деятельности человека на природу, но и возможности этого влияния в более благоприятном направлении и не только по отношению к органическому миру, но также и к неживой природе.

Первостепенная задача охраны природы - рационализация природопользования.

Однако, было бы неправильно ставить знак равенства между охраной природы и рациональным природопользованием, как иногда это делают.

Тогда, говоря, например, об охране леса нужно было бы рассматривать вопросы лесоводства, организации, технологии лесной промышленности и многое другое.

Очевидно, охрана природы - понятие более широкое, чем природопользование (или охрана окружающей среды). Главный принцип восстановления утраченных природных ресурсов заключается в том, что при природопользовании должно быть исключено расходование «Основного капитала» природы.

Например, при правильном лесопользовании расчетная лесосека предусматривает возможность изъятия только такого количества древесины, которое дает ее естественный прирост за то же время в данном районе.

В эпоху научно-технического прогресса воздействие человека на биосферу нашей планеты, ее структуру и энергетику стало поистине всеобъемлющим.

Деятельность человека в природе увеличилась в тысячи раз, и восстановительные силы природы теперь уже стали меньше, чем воздействия на нее людей, вооруженных мощной техникой.

В последнее время ежегодно на душу населения планеты заготавливается более 20 т. минерального сырья. Причем человечество из недр планеты берет в 100 раз больше, чем может использовать. Производственная деятельность в мире при существующей сегодня несовершенной технологии вызывает потери почти 50% добытых металлов, 30% химического сырья, до 67% тепла, вырабатываемого теплоэлектростанциями. Подчас почти пропорционально объему заготовки растут объемы отходов и загрязнений. И

природа, обладающая неоценимым свойством регенерации, уже не в состоянии справиться с потоком загрязнителей, отходов производства и быта.

По данным ООН, в настоящее время выпускается почти миллион различных видов продукции, чуждых природе.

Темпы развития мирового промышленного производства за последнюю четверть века увеличились в 5-6, а в химическом производстве - в 10 раз. По подсчетам ученых, человек сейчас эксплуатирует около 55% суши и использует 13% речной воды, половину ежегодного прироста леса (причем в ряде стран мира рубки леса давно ведутся взаем у природы). В результате строительства и горных работ человек перемещает более 4 тыс. $км^3$ породы; каждый год извлекает из недр более 100 млрд. т. руды и сжигает 7 млрд. т. условного топлива.

По данным академика А.В. Виноградова, в процессе своей деятельности человек за год сбрасывает в водоемы 600 млрд. т. отработанных, промышленных и бытовых стоков, вносит в почву свыше 400 млн. т. минеральных удобрений, выбрасывает в атмосферу до 23 млрд. т. углекислого газа и более 1 млрд. т. других соединений, выливает в моря 6-10 млн. т. нефти и нефтепродуктов.

Мировой парк автомобилей сейчас насчитывает 350 млн. единиц. Они вместе с самолетами и другими составляющими техносферы потребляют кислорода приблизительно в 15 раз больше, чем всё живое не земле.

Ежегодное сжигание миллиардов тонн угля, нефти и газа увеличило содержание углекислоты в атмосфере.

Огромное распространение в мире имеет ветровая и водная эрозия почв, засоление почв, снижение продуктивности сельскохозяйственных угодий в некоторых природно-географических зонах, сокращение площади лесов, ухудшение водного баланса, падение численности или исчезновение некоторых видов растений и животных.

Учитывая быстрый рост народонаселения (сейчас нас 8,300 млрд. человек) вызывает тревогу истощение ряда природных ресурсов, необходимых для развития производительных сил.

Нарастающее загрязнение окружающей среды при очевидной невозможности локализации этих отрицательных явлений, поскольку биосфера планеты едина, придает всей проблеме глобальное значение.

Отсюда видна необходимость международного сотрудничества, принятия всеобщих радикальных мер, направленных по повышение продуктивности Земли, рациональное использование ее богатств и предохранение биосферы от загрязнения.

Таким образом, охрана природы включает широкий круг проблем, а именно:

-загрязнение воды и воздуха вредными промышленными выбросами, продуктами жизнедеятельности' человека, ядовитыми химическими и радиоактивными веществами;

-предотвращение вредных последствий применения различных пестицидов для уничтожения вредителей сельского и лесного хозяйства, сорной растительности, водорослей, вызывающих «цветение» водоемов;

эрозию почв и их рекультивацию;

-комплексное изучение экосистем в условиях нетронутых человеком участков биосферы-заповедников;

-регулирование численности, -акклиматизацию и реакклиматизацию ценных промысловых животных;

-охрана памятников природы;

-дальнейшая разработка правовых норм охраны природы;

-экономическая оценка природных ресурсов;

-вопросы эстетического воспитания.

Современные аспекты охраны природы следующие:

1. **Хозяйственно-экономический аспект,** заключающийся в решении вопросов экономически рентабельного использования природных ресурсов, необходимых

для развития промышленности и сельского хозяйства с проведением соответствующих природоохранительных мероприятий.

**2. 0здоровительно-гигиенический аспект,** в связи с загрязнением атмосферы и воды, а также оздоровительным значением природы в отдыхе и лечении людей.

3. **Эстетический,** приобретающий в последнее время все большее значение. Природа всегда обладала огромным эстетическим воздействием на человека, будучи источником высочайших эмоций, вдохновляющих поэтов, писателей, художников, композиторов.

4. **Воспитательный.** Общение с природой, особенно детей, развивает наблюдательность, формирует лучшие стороны характера, вызывает высокое чувство патриотизма, желание бережного отношения к природе и заботу о живых существах.

5. **Научный** (заповедный). Сохранение образцов (эталонов) «нетронутой природы для изучения законов, управляющих природными комплексами, т.е. всего многообразия жизни, необходимого для изучения эволюции и отыскания путей управления организмами в интересах человека.

Международное экологическое сотрудничество и образование, зародившееся около 100 лет тому назад, стремительно развивается в настоящее время.

Сейчас в эпоху научно-технического прогресса в решении глобальных проблем охраны природы особенно важны совместные усилия и сотрудничество всех государств независимо от их общественного строя.

Существует 2 формы такого сотрудничества:

-межгосударственные соглашения и конвенции по вопросам охраны окружающей среды и рационального использования природных ресурсов;

-участие в деятельности международных природоохранительных организаций.

Международные соглашения и конвенции чаще всего заключаются между государствами, имеющими сходные физико-географические условия и общие границы.

Первые конвенции касались охраны животных. Так, в 1950 г. в Париже была подписана конвенция по охране птиц, а в 1971 г. в Иране - международная конвенция по выявлению, изучению и охране мест отдыха и зимовки водоплавающей дичи. Между СССР и Японией в 1973 г. подписана конвенция по охране перелетных и редких птиц.

В настоящее время действует около 70 договоров по рыбному и китобойному промыслам. Еще в 1954 г. в Лондоне была заключена конвенция по предотвращению загрязнения морей нефтью. Она запрещает слив нефти в пределах 100-2,50 км от побережий стран, подписавших конвенцию. В 1963 г. был подписан Московский договор о запрещении испытаний ядерного оружия в атмосфере, космическом пространстве и под водой, в котором принимают участие более 100 стран.

Важное значение имеет соглашение между СССР и США о сотрудничестве в области изучения и охраны окружающей среды, заключенное в мае 1972 г.

В 1974 г. между СССР, Польшей, ГДР, ФРГ, Данией, Швецией и Финляндией заключена конвенция о запрете загрязнения Балтийского моря. СССР по различным проблемам охраны природы заключил соглашения с Канадой, Францией, Швецией, Афганистаном, а также по борьбе с саранчой совместно с Ираном.

В решении международных проблем в области охраны природы большая роль принадлежит ООН и ее органам.

В 1962 г. на XVII сессии Генеральной ассамблеи ООН была принята специальная резолюция «Экономическое развитие и охрана природы», в которой подчеркивалось, что охрана природы является непосредственным долгом государств-членов ООН.

В 1972 г. в Стокгольме состоялась конференция ООН по вопросам охраны окружающей среды, которая объявила 5 июня «Международным днем охраны окружающей среды». Специализированные органы ООН, такие как ЮНЕСКО, ВОЗ и др., также много внимания уделяют охране природы. Важнейшей международной

организацией является Международный Союз охраны природы и природных ресурсов (МС011).

В настоящее время в состав МСОП входят 46 государств - членов, 350 национальных организаций из 84 стран и 22 международные ассоциации, такие как ЮНЕСКО, ФАО, ВОЗ, Всемирный фонд охраны дикой природы и т.д.

В соответствии с уставом МСОП содействует сотрудничеству между правительствами, национальными и международными организациями, занимающимися вопросами охраны природы. МСОП подготавливает проекты международных конвенций и соглашений. В задачу МСОП входит научная консультация государств, национальных и международных органов по охране живой природы и правовым вопросам. МСОП разрабатывает, а также распространяет новейшие научные и технические достижения в данной области й пропагандирует идеи охраны природы.

Тысячелетиями человек жил, работал, развивался, но он и не подозревал, что, возможно, настанет день, когда станет трудно, а может и невозможно, дышать чистым воздухом, пить чистую воду, выращивать что-либо на земле, так как воздух загрязнен, вода отравлена, почва заражена радиацией или другими химическими веществами. Но многое изменилось с тех пор. И в нашем веке это вполне реальная угроза, и не многие люди осознают это. Владельцы крупных заводов, нефтегазодобывающей промышленности, думают только о себе, о прибыли. Они пренебрегают правилами безопасности, игнорируют требования экологической позиции, GREANPEACE, а порой им лень купить новые фильтры для промышленных стоков, газов, загрязняющих атмосферу. Каждый человек должен осознавать, что Человечество на грани гибели, и выживем мы или нет, заслуга каждого из нас.

Нам необходимо научиться чувствовать себя членами одной семьи, судьба которой зависит от каждого из нас. Только тогда мы сможет сберечь наш общий дом – Землю. И что осознание единства человечества – одна из основ экологической нравственности и гуманизма.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Бурко Р. А. Экологические проблемы современного общества и их пути решения / Р. А. Бурко,Т. В. Терёшина // Молодой ученый. - 2013. - №11. -С. 237-238.
2. Одум Ю. Основы экологии / Ю. Одум. -М., 1975.
3. Кроткое Ф.Г. Загрязнение окружающей среды и проблемы гигиены / Ф.Г. Кроткое // Природа. 1975.
4. Человек и среда его обитания // Вопросы философии. -1973. -№ 3.


### АНТРОПОГЕННОЕ ВОЗДЕЙСТВИЕ НА ПРИРОДУ


В данной статье говорится, что защита среды человека от деградации согласуется с требованиями улучшения качества жизни и качества среды. Эта взаимосвязь требований (и общественных действий) - защита среды человека и улучшение ее качества является предпосылкой улучшения качества жизни, что находит отражение в теоретических осмыслениях отношений человека и природы и в столкновениях идей, сопровождающих это осмысление.



**Ключевые слова:** популяция, биомасса, рационализация, техносфера, рекультивация, охрана природы, акклиматизация, антропогенное влияние, абиотический фактор, биосфера.


### ANTHROPOGENIC IMPACT ON NATURE


This article says about protecting human Wednesday from degradation in accordance with the requirement of improving the quality of life and quality of Wednesday. This relationship demands (and public)-protection of human Wednesday and improving its quality is a prerequisite for improving the quality of life that is reflected in the theoretical of the relationship between man and nature and in the confrontation of ideas, accompanying this interpretation.



**Key words:** population, biomass, rationalization, techno sphere, reclamation, conservation, acclimatization, anthropogenic influence, biotic factor biosphere.



**Сведения об авторах:** ***Мансурова Джамиля Сулаймоновна*** - ассистент кафедры естествознания Финансово-экономического университета Таджикистана. Телефон: **919-43-11-20**

***Кузиева Раъно Мирмухамадовна*** - ассистент кафедры естествознания Финансово-экономического университета Таджикистана. Телефон: **919-50-95-86**

# КОРИ МЕТОДИИ КАБИНЕТ БО КОЛЛЕКТИВҲОИ ПЕДАГОГИИ МАКТАБҲО, МТК ВА ВОЛИДАЙН ДОИР БА КАСБИНТИХОБКУНИИ ХОНАНДАГОН

***И. Қодиров***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Яке аз вазифаҳои асосии кабинети касбинтихобкунӣ дар мактаб гузаронидани корҳои методӣ доир ба касбинтихобкунӣ дар дохили мактаб, мувофиқсозии он бо кори мушобеҳе, ки дар доираи ноҳия ё шаҳр ба роҳ монда мешавад, мебошад.

Ташкили кори методӣ бо коллективи педагогии мактаб дар асоси нақшаи кори методии кабинет амалӣ мегардад. Ҳангоми мураттаб сохтани он нақшаҳои роҳбарони синфҳо ва иттиҳодияҳои методиро ба ҳисоб гирифта, онҳоро мувофиқ сохтан ва ба ҳалли вазифаи асосӣ баланд бардоштани сифати касбинтихобкунии мактаббачагон равон кардан зарур аст.

Дар нақша ба назар гирифтани чорабиниҳои умумӣ барои ҳамаи категорияҳои кормандони мактабҳо (директорони мактаб, ташкилкунандагони корҳои беруназсинфӣ, муаллимони фаннӣ, духтурони мактаб, китобдорон ва ғайра) ва чорабиниҳо бо баҳисобгирии тахассуси кормандони зикргардида мувофиқи мақсад мебошад. Ба онҳо шомиланд: маърӯзаҳо, ҳамоишҳои илмӣ-амалӣ, саёҳатҳо корхонаю муассисаҳо барои шиносоӣ бо касбҳои мухталиф ва ғайра.

Маърӯзаҳо моҳе як-ду маротиба ба нақша гирифта мешаванд. Мавзӯоти онҳо бояд масоили зеринро фаро гиранд: вазифаҳои мактаб доир ба касбинтихобкунии хонандагон, дурнамои рушди корхонаҳои асосии иқтисодии ноҳияи мазкур, талаботи корхонаҳо ба мутахассисон; роҳҳои идомаи таҳсил ва бо кор таъмин намудани хатмкунандагони мактабҳо; пешрафти илмӣ-техникӣ ва истеҳсолоти муосир ва ғайра.

Баррасии масоили зикршуда аҳамияти зиёд дорад, зеро ҷаҳонбинии кормандони мактабҳоро доир ба масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии касбинтихобкунӣ васеъ месозад, ба дида баромадани проблемаи касбинтихобкунӣ чун маҷмӯе, ки ҳалли бомуваффақияти он бо иҷрои вазифаи давлатӣ - тайёр намудани мактаббачагон ба меҳнат ва интихоби асосноки касб алоқаманд аст, имкон медиҳад.

Кори мақсадноки системавӣ аз рӯйи масъалаҳои умумии касбинтихобкунӣ бо баррасии амиқтари ин масъалаҳо вобаста аз вижагиҳои фаъолияти кормандони мактаб бояд пурра гардад. Масалан, бо мақсади шиносоӣ бо шаклу методҳои кори касбинтихобкунӣ аз рӯйи хоссагиҳои фаъолияти онҳо бо муаллимони фаннӣ ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, роҳбарони синфҳо, духтурону китобдорҳо гузаронидани семинарҳо мувофиқи мақсад аст. Гузаронидани чунин семинарҳо як маротиба дар давоми сол ба нақша гирифта мешавад. Семинарҳоро бо ҷалби кормандони шаҳр (ноҳия), китобхонаи шаҳрӣ (ноҳиявӣ), духтури наврасон ва мутахассисони дигар мегузаронанд.

Семинарҳо барои роҳбарони синфҳо муҳокимаи масоили зеринро дар бар мегиранд: вазифаҳо, шаклу методҳои кори роҳбари синф доир ба касбинтихобкунии хонандагон; методи омӯзиши хонанда дар доираи мақсадҳои касбинтихобкунӣ; рушди майлу рағбатҳо ва қобилиятҳои хонандагон; ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназдарсӣ доир ба касбинтихобкунӣ ва ғайра.

Дар семинарҳои иттиҳодияҳои методии муаллимони фаннӣ масъалаҳое баррасӣ мегарданд, ки бо муайян кардани мазмун, шакл ва методҳои кори касбинтихобкунӣ дар дарсҳо алоқаманданд. Барои муайян кардани мазмуни маводи касбинтихобкунӣ дар таълими фанни таълимӣ барномаҳои таълимӣ таҳлил мегарданд, мавзӯъҳое, ки аносири касбинтихобкуниро дар бар мегиранд, ошкор карда мешаванд, муқаррар мегардад, ки ҳангоми омӯзиши мавзӯи мазкур бо кадом соҳаи хоҷагии халқ, касб, ихтисос ва усулҳои меҳнат хонандагонро шинос кардан мумкин аст; шаклу методҳои корбурди мақсадноки онҳо муайян мегарданд.

Ба кор бо муаллимони таълими меҳнат диққати махсус додан лозим аст, зеро фаъолияти онҳо бевосита ба кори дар мактаббачагон ташаккул додани рағбат ба касбҳои коргарӣ, муносибати бошуурона ба меҳнат, азхудкунии усулу малакаҳои муайяни меҳнатӣ равона шудааст. Таълими меҳнат дар мактаб барои гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ бо мактаббачагон имкониятҳои васеъ пешниҳод менамояд, хонандагонро бо намудҳои мушаххаси меҳнат ва ихтисосҳо шинос мекунад, дар онҳо сифатҳои зарурии шахсиятро тарбия менамояд. Дар ҷараёни меҳнати истеҳсолӣ хонандагон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ қувваҳои худро санҷида метавонанд.

Нақши таълими меҳнат дар замони муосир хеле бузург аст, зеро тибқи Самтҳои асосии ислоҳоти мактаб хонандагон ҳангоми хатми мактаби миёнаи нопурра ба интихоби бошууронаи касб ва муассисаи таълимӣ барои идомаи таҳсил бояд омода бошанд, ҳангоми хатми мактаби миёна касби муайянеро аз худ карда, имтиҳоноти тахассусиро бояд супоранд. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як ҷавон то оғози фаъолияти меҳнатӣ бояд ихтисосеро интихоб намояд.

Касбинтихобкунӣ дар дарсҳои таълими меҳнат доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегирад ва ба банақшагирии дарсҳо муносибати мулоҳизакоронаро талаб менамояд. Ҳангоми тартиб додани нақшаи тақвимии кор дар қатори маводи таълимӣ ҳатман масоили касбинтихобкуниро низ ба он ворид месозад, аз рӯйи ҳар як мавзӯи мушаххас ҷой ва мазмуни онҳоро муайян мекунад. Мувофиқи мавзӯи дарс муаллим дар бораи касбу ихтисосҳо маълумот медиҳад, намоиши филмҳоро доир ба касбинтихобкунӣ ба роҳ мемонад, дар бораи пешқадамони истеҳсолот нақл мекунад, хонандагонро ба саёҳатҳо ба МТК ва ба истеҳсолот омода месозад, бо онҳо натиҷаҳои ин саёҳатҳоро муҳокима менамояд. Таҷрибаи кори касбинтихобкунии муаллимони таълими меҳнатро дар семинарҳои муаллимони таълими меҳнат, баррасӣ намудан мувофиқи мақсад аст.

Ба кори кабинет китобхона метавонад кумаки ҷиддии методӣ расонад. Дар кабинет адабиёти методӣ аз рӯйи фаслҳо интихоб мегардад ва ба низом даровардa мешавад, ҳуҷҷатҳо, мавод доир ба рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҷамъоварӣ мегардад. Китобдори мактаб якҷоя бо роҳбари кабинети касбинтихобкунӣ ба коллективи педагогӣ дар бораи навгониҳои адабиёти педагогӣ, мақолаҳои алоҳида дар рӯзнома ва маҷаллаҳо ахборот медиҳад; ба мушовири кабинети касбинтихобкунӣ ёрӣ мерасонад: рағбати китобхонии хонандагонро меомӯзад, рӯйхати адабиётро доир ба касбинтихобкунӣ барои хонандагон тартиб медиҳад, намоиши китобҳоро дар бораи касбҳо ташкил мекунад.

Дар кабинет маводи зерини методӣ ҷамъоварӣ мегардад ва ба низом даровардa мешавад: тавсияҳо доир ба ташкил ва банақшагирии корҳои касбинтихобкунӣ; мазмун ва шаклҳои кори якҷояи мактаб ва ЛКТ, мактаб ва корхонаи базавӣ, мактаб ва оила; рӯйхати намунавии касбҳо, ки ба онҳо ноҳияи мазкур эҳтиёҷ дорад; коркарди мусоҳибаҳо бо волидайн дар бораи нақши оила дар омода сохтани кӯдакон бо интихоби касб; методикаи омӯзиши хонандагон бо мақсади касбинтихобкунӣ; нишондиҳандаҳои методии муаллимони фанҳо доир ба мазмуни кори касбинтихобкунӣ дар дарсҳо; ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами кор доир ба касбинтихобкунӣ.

**Алоқа байни кабинети мактаб бо кабинети касбинтихобкунии МТК.** Ташкили кори методӣ кори муштарак, мутобиқшуда ва мақсадноки кабинетҳои касбинтихобкунии мактабҳо ва МТК-ро дар назар дорад. Роҳбарони кабинетҳои мактабии касбинтихобкунӣ бо мушовири кабинети касбинтихобкунии МТК-и ноҳия алоқаи зич дорад. Онҳо якҷоя масоили зеринро ҳал менамоянд: банақшагирӣ, коркарди мазмун, шакл ва методҳои касбинтихобкунӣ дар ҷараёни таълиму тарбия, ороиши кабинетҳо, кумаки методӣ ба муаллимон, машваратҳо доир ба интихоби касб ва бо кор таъминсозии хонандагон ва ҳоказо.

Мушовири кабинети мактабии касбинтихобкунӣ бо кабинети ноҳиявӣ ҳамкориро ба роҳ монда, таҷрибаи пешқадамро доир ба касбинтихобкунӣ меомӯзад,

тавсияҳои методиро доир ба ташкил кардани кори касбинтихобкунӣ мураттаб месозад, ба коллективи педагогии мактаб дар бораи мавҷудияти адабиёти методӣ, филмҳо, видеофилмҳо, диофилмҳо ва ғ. ахборот медиҳад.

Кори муштарак машваратҳоро доир ба масоили зерин дар бар мегирад: банақшагирии кори касбинтихобкунӣ дар мактаб бо назардошти чорабиниҳои дар ноҳия гузаронидашаванда; ташкил ва ороиши кабинетҳои мактабии касбинтихобкунӣ бо назардошти талаботҳои минтақаи иқтисодӣ ба кадрҳо натиҷаҳои бо кор таъминсозии хатмкардагони мактабҳои ноҳия; ба роҳ мондани назорат аз болои ташкилу гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ.

Мушовирони кабинетҳои касбинтихобкунӣ ва коллективҳои педагогии мактаб дар семинарҳои ноҳиявии иттиҳодияҳои методии муаллимони фаннӣ, роҳбарони синфҳо, китобдорону духтурҳои мактабҳо, кумитаи падару модарон ширкат меварзанд.

Ҳамкории кабинетҳои мактабии касбинтихобкунӣ ва кабинетҳои касбинтихобкунии МТК ҳангоми тақсимоти хонандагони мактабҳо аз рӯйи соҳаҳои таълими меҳнат аҳамияти хосса пайдо мекунанд. Диққати мушовирон бояд ба омӯзиши шахсияти мактаббача, муайян кардани майлу рағбатҳои ӯ, мутаносибии онҳо бо имконотҳои таълими меҳнат дар МТК равона гардад. Дар ҳолати лозимӣ хонандаро барои машварат ба назди духтур ё барои муайян кардану тасҳеҳи мақсадҳои ба касб нигаронидашудаи ӯ ба назди машваратчии касбӣ равон менамоянд.

Мушовир доир ба касбинтихобкунӣ дар мактаб якҷоя бо мушовири МТК иштироки мактаббачагонро дар чорабиниҳои касбинтихобкунӣ, ки дар ноҳия гузаронида мешаванд (рӯзи дарҳои кушода дар муассисаҳои таълимии касбӣ, вохӯриҳои мактаббачагон бо коргарону мутахассисон, ҳамоишҳо, ҷаласаҳое, ки бо масоили интихоби касб алоқаманданд) муайян мекунанд, нақшаҳои гузаронидани саёҳатҳо ба корхонаҳо, МТК ва ғайра мураттаб сохта мешаванд, тавсияҳо доир ба гузаронидани ин чорабиниҳо коркард мегарданд. Мушовирони мактаб дар курсҳо, семинарҳо, конференсияҳо ва дигар намуди машғулиятҳо, ки аз тарафи кабинети касбинтихобкунӣ дар МТК гузаронида мешаванд, бояд тахассуси худро баланд бардоранд. Натиҷаи кори коллективи педагогии мактаб ва МТК дар ҳамоишҳои солонаи илмӣ-амалӣ арзёбӣ мегардад. Дар онҳо таҷрибаи пешқадами муаллимони алоҳида ва коллективҳои педагогии мактабҳои ноҳия шунида мешавад, шаклу усулҳои самараноки корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагон таҳлил ва дар амал татбиқ карда мешаванд.

**Кор бо волидайн доир ба касбинтихобкунии хонандагон.** Кори методии кабинети касбинтихобкунӣ бо низоми кори волидайн ҳамбастагӣ дорад. Самтҳои асосии он: тарғиби донишҳои педагогӣ ва психологӣ аз рӯйи масъалаҳои касбинтихобкунӣ, ҷалби волидайн ба кор бо хонандагон доир ба касбинтихобкунӣ ва ғайра мебошад.

Тарғиби донишҳо аз рӯйи масъалаҳои касбинтихобкунӣ байни волидайн маърӯза ва мусоҳибаҳоро дар бораи рушди кӯдак, хусусиятҳои синнусолии ӯ, дар кӯдак тарбия намудани меҳру муҳаббат ба меҳнат, маълумотҳои иқтисодӣ дар бораи рушди ҷомеа ва талабот ба кадрҳо дар замони муосир ва оянда, шинос намудани волидайн бо касбҳои гуногун, ки ба онҳо хоҷагии халқ эҳтиёҷ дорад, касб ва ғайраро дар бар мегирад. Ба тарғиби бомуваффақият маърифати педагогии волидайн аз рӯйи барномаи муайян бештар ҷавобгӯ аст, агар дар барнома мавзӯоти зерин пешбинӣ шуда бошад: «Тарбияи меҳнатии мактаббачагон дар оила», «Аҳамияти тарбиявии меҳнати муфиди ҷамъиятии мактаббачагон», «Тарбияи меҳнатӣ дар оила - шарти зарурии азхудкунии бомуваффақияти касбҳо», «Омӯзиш ва рушди майлу рағбати кӯдак - асоси интихоби бошууронаи касб», «Инкишофи қобилиятҳои кӯдак», «Солимӣ ва интихоби касб», «Рушди хоҷагии халқ ва талабот ба коргарон», «Кӯдакони мо дар куҷо таҳсил ва кор кунанд» ва ғайра.

Таҷриба ва амалияи зиндагӣ нишон медиҳад, ки кор бо волидайн ҳамон вақт самара медиҳад, ки агар байни волидайн на танҳо тарғиби педагогӣ бурда шавад, балки ҷалби васеи онҳо ба кори васеи касбинтихобкунӣ бо мактаббачагон амалӣ гардад. Волидайн дар гузаронидани вохӯриҳо бо хонандагон, ташкили мусоҳибаҳо, маърӯзаҳо, шабнишиниҳое, ки мактаббачагонро бо истеҳсолот шинос менамоянд, ташкили намоишҳо ва гӯшаҳо доир ба касбинтихобкунӣ метавонанд фаъолона иштирок кунанд, бо чунин кор волидайн мақсаду вазифаҳои касбинтихобкуниро мушаххастар тасаввур мекунанд, майлу рағбат ва қобилиятҳои кӯдакони худро амиқтар мефаҳманд, дурнамои рушди соҳаҳои пешқадами хоҷагии халқро аниқ месозанд ва талабот ба коргаронро дар минтақаи иқтисодии худ муайян менамоянд.

Кор бо волидайнро роҳбари кабинети касбинтихобкунӣ якҷоя бо роҳбарони синфҳо ва кумитаи умумимактабии падару модарон ба роҳ мемонад. Он ба нақшаи умумимактабӣ доир ба касбинтихобкунӣ ва нақшаи умумимактабӣ доир ба касбинтихобкунӣ ва нақшаи кори кабинет ҳамроҳ гашта, дар назар дорад: ташкили маърӯзаҳо барои волидайн тибқи барномаи маърифати волидайн доир ба масъалаҳои психологӣ-педагогии касбинтихобкунӣ; ҷалби волидайн ба кор доир ба касбинтихобкунӣ (гузаронидани вохӯриҳо бо мутахассисон, саёҳатҳо ба ЛКТ ва истеҳсолот, роҳбарӣ ба маҳфилҳои гуногун ва шаклҳои дигари кор).

Шаклу методҳои кори касбинтихобкунӣ бо волидайн гуногунанд: мусоҳибаҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, ҷаласаҳои умумӣ ва синфии падару модарони хонандагони синну соли гуногун, маърӯзаву ҳамоишҳо барои волидайн. Интихоби шаклу методҳо аз хусусиятҳои корхонаи базавӣ ва истеҳсолоти мактабро иҳотакунанда, таркиби касбии волидайн, сатҳи маълумотнокии онҳо ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Ба кори инфиродӣ бо волидайни хатмкунандагони мактаб (синфҳои 9-11) диққати махсус дода мешавад. Дар таҳқиқоти ҷомеашиносон ва педагогҳо қайд мегардад, ки аксарияти хонандагон зери таъсири волидайн касбро интихоб мекунанд ва он бо як қатор омилҳо муайян карда мешавад: бо вазъи иҷтимоии волидайн, бо сатҳи маълумотнокии онҳо, бо вазъи моддӣ, бо анъанаҳои оилавӣ ва ғайра.

Дар ҷараёни кори инфиродӣ бо оила аз рӯйи масоили касбинтихобкунӣ ҳамаи инро ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Дар мусоҳиба бо волидайн аз рӯйи масъалаҳои интихоби касб аз ҷониби кӯдаки ӯ ба мушовир ошкор кардан лозим аст: 1) кӯдак кӣ будан мехоҳад? 2) волидайн ба кӯдакони худ баъд аз хатми синфи 9 ё 11 дар интихоби касб чӣ маслиҳат медиҳанд? 3) писар ё духтар ба маслиҳати додаи волидайни худ розиянд ё не, сабабҳои норозоӣ; 4) ҳангоми таълим кӯдак бо кадом душвориҳо дучор мешавад; 5) дар онҳо кадом майлу рағбат бартарӣ пайдо мекунад, устувории онҳо чӣ гуна аст? 6) дар рушди манфиатҳои кӯдакон волидайн чӣ кор мекунанд; 7) дар кӯдакон кадом хислатҳои хос бартарӣ доранд? 8) дар вазъи саломатии кӯдак норасоӣ мавҷуд аст ё не?

Ҳамин тариқ, кори методии кабинети касбинтихобкунӣ дар расонидани кумаки ташкилӣ-методӣ ба коллективи педагогии мактабҳо ва кори бевосита бо хонандагону волидайни онҳо зоҳир мегардад. Коркарди тавсияҳои методӣ барои кабинетҳои касбинтихобкунӣ барои бунёди марказҳои касбинтихобкунӣ, ки дар Самтҳои асосии ислоҳоти мактаб ишора шудааст, асос мебошад.

Такмили кори методии кабинетҳои касбинтихобкунӣ ба баланд бардоштани самаранокии касбинтихобкунӣ мусоидат менамояд. Кабинетҳои касбинтихобкунӣ бо коллективҳои педагогии мактабҳо кори методиро ба роҳ монда, ба ҷузъҳои асосии ҷараёни таълиму тарбия дар мактабҳо, ба пурзӯршавии самти касбинтихобкунии онҳо, мустаҳкам кардани алоқаи онҳо бо истеҳсолоти маҳаллӣ таъсир мерасонанд. Барқарорсозӣ, васеъкунӣ ва рушди алоқаҳо бо корхонаҳо, ташкилотҳо, МТК ва ЛКТ яке аз вазифаҳои асосии кабинети мактабии касбинтихобкунӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Кадыров С. Профессиональная ориентация школьников / С. Кадыров [и др.]. - Душнбе: Сино, 1997.
2. Миралиев А.М. Социально-педагогический аспект профориентации / А.М. Миралиев. - Душанбе, 2003.
3. Основы теории и практики профориентации. - Ленинград, 1991.

4. Сейтешев А.П. Пути профессионального становления учащихся молодёжи / А.П. Сейтешев. - М.: Высшая школа, 1988.
5. Чистякова С.Н. Основы профессиональной ориентации школьников / С.Н. Чистякова. - М.: Просвешение, 1989.

**МЕТОДИЧЕСКАЯ РАБОТА КАБИНЕТА С ПЕДАГОГИЧЕСКИМ КОЛЛЕКТИВОМ ШКОЛЫ, ЦЕНТРОМ ОБУЧЕНИЯ ПО ПРОФОРИЕНТАЦИИ И РОДИТЕЛЕЙ О ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОРИЕНТАЦИИ ШКОЛЬНИКОВ**

В данной статье, анализируется проблема организации и проведение методических работ в школе как одна из основных задач кабинета по профессиональной ориентации школьников.

Автор, анализируя данную тему подчеркивает, что методическая работа кабинета по профориентации в основном заключается в оказании организационно-методической помощи педагогическому коллективу школы и непосредственной работы со школьниками и их родителями.

**Ключевые слова:** методическая работа, организация, профориентация, созидание, профориентационный центр, направление, учебные центры, восстановление, развитие, социальные проблемы, воспитательное значение.

**METHODICAL WORK OF THE CABINET WITH THE TEACHING STAFF OF THE SCHOOL, TRAINING CENTER FOR CAREER GUIDANCE AND PARENTS ABOUT THE PROFESSIONAL ORIENTATION OF PUPILS**

In this article, the author analyzes the organization and conduct of methodological work at school as one of the main tasks of the Cabinet on professional orientation of pupils.

The author, analyzing the subject emphasizes that the methodological work of the Cabinet of career guidance primarily lies in providing organizational and methodological assistance to pedagogical staff of schools and direct work with students and their parents.

**Key words:** methodical activity, organization, career guidance, creation, career guidance center, direction, training centers, reconstruction, development, social problems, educational value.

**Сведения об авторе:** ***И. Кодиров*** **–** соискатель Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава

# ТАЪСИРИ ОМӮЗИШИ РОҲБУРДҲОИ ЁДГИРИИ МУТОЛИАИ ФАРОШИНОХТӢ БАР АНГЕЗИШ ВА ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛИИ ДОНИШОМӮЗОН

***Хотира Фарзӣ Фарҳод***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳадаф аз ин пажӯҳиш баррасии таъсири омӯзиши роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиаи фарошинохтӣ бар ангезиши пешрафти таҳсилии донишомӯзон мебошад. Дар назарияҳои ҷадиди равоншиносии ҳуш, бовари аксарият бар он аст, ки бахши муҳиме аз рафтори ҳушмандонаро коркардҳои шинохтӣ ташкил медиҳанд. Аҳамияти рӯйкардҳои ҷадид он аст, ки бар хилофи тавоноиҳои зотии фард, ки ирсӣ ва ғайриқобили тағйиранд, коркардҳои шинохтӣ, иктисобӣ ва тағйирпазиранд. Бинобар ин эъмоли ҳушмандона қобили омӯзиш ва ёдгирӣ ҳастанд. Дар хилоли даҳаҳои гузашта макотиби мухталифи равоншиносӣ дар ҳиттаи ёдгирӣ бо тамаркуз бар тафовутҳои фардӣ, бо ироаи назария ба тадвини усулӣ пардохтаанд ва бар асоси он равишҳоро тарроҳӣ ва пешниҳод кардаанд.

Дар назарияи хабарпардозӣ, ёдгирӣ ба унвони фароянди дарёфти муҳаррикҳои муҳитӣ ба василаи гирандаҳои ҳиссӣ, гузари ин муҳаррикҳо аз ҳофизаи ҳиссӣ ва ҳофизаи кӯтоҳмуддат, ба рамз даровардан ва маънидор шудан ва ниҳоятан, қарор гирифтан дар ҳофизаи дарозмуддат таъриф шудааст. Ҳар тадбире, ки ба ин фароянд суҳулат бахшад, ба пардозиши иттилоот ё хабар ба ёдгирӣ ва ёдоварӣ кумак мекунад. Тадобире, ки ба ин манзур ва тавассути равоншиносон ва соҳибназарони равоншиносии хабарпардозӣ кашф ва ибдоъ шудааст, бо номи маҳоратҳои ёдгирӣ ва мутолиа, ё ба истилоҳи фаннитар, роҳбурдҳои шинохтӣ ва фарошинохтӣ номгузорӣ шудаанд. Роҳбурдҳои шинохтӣ иборатанд аз техникаҳое, ки ба донишомӯзон ёд дода

мешаванд, то зимни назорат бар ҷараёни ёдгирӣ, фарояндҳои зеҳнии худро дар тафаккур, ёдгирӣ ва ёдоварӣ ҳидоят кунанд. Роҳбурдҳои фарошинохтӣ ба маҷмӯаи роҳбурдҳои барномарезӣ, назорат ва низомдиҳӣ гуфта мешавад. На танҳо маҳоратҳои ёдгирӣ ва мутолиа дар ёдгирӣ ва пешрафти таҳсилӣ бисёр муассир аст, балки ин маҳоратҳо аз сӯйи муаллимон ва донишомӯзон қобили омӯзиш ва ёдгирианд.

Шиносоии мафҳуми ангезиш ва огоҳӣ аз ангезаҳои мухталиф ва таъсири онҳо бар фароянди ёдгирии донишомӯзон ба муаллим кумак мекунад, то дар тарҳ ва иҷрои барномаҳои омӯзишии худ равишҳои беҳтареро ба кор бандад. Истилоҳи ангезишро метавон ба унвони омили нерудиҳанда, ҳидояткунада ва нигоҳдорандаи рафтор таъриф кард. Ангезиш аз муҳимтарин аносири ёдгирӣ дар ҳар навъ муҳити омӯзишӣ аст, ки ҳиттаи васееро дар омӯзиш ва парвариш дар бар гирифтааст. Ба таври куллӣ, ангезиши сатҳи энергия ва фаъолияти афродро афзоиш медиҳад, онҳоро ба тарафи аҳдофи хосе ҷиҳат дода, фаъолиятҳои вижаеро муҷиб мешавад. Ангезиш монанди омодагии зеҳнӣ ё рафторҳои вурудӣ як пешниёзи ёдгирӣ ба ҳисоб меоянд ва таъсири он бар ёдгирии комилан ошкор аст. Яке аз созаҳое, ки равоншиносон барои табйини пешрафти афрод аз он истифода намудаанд, ангезиши пешрафт аст. Гиҷ ва Барлонер ангеза ва пешрафтро ба сурати як майл ё алоқа ба муваффақият дар як заминаи фаъолияти хос таъриф кардаанд. Тибқи пажӯҳишҳои анҷомшуда, афроди дорои ангезаи пешрафти зиёд дар анҷоми корҳо ва аз ҷумлаи ёдгирӣ бар афроде, ки аз ин ангеза бебаҳраанд, пешӣ мегиранд.

Сайф (1380) дар ин бора хотирнишон кардааст, ки аз тариқи тадриси муассир, ба рағми вуҷуди ангезиш дар ҳар сурат, мизоне аз ангезиш барои донишомӯз ҳосил хоҳад шуд ва ӯ ба эҳтимоли зиёд аз ҳамин ризомандии аввалияи ёдгирӣ, ангезиши бештаре барои ёдгирӣ касб хоҳад кард.

Ёдгирӣ ва супурдани омӯхта ба зеҳн аз ҷумлаи масоилест, ки пайваста барои донишпажӯҳон ва донишомӯзон матраҳ буда, то кунун равишҳо ва роҳҳои мухталифе барои беҳтар ёд гирифтан ва хуб омӯхтан аз сӯйи соҳибназарон баён шудааст. Таҷриба нишон додааст, ки бисёре аз донишомӯзон соатҳо мутолиа мекунанд, аммо натиҷае ки мегиранд, ризоиятбахш нест ва дарсади омӯхтаҳо поён аст. Ин афрод ба иллати бехирадӣ аз равишҳои дурусти ёдгирӣ ва мутолиа, кӯшиши зиёдеро барои ёдгирӣ анҷом медиҳанд ва вақту энергияи зиёдро талаф мекунанд, вале ба натиҷаи матлуб даст намеёбанд, дар сурате ки онон метавонанд бо истифода аз роҳбурдҳои саҳеҳи ёдгирӣ ва мутолиа, матолибро беҳтар ва роҳаттар ёд гиранд ва дар имтиҳонот муваффақ бошанд.

Аз назари Алабом ва ҳамкорон (1993) истилоҳи роҳбурдҳои ёдгирӣ ба анвои зиёде аз аъмоли иродӣ ва огоҳона итлоқ мегардад, ки ба василаи фарогирон барои дастёбӣ ба аҳдофи ёдгирӣ иттихоз мешавад. Ин роҳбурдҳо доманае аз фаъолиятҳои куллӣ, аз қабили мурури зеҳнии иттилоот ё интиқоли иттилооти ҷадид ба дониши захирашудаи мавҷударо дар бар мегирад. Миллер (2002) фарошинохтро (Metacognition) «шинохт дар бораи шинохт» ё «дониш дар бораи донистан» муаррифӣ мекунад. Бинобар ин, фарошинохт иборат аст аз дониши фард дар бораи чигунагии ёдгирии худаш. Фарошинохт калидест барои тавоноии шинохтӣ, ки ба афрод иҷоза медиҳад, то афкорашонро назорат ва бозсозӣ кунанд ва он нақши асосӣ дар ёдгирӣ ифо мекунад.

Баён мекунанд, ки афроди муваффақ касоне ҳастанд, ки хуб барномарезӣ мекунанд, аҳдофи вижаро ташхис медиҳанд ва муаррифӣ менамоянд ва роҳбурдҳоро тарҳрезӣ мекунанд. Муҳимтарин дониши фарошинохтӣ ин аст, ки ёдгирандаро қодир месозад, то лаҳза ба лаҳза аз фаъолияти ёдгирии худ ва чигунагии пешрафти кораш огоҳ бошад ва ҳам нуқоти қувват ва ҳам нуқоти заифи худашро ташхис диҳад.

Муаллимон аз тариқи омӯзиши дақиқи донишомӯзон, метавонанд ононро ба сӯйи тафаккури ҳадафманд савқ диҳанд. Пажӯҳишҳо нишон додаанд, ки омӯзиши дақиқи роҳбурдҳои фарошинохтӣ ба донишомӯзони клос муҷиби беҳбуди сатҳи

дониш ва амалкарди онон шудааст. Бо ин ҳол, зикри ин нукта низ ҷолиб аст, ки бисёре аз муаллимон аз маҳоратҳои фарошинохтии худ истифода намекунанд ва ин амр муҷиб мешавад, то дар омӯзиши ин маҳоратҳо ба донишомӯзони худ дучори мушкилӣ шаванд.

Пажӯҳишҳои гуногуне дар бораи чигунагии таъсири истифода аз роҳбурдҳои фарошинохтӣ анҷом гирифта ва умуман нишон додаанд, ки ёдгирандагоне, ки аз роҳбурдҳои дуруст ва мутаносиб бо таколифи ёдгирӣ истифода мекунанд, дар фаъолиятҳои ёдгирии худ ба пешрафти бештаре даст меёбанд. Гарнер матраҳ кардааст, ки пажӯҳишҳои мавҷуд ба рӯшанӣ нишон медиҳанд, ки рафтори роҳбурдӣ ё стратегӣ ёдгириро афзоиш медиҳад. Ҳамчунин, рӯшан шудааст, ки ёдгирандагони моҳир медонанд, ки чӣ замоне бояд стратегӣ амал кунанд. Воинстон ва Ҳовм (1998) низ теъдоде пажӯҳишҳоро бо ин натоиҷ зикр кардаанд, ки муаллимон метавонанд аз роҳи омӯзиши маҳоратҳои ёдгирӣ ва мутолиа, ба донишомӯзони худ кумак кунанд, то ёдгирандагони муваффақтаре бошанд ва дар сарнавишти таҳсилии худ нақши фаъолтаре ифо намоянд.

Фловел (1988) нишон дод, ки донишомӯзони заиф ағлаб бетаваҷҷуҳ ба стратегияҳои ёдоварӣ ҳастанд, дар фаъолиятҳои фарошинохтӣ даргир намешаванд ва эҳсоси ниёз ба даргирӣ дар ин замина намекунанд. Этер ва ҳамкорон (1997) дар мутолиае рӯйи донишомӯзони дабиристонӣ ба ин натиҷа расиданд, ки байни назорати фарошинохтӣ бар дарки матолиб бо муодили кул, ҳамбастагии мусбати маънодор вуҷуд дорад. Дар ин мутолиа низ, робита байни ҷинсият ва назорати фарошинохтӣ мушоҳида нашуд.

Дигарт (2001) дар мутолиае рӯйи донишомӯзон ба ин натиҷа расид, ки фарошинохт бо амалкарди донишомӯзон ҳамбастагии мусбат дорад, дар ҳоле ки изтироби имтиҳон бо он ҳамбастагии манфӣ дорад. Ҳамчунин, донишомӯзони муваффақтар нисбат ба донишомӯзони заифтар ба мизони бештаре аз роҳбурдҳои фарошинохтӣ истифода мекарданд. Дар ин мутолиа тафовуте байни фарошинохти духтарон ва писарон дар амалкарди таҳсилӣ дида нашудааст.

Ҷералд (2001) дар баррасии пажӯҳишҳои суратгирифта дар Амрико дар заминаи таъсири роҳбурдҳои фарошинохтӣ дар пешрафти таҳсилӣ чунин гузориш кардааст, ки дар миёни ҳавзаҳои пажӯҳишӣ баррасии таъсири роҳбурдҳо бештарин саҳмро ба худ ихтисос додаанд. Бар асоси ин пажӯҳишҳо хонандагони мусалаттар анвои бештаре аз роҳбурдҳои фарошинохтиро мавриди истифода қарор медиҳанд ва дар ин замина пуштикори бештаре нишон медоданд ва маъмулан аз назари пешрафти таҳсилӣ дар сатҳи болотаре қарор доштанд.

Рив (1998) дар мутолиае бар рӯйи маҳоратҳои фарошинохтӣ нишон дод, ки таъкиди бештар бар фароянди ёдгирӣ бар натоиҷ муҷиби рушди маҳоратҳо дар афрод мегардад, ба навҳе ки онон метавонанд аз уҳдаи таколифи ҷадид ва масоили душвор бароянд. Ин мутолиа нишон дод, ки дониш ва маҳоратҳои фарошинохтӣ нақши муҳиме дар фарояндҳои шинохтӣ ва ёдгирии дарозмуддат дорад.

Ҳайдарӣ (1380) дар пажӯҳиши дигар нишон дод, ки иҷрои дониши фарошинохтӣ бо пешрафти таҳсилӣ робитаи мусбат дошта, иттилооти донишомӯзон аз маҳоратҳои фарошинохтӣ ва бакоргирии онҳо дар фароянди омӯзиш ва ёдгирӣ, амалкарди таҳсилии онҳоро беҳбуд мебахшад. Ҳамчунин, ин пажӯҳиш мутағайири дониши шахсӣ дар бораи худро дар пешрафти таҳсилӣ бештар саҳим дониста, нишон медиҳад, ки 56% вориёнси пешрафти таҳсилӣ ба василаи ин мутағайир пешбинӣ мешавад. Каримӣ дар пажӯҳиши худ ба натиҷаҳои зерин расид:

- донишомӯзони қавӣ бештар аз донишомӯзони заиф аз роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа истифода мекунанд;

- бо истифода аз нумароти роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа, метавон пешрафти таҳсилиро пешбинӣ кард ва дар ин маврид дониш ва назорати худ бештарин тавоноиро дар пешрафти таҳсилӣ дорад.

Дар таҳқиқе, ки тавассути Чу (1997) бар рӯйи 2063 донишомӯзи мақтаи роҳнамоӣ ва дабиристон анҷом шудааст, натоиҷ нишон дод, ки байни ангезаи

пешрафт ва муваффақияти таҳсилӣ робитаи маънодор вуҷуд дорад. Дар Эрон низ, Хуррамӣ (1379) дар таҳқиқе, ки бар рӯйи 205 нафар аз донишомӯзони соли сеюми дабиристони риёзӣ-физикӣ анҷом дода буд, ба ин натиҷа расида буд, ки миёни мутағайирҳои ангезаи пешрафт ва ҳушу иззати нафс, ангезиши пешрафт беҳтарин пешбиникунандаи пешрафти таҳсилии донишомӯзони духтар ва писар аст. Ризоӣ дар баррасии робита байни ҳофизаи фаъол, ангезиши пешрафти таҳсилӣ дар донишомӯзони соли сеюми мутавассита ба ин натоиҷ даст ёфт, ки байни ҳофизаи фаъол ва ангезиши пешрафт инчунин ангезиши пешрафт ва пешрафти таҳсилӣ робитаи маънодор вуҷуд дорад. Бинобар ин, пажӯҳишҳои анҷомшуда дар ин робита нишон доданд, ки афроди дорои ангезаи пешрафти зиёд дар анҷоми корҳо, аз ҷумла ёдгирӣ, бар афроде, ки аз ин ангеза бебаҳраанд, пешӣ мегиранд.

Бинобар ин, фарзияҳои пажӯҳиш иборатанд аз:

1. Омӯзиши роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа (фарошинохтӣ) бар ангезиши пешрафти донишомӯзони духтари давраи мутавассита таъсири мусбат дорад.
2. Омӯзиши роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа (фарошинохтӣ) бар пешрафти таҳсилии донишомӯзони духтари давраи мутавассита таъсири мусбат дорад.

Равиши пажӯҳиш. Пажӯҳиши ҳозир бо таваҷҷуҳ ба ҳадаф ва фарзияҳои он як пажӯҳиши озмоишӣ аст. Дар ин пажӯҳиш аз тарҳи пешозмун ва пасозмун бо гурӯҳи гувоҳ ва озмоишӣ истифода шудааст. Ҷомеаи омории ин пажӯҳишро кулли донишомӯзони духтари дабиристони шаҳри Теҳрон, ки дар соли таҳсили 2007-2008-78 машғул ба таҳсил буданд, ташкил медиҳад. Ҳаҷми намуна дар ин пажӯҳиш 56 нафар аз донишомӯзони духтари пояи аввали давраи мутавассита буданд. Аз равиши намунагирии хушаӣ чанд марҳилае барои интихоби намуна истифода шуд, ба ин сурат ки тасодуфи сода ба назорат ва озмоиш тақсим шуданд, дар шароити яксон ва табиӣ ва ҳамзамон пешозмуни марбут ба пурсишномаи роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа ва пурсишномаи ангезиши пешрафт аз ҳарду гурӯҳ ба амал омад ва ба манзури баррасии вазъияти таҳсилии донишомӯзон нумароти дарсии озмуданиҳо аз дафтари имтиҳоноти дабиристон истихроҷ шуд ва миёнгини дарсии ҳар донишомӯз дар нимсолаи аввал ба ҳамроҳи натоиҷи пурсишномаҳо иҷро шуда, сабт ва нигоҳдорӣ шуд. Пас аз иҷрои пешозмун давраи омӯзиши мавриди назар барои гурӯҳи озмоиш шурӯъ шуд.

Баррасии натоиҷи мавҷуд нишон дод, ки вазъияти ҳарду гурӯҳ дар марҳилаи пешозмун тақрибан яксон аст ва дар миёнгини муаддили дарсии нимсолаи аввал ва ангезиши пешрафт ва мизони ошноии донишомӯзон бо роҳбурдҳои фарошинохтӣ тафовути маънодор мушоҳида намешавад.

Дар ин баррасӣ фарзияи аввал мубтанӣ бар ин ки омӯзиши роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа (фарошинохтӣ) бар ангезиши шароити донишомӯзони духтари давраи мутавассита таъсири мусбат дорад, мавриди тайид қарор гирифтааст ва бо натоиҷи пажӯҳишҳои анҷомшуда тавассути Маккленд ва ҳамкорон (1953), ки нишон медиҳанд, ки гурӯҳи дорои ангезаи пешрафти зиёд дар амалкардҳои худ аз гурӯҳи дорои ангезаи пешрафти кам пешӣ гирифта ва пеш афтодаанд. Аткенсон Рейнор дарёфтанд, ки ёдгирандагони бархурдор аз ангезиши пешрафти боло, дар озмунҳо ва имтиҳонот амалкарди беҳтар доранд.

Фарзияи дувуми пажӯҳиш мубтанӣ бар ин ки омӯзиши роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа (фарошинохтӣ) бар пешрафти таҳсилии донишомӯзони духтари давраи мутавассита таъсири мусбат дорад, низ мавриди тайид қарор гирифтааст ва бо натоиҷи пажӯҳишҳои анҷомшуда тавассути Гарнер (1990), ки матраҳ кардааст, ки рафтори роҳбурдӣ ё стратегӣ ёдгириро афзоиш медиҳад, ҳамсӯ аст. Фловел (1988) нишон дод, ки донишомӯзони заиф ағлаб дар фаъолиятҳои фарошинохтӣ даргир намешаванд.

Тафовутҳои асосӣ байни пажӯҳиши ҳозир ва пажӯҳишҳои баррасишуда дар ин аст, ки мутағайирҳои мавриди назар дар соир пажӯҳишҳо ду ба ду баррасӣ шудаанд, аммо дар пажӯҳиши ҳозир ҳар се ин мутағайирҳо якҷо мавриди баррасӣ қарор

гирифтаанд ва илова бар ин, дар бархе пажӯҳишҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, вале дар ин таҳқиқ ба он пардохта нашудааст.

Ёфтаҳои ҳосил нишон доданд, ки модели терми дувуми (пешозмун) гурӯҳи озмоиш бо гурӯҳи дувум ва гурӯҳи назорат дорои ихтилофи маънодор аст ва донишомӯзон дар гурӯҳи озмоиш дорои муаддили бештаре ҳастанд. Ҳамчунин, миёнгини роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа (фарошинохтӣ) дар пасозмун дар гурӯҳи озмоиши бештар аз гурӯҳи назорат аст ва миёнгини ангезиши пешрафт (пасозмун) дар гурӯҳи озмоиш бештар аз гурӯҳи назорат аст ва ихтилофи миёнгинҳои ду гурӯҳ дар пасозмун баёнкунандаи таъсиргузории омӯзишҳост, яъне робитаи маънодор байни омӯзиши роҳбурдҳои фарошинохтӣ ва ангезиши пешрафт ва ҳамчунин робитаи маънодор байни роҳбурдҳои фарошинохтӣ ва пешрафти таҳсилӣ тайид мешавад. Аксар донишомӯзони мо қодир ба тафаккур дар бораи тафаккури худ ва фароядҳои муҳимми асаргузор бар ёдгирии худ ҳастанд.

Аксар бардошти зимнӣ аз пажӯҳишҳои анҷомшуда ин аст, ки «анҷом додан» ва «бояд анҷом додан» яке нестанд. Донишомӯзоне, ки бояд битавонанд худро даргири фарошинохт кунанд, маъмулан ин корро анҷом намедиҳанд. Бинобар ин, ин масъаларо бояд мавриди баррасӣ қарор дод, ки муаллимон чӣ гуна метавонанд фаъолиятҳои фарошинохтии донишомӯзони худро мавриди ташвиқу тарғиб қарор диҳанд. Алорағми ин воқеият, ки мавзӯи аслии тафаккури донишомӯзон дар бораи тафаккури худашон аст, пажӯҳишҳое вуҷуд доранд, ки қавиян аз нақши муаллим дар фарошинохти донишомӯзон пешбинӣ мекунанд, ки дар пажӯҳишҳои ҳозир ва пажӯҳишҳои баррасишуда дар пешина нақши муаллим дар ин замина дақиқ ва мушаххас баррасӣ нашудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки на танҳо маҳоратҳои ёдгирӣ ва мутолиа (роҳбурдҳои шинохтӣ ва фарошинохтӣ) дар ёдгирӣ ва пешрафти таҳсилӣ бисёр муассир аст, балки ин маҳоратҳо аз сӯйи муаллимон ва донишомӯзон қобили омӯзиш ва ёдгирӣ ҳастанд, зарурати омӯзиши маҳоратҳои ёдгирӣ ва мутолиа (шинохтӣ ва фарошинохтӣ) эҳсос мешавад, то донишомӯзон ҳарчи бештар нисбат ба он чи барои як ёдгири фаъол лозим аст, огоҳӣ ёфта, дар амал битавонанд бар фароянди ёдгирӣ назорат дошта бошанд ва бо дарёфти тақвияти дарунӣ дар ин замина ангезиши лозимро барои идомаи ёдгирӣ ба даст оварда ва мавқеияти таҳсилии болотар касб намоянд.

Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба навҳаи ёдгирӣ ва мутолиаи донишомӯзон ва ислоҳи бамавқеи он аз тарафи муаллим ва ҳамчунин таваҷҷуҳ ба авомили мухталифи муассир дар ёдгирӣ, ки яке аз онҳо ангезиши пешрафт аст, метавонад дар баҳрамандии донишомӯзон аз мавқеиятҳои ёдгирӣ ва таҳсилӣ бисёр муассир ва муфид воқеъ гардад.

## АДАБИЁТ


1. Парвиз К. Баррасии робитаи роҳбурдҳои шинохтӣ ва фарошинохтӣ бо мизони мавқеияти таҳсилии донишомӯзони шаҳрӣ ва рустоии мақтаи мутавассит / Парвиз К. – Теҳрон: Донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ, 1384.
2. Ризоӣ Ҷ. Баррасии робита байни ҳофизаи фаъол, ангезиш ва пешрафти таҳсилӣ дар донишомӯзони соли сеюми мақтаи мутавасситаи шаҳристони Сари Пули Заҳоб дар соли таҳсили 1384-85: поённомаи коршиносии аршад / Ризоӣ Ҷ. – Теҳрон, 1385.
3. Сайф А. Равоншиносии парваришӣ / Сайф А. – Теҳрон: Огоҳ, 1380.
4. Сайф А. Равоншиносии парваришии навин / Сайф А. – Теҳрон: Даврон, 1386.
5. Сайф А. Равоншиносии ёдгирӣ ва мутолиа / Сайф А. – Теҳрон: Даврон, 1383.
6. Фариди Яздӣ. Баррасии таъсири омӯзиши роҳбурдҳои ёдгирӣ (шинохтӣ ва фарошинохтӣ) бар пешрафти таҳсилӣ: поённомаи коршиносии аршад / Фариди Яздӣ. – Теҳрон, 1384.
7. Каримӣ А. Тадвини абзори санҷиши роҳбурдҳои ёдгирӣ ва мутолиа ва таъйини робитаи ин роҳбурд бо пешрафти таҳсилӣ: рисолаи докторӣ / Каримӣ А. – Теҳрон: Донишкадаи равоншиносӣ ва улуми тарбиятии Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 1381.
8. Brian Wiley, C. Dominik Guss. Meta cognition of problem - solving strategies in Brazil, India, and the United States / Brian Wiley, C. Dominick Gus // Journal of cognition and culture 7. – 2007.
9. Elainepayn & Lesley Whittaker. Developing Essential study skills. – 2000.
10. Flavell, J. H. Cognitive development. Englewood cliffs. N.J. Prentice - hall. – 1988.
11. Lorna, K.S. Relationship of motivation, strategic learning and reading achievement in grades 5, 7 and 9 / Lorna, K.S. // Journal of Experimental Educational, 1992. 62 (3), 319-339.

12. Pintrich, P.R. Motivational self-regulated Learning components of classroom academic performance / P.R. Pintrich and Peg Root, E.V. // Journal of Educational psychology 82 (1), 75, 82. – 1990.

**ВЛИЯНИЕ МЕТАКОГНИТИВНЫХ НАВЫКОВ НА МОТИВАЦИЮ И УСПЕВАЕМОСТЬ УЧАЩИХСЯ**

В данной статье автором осуществлена попытка изучения влияния метакогнитивных навыков на преодоление неуспеваемости и отставания детей младшего -школьного возраста в процессе обучения на примере школ Исламской Республики Иран, Автором также проведен анализ существующих проблем и необходимость выявления таких методов педагогического воздействия, с помощью которых педагоги могли бы решать имеющиеся проблемы. Очень важно выявить причины отставания в учебе учащихся, постараться уделить дополнительное внимание, предупредить недостатки и по возможности своевременно их устранить.

**Ключевые слова:** анализ существующих проблем, анализ причин, применение метакогнитивных навыков, образовательный процесс, научно-методические разработки, метакогнитивный подход в практической деятельности.

**INFLUENCE METACOGNITIVE SKILLS ON THE MOTIVATION AND STUDENT ACHIEVEMENT**

In this article, the author made an attempt to study the effect of metacognitive skills to overcome failure and lag -shkolnogo younger children in the learning process by the example of schools of the Islamic Republic of Iran, the author also analyzes the existing problems and the need to identify the impact of such teaching methods by which teachers could to solve the existing problems. It is important to identify the causes of the backlog in school students try to pay extra attention to prevent deficiencies and possibly eliminate them in a timely manner.

**Keywords:** analysis of existing problems, analyze the causes, the use of metacognitive skills, the educational process, scientific-methodical, metacognitive approach in practice.

**Сведения об авторе:** ***Хотира Фарзи Фарход*** **–** аспирантка Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО»-И УБАЙДИ ЗОКОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***З.А. Ниёзова***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Мероси пурғановати Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мақоми хеле баланд дорад. Аксари адабиётшиносон ӯро ба сифати бузургтарин суханвари ҳаҷвнигор муаррифӣ кардаанд ва осори ӯ имрӯз низ дар тарбияи маънавии насли наврас аҳамияти фавқулода дорад. Бино ба таъкиди муҳаққиқон, «яке аз масъалаи муҳиме, ки дар таълими адабиёт дар мактаби миёна ва ҳамчунин дар факултаҳои суханшиносии донишкадаву донишгоҳҳо барои устодон пеш меояд, донистани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи бадеъ, алалхусус шеър аст. Агар муаллими адабиёт аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ набошад, наметавонад шогирдонашро ба дарки сухани адиб ҳидоят намояд ва дарсаш низ самараи хуб дода наметавонад» [7,67]. Дар ин навишта саъй намудем, то шеваи таълими «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зокониро бо мисолҳо ва ба забони сода пешкаши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гардонем.

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» (соли нашр 2007) дар синфи VII 2-соат ва дар синфи IX 3-соат барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Убайди Зоконӣ ҷудо шудааст. Аммо дар барномаи наве, ки Ш.Р. Исрофилниё пешниҳод намудааст, барои таълими рӯзгор ва осори Убайди Зоконӣ танҳо дар синфи IX 14-соат ихтисос дода шудааст.

Воқеан, осори ин шоири бузурги ҳаҷвнигор сазовор аст, ки барои таълими онҳо соати бештаре ҷудо бишавад.

Донишмандон баъд аз таҳқиқи рӯзгор ва осори суханвар муайян кардаанд, ки Мавлоно Низомуддини Убайди Зоконӣ яке аз суханварони мумтози адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва аз бузургтарин латифапардозону нақкодони чирадасти адабиёти оламшумули мост. Ӯ дар деҳаи Зокони қаламрави Қазвини Эрон таваллуд ёфтааст. Замони зиндагии шоири ҳаҷвнигор ба давраи қатлу ғорати истилои муғул рост меояд, ки аз тиратарин даврони таърихи мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон аст.

Осори бадеии Убайди Зоконӣ хеле бой ва басо рангин буда, навъу шаклҳои бешумори адабиро дар бар мегирад, ки ин ҳолат дар таърихи адабиёти форсу тоҷик кам ба назар мерасад. Убайди Зоконӣ ҳам шоири тавоно ва ҳам нависандаи беҳамтост. Ӯ чун шоир қасида, ғазал қитъа, рубоӣ ва маснавиҳои «Ушшоқнома», «Меҳмонӣ кардани сангтарош Худовандро аз садоқат», «Мушу гурба» ва ба ҳайси нависанда рисолаҳои беназири «Ахлоқ-ул-ашроф», «Рисолаи дилкушо», «Сад панд», «Ришнома», «Фолномаи буруҷ», «Фолномаи вуҳуш ва туюр», «Наводир-ул-амсол», «Мактубoти қаландарон», «Ахлоқ-ул-амсол», «Мақомот» ва «Даҳ фасл»- ро таълиф намудааст. Адабиётшиносон муайян кардаанд, ки ҳунари суханварии Убайди Зоконӣ, пеш аз ҳама, дар ҳаҷву мутоиба зоҳир гаштааст. Шоир, агар дар шеър аз қолабҳои маъмули назми классикии форсу тоҷик берун нарафта бошад, пас дар наср, алалхусус дар рисолаҳои мансури ҳаҷвӣ тозакориҳои зиёд дошта, сабки нав ва шеваи баёни тозаро пеш гирифтааст [3,123]. Омӯзгор бояд ҳангоми таълими рӯзгор ва осори Убайди Зоконӣ ин нукта, яъне, «бузургтарин латифапардозону наққодони чирадаст» будани суханварро бо далелҳо собит кунанд. Ҳамчунин, бо истифода аз осори шоир замони зиндагии ӯро барои хонандагон равшан созад.

Дар миёни асарҳои Убайди Зоконӣ «Рисолаи дилкушо» мақоми махсус дорад. Ин асар мансур буда, бо ду забон - форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ таълиф шудааст. Рисола аз ҳикояҳои хурд-хурд сурат гирифта, латифаҳои халқиро ба ёд меорад. «Рисолаи дилкушо» маҷмӯи ҳикояҳо мебошад, ки аз чор се ҳиссаи онро ҳикояҳои форсӣ - тоҷикӣ ва як ҳиссаи онро ҳикояҳои арабӣ ишғол менамояд ва саҳначаҳои хурд-хурди фоҷиаангезу интиқодии замони муаллифро фаро гирифтааст. Зимни саволу ҷавоб ва гуфтугузори қаҳрамонон Убайди Зоконӣ тамоми нобаробариҳои воқеии рӯзгори хешро ошкор месозад. Масалан, дар ҳикояти зерин рӯзгори нобасомон ва пур аз фақру фоқаи аҳли заҳмати замони шоир инъикос шудааст:

**Ҳикоят**: *Ҷанозаеро ба роҳе мебурданд. Дарвеше*[1] *бо писар ба сари роҳ истода буданд. Писар аз падар пурсид:*

*-Бобо, дар ин ҷо чист?*

*Гуфт:*

*-Одамӣ.*

*Гуфт:*

*-Куҷояш мебаранд?*[2]

*Гуфт:*

*- Ба ҷое, ки на хӯрданӣ бошаду на пӯшиданӣ, на нону на ҳезум, на оташу на зару на сим*[3]*, на бӯрё*[4]*, на гилем.*

*Гуфт:*

*- Бобо, магар ба хонаи мо мебаранд?* [5,39]

Омӯзгор бояд ҳамроҳи хонандагон ҳикоятро баррасӣ кунанд. Хуб мебуд, ки яке аз талабагон ҳикоятро бо овози баланд қироат мекард ва дигарон гӯш мекарданд. Бояд аввал калимаҳои душворфаҳм шарҳ дода шаванд. Калимоти душвор аз ҷониби омӯзгор шарҳ дода мешаванд. Хонандагон бо калимаи «ҷаноза» ошноянд ва онро мефаҳманд, вале вожаи «дарвеш» ниёз ба шарҳ дорад. Мафҳуми дарвеш дар ин ҳикоят ба маънии шахси камбағал, нодор ба кор рафтааст. «Бобо» ин ҷо ба маънии падар ба кор рафта, ки имрӯз ҳам дар баъзе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба шакли «бова» ба кор меравад. Калимаҳои «зар», «сим» ва «бурё» низ бояд аз ҷониби муаллим шарҳ дода шаванд.

Чуноне ки мебинем, дар ин ҳикоят Убайди Зоконӣ бо зарофату ришхандҳои сабук тарзи зиндагии фақиронаву нодори ҳамзамононашро баён намуда, аз номи писари дарвеше қиссаро ҷамъбаст мекунад. Аз ин ҳикоя натиҷаи бисёр муҳимми иҷтимоӣ, тарзи зиндагии нодоронаву номусоиди асримиёнагии мардумон ба назар мерасад. Убайди Зоконӣ бо чунин ҳикояҳои фошкунандаи худ тамоми нобаробариҳои замони хешро ошкор месозад. Ӯ бо суханони нешдор золимию номардумиҳои аҳли ҷоҳу сарвати замонашро зери тозиёнаи танқид мегирад. «Рисолаи дилкушо» зиракӣ, дурбинӣ ва ҳозирҷавобиву некниятии муаллифи онро

нишон медиҳад, ки ӯ ҳамеша ҷонибдору дилсӯзи аҳли меҳнат, мардумони одӣ будааст. Дар ҳикояти дигар, сӯфиёни тариқатро, ки бояд шахсони беолоиш, поку порсо ва таркидунёкарда бошанд, аммо хирқаи сӯфиёнаро барои фиреби мардум пӯшидаанд, мавриди танзу масхара қарор медиҳад:

*Ҳикоят: Сӯфиеро гуфтанд:*

*-Хирқаи хеш бифурӯш.*

*Гуфт:*

*- Агар сайёд доми худ фурӯшад, ба чӣ чиз шикор кунад? [5,33]*

Хирқа - ҷомаи пашминаест, ки сӯфиёни тариқат мепӯшанд ва он нишони порсоӣ аст. Ин ҷо нависанда аз забони сӯфӣ сирату нияти ӯро фош кардааст. Дар ибтидои пайдоиши тасаввуф касоне, ки ба ин ҷараён мегаравиданд, аз дунё даст мекашиданд ва ҳама вақт ба тоату ибодат машғул мешуданд. Хирқаи хашине доштанд, ки ҳама вақт тани онҳоро мехарошид, то аз ёди Худо фориғ набошанд. Мардум онҳоро хеле эҳтиром мекарданд. Аммо дар замони Убайди Зоконӣ, чуноне ки аз ҳикоятҳояш бармеояд, тасаввуфу сӯфигарӣ ба доми фиреби сӯфинамоён табдил ёфта буд. Яъне, сӯфиёни замони нависанда поку порсо набуданд, ҷомаи дарвеширо барои фиреби мардум мепӯшиданд. Аз ҳамин сабаб аст, ки нависанда сӯфиро ба сайёду хирқаашро ба доми сайёд монанд кардааст.

Омӯзгор бояд бо хонандагон фаҳмонад, ки сӯфиён одамони ботақвову худотарсанд, вале баъзе касоне ҳастанд, ки худро сӯфию мулло вонамуд карда, мардум, алалхусус ҷавононро ба роҳи хато мебаранд. Бояд сӯфиёни поку порсоро аз сӯфитарошону муллоҳои бесаводу фиребгар фарқ кард. Вобаста ба ин муаллим бояд моҳияти дини ислом ва хусусан, мазҳаби Имоми Аъзамро, ки инсонро ба роҳи некию накукорӣ ҳидоят мекунад, ба ҷавонон фаҳмонад. Дар ҳикояти дигар, адиб сустимонии мусулмонони замони худро фош намуда, таъкид мекунад, ки мусулмонӣ танҳо дар нишонаҳои зоҳирӣ, ҷома пӯшидану салла бастан ва ба масҷид рафтан нест:

*Ҳикоят: Рӯзе Музаббад[1] бар дари масҷиде истода буд. Муаззин[2] бонги азон бардошт, ки «ҳайя алалсалот-биштобед барои намоз» ва мардум ба анбӯҳ гирд омаданд. Пас, Музаббад гуфт:*

*- Ба Худо савганд, агар гуфтӣ: «ҳайя алалзакут-бишитобед барои додани закот[3]» аз даҳ тан як тан ҳам наёмадӣ.*

**Луғат:** *1 -номи шахс. 2- азонгӯянда. 3- закот- як ҳиссаи мол, ки дар роҳи Худо диҳанд, закот ҳам мисли намоз аз фарзҳои дини ислом аст [5,29]*

Нависанда аз номи Музаббад, ки монанди Талҳаку Ҷуҳо аз қаҳрамонони латифаҳои ӯянд, сустимонии мардуми замонашро ошкор намудааст.

Омӯзгор дар баробари шарҳи калимоти муаззин, азон, закот бояд мавқеи онҳоро дар дини ислом баён кунад, то мақсади муаллиф аз ин ҳикоя барои хонандагон равшан шавад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки ба ҳеч ваҷҳ Убайди Зоконӣ шахси бедин набуду исломро масхара накардааст, балки аз хор шудани дини ислом ва манбаи сарватҷамъкунии ин дини муқаддас аз ҷониби сӯфиёни риёию рӯҳониёни фиребгар ранҷ кашида, ба ҳимояи дини ислом баромадааст. Ба ҳамин минвол, омӯзгор метавонад ҳамроҳи хонандагон чанд латифаеро баррасӣ кунад, ки марбут ба яке аз рукнҳои дини ислом - ҳаҷ бахшида шудааст. Аз ҷумла ҳикояҳои зерин маҳз дар ҳамин масъалаанд:

*Ҳикоят: Розӣ[1] ва Гелонӣ[2] ва Қазвинӣ[3] бо ҳам ба ҳаҷ рафтанд. Қазвинӣ муфлис[4] буду Розию Гелонӣ тавонгар[5] буданд. Розӣ чун даст дар ҳалқаи Каъба зад, гуфт:*

*- Худоё, ба шукронаи он ки маро ин ҷо овардӣ, Булбулу[6] Бунафшаро[7] аз моли худ озод кардам.*

*Гелонӣ чун ҳалқа бигрифт, гуфт:*

*- Бад-ин шукрона Муборак[8] ва Сунақарро[9] озод кардам.*

*Қазвинӣ чун ҳалқа бигрифт, гуфт:*

*- Худоё, ту медонӣ, ки ман на Булбул дораму на Сунақар, на Бунафшаву на Муборак, бад-ин шукрона модари Фотимаро[10] аз худ ба се талоқ озорд кардам.*

**Луғат:** *1-аз аҳли Рай, шаҳрест дар Эрон. 2-аз аҳли Гелон, шаҳрест дар Эрон. 3-аз аҳли Қазвин, шаҳрест дар Эрон, ки мардумаш хеле шӯхтабъу сода ва зудбоваранд. 4- бе чиз, камбағал.5- бой, сарватманд. 6, 7, 8. 9, номҳои ғуломону канизон. 10- номи духтари Қазвинӣ [5,24].*

Бояд зикр кард, ки дар ин ҳикоят ба ҳеч ваҷҳ ҳаҷ, ки яке аз рукнҳои дини ислом аст, ҳаҷв нашуда, балки содагии марди қазвинӣ ва ноогоҳии ӯ аз расму русуми ҳаҷ ба танз кашида шудааст. Яъне, Розию Гелонӣ, ки сарватманд буданд, хидматгоронашонро ба шукронаи ҳаҷ карданашон озод карданд, вале Қазвинӣ, ки шахси камбағал аст, ҳеч зарурате ба озод кардани касе надошт, балки тақлид ва ноогоҳии ӯ боис шуда, ки занашро талоқ диҳад. Мувофиқи талаботи дини мубини ислом ҳаҷ ба мусулмоне фарз мегардад, ки имкони молӣ дошта бошад. Агар мусулмоне зану фарзандашро берӯзӣ гузошта, ба ҳаҷ рафта бошад, ҳаҷаш дуруст намешавад. Қазвинӣ бо ин содагиаш на ин ки аз заруроти ҳаҷ огоҳ набуданашро ошкор кард, балки ҷабри азиме ба зану фарзандҳояш раво дид, ба умеди он, ки ҳаҷаш қабул гардад. Дар ҳикояти дигар, ки низ марбут ба ҳаҷ аст, аз як сӯ, зиракии араби биёбонӣ ва аз сӯйи дигар, бепарвоии арабро ба дини ислом нишон медиҳад:

**Ҳикоят:** *Аъробиеро[1] гуфтанд: Ту пир шудаӣ ва умре табоҳ кардаӣ, тавба куну ба ҳаҷ рав.*

*Гуфт:*

*- Харҷи сафари ҳаҷ набошадам.[2]*

*Гуфтанд:*

*- Хонаатро бифурӯшу ҳазина кун.[3]*

*Гуфт:*

*- Чун боз гардам, куҷо сукунат гузинам?[4] Ва агар боз нагардаму муҷовири[5] хонаи Каъба монам, Худоям намегӯяд, эй аблаҳи нодон, аз чӣ рӯ хонаи худро бифрӯхтию дар хонаи ман манзил гузидӣ?[6]*

***Луғат:*** *1- араберо. 2- яъне,барои ҳаҷ рафтан маблағ надорам. 3- яъне, хонаатро фурӯшу харҷи роҳро пайдо кун, ҳазина кардан ба маънии ҷамъ кардан аст.4-интихоб кардан, яъне баъд аз бозгашт аз ҳаҷ дар куҷо зиндагӣ кунам.5- ҳамсоя, наздик, муқим ва бошандаи назди ибодатгоҳ ва дигар ҷойҳои муқаддас. 6- интихоб кардӣ.* [5,43]

Чуноне ки аз ҳикояи боло мушоҳида мешавад, араби биёбонӣ аз расму русуми ҳаҷ огоҳ аст ва барои ҳаҷ нарафтанаш низ сабаби бисёре овардааст. Сабаби аввал, яъне харҷи роҳ надоштан, аз лиҳози шариат дуруст аст, аммо сабабҳои дигаре, ки овардааст, хандаовар ҳастанд.

Дар ҳикояти дигар, ки низ ба ҳамин масъала бахшида шудааст, маҳдудияти андешаи арабро нисбат ба бузургии Худованд мефаҳмонад:

**Ҳикоят:** *Арабе ба ҳаҷ рафт ва пеш аз дигарон дохили хонаи Каъба шуду дар пардаи Каъба овехт ва гуфт:*

*-Бор Худоё, пеш аз он ки дигарон даррасанду[1] бар ту анбӯҳ[2] шаванд ва заҳматат афзоянд, маро биёмӯрз[3].*

***Луғат:*** *1-бирасанд, биёянд. 2-бисёр, зиёд, издиҳом. 3- яъне, гуноҳҳои маро бибахш* [5,19].

Аз тарҷумаи ҳоли Убайди Зоконӣ бармеояд, ки гузаштагони ӯ аз миллати араб будаанд, вале баъдан бо форсҳо омехта шуда, эронӣ шудаанд. Омӯзгор бояд моҳияти ҳар як ҳикояро вобаста ба баромади иҷтимоии шоир, замони зиндагии ӯ таҳлил намуда, ба хонандагон фаҳмонад.

Ҷанбаи дигаре, ки омӯзгор ҳангоми таълими «Рисолаи дилкушо» бояд диққат диҳад, ҳамоно, забони ҳикоятҳост. Муаллим бояд шогирдонро бо каломи пухтаву равон ва мухтасару нишонрас будани сабки сухани ҳикояҳои суханвар шинос кунад. Муъҷазбаёнию мухтасаргӯйӣ аз мушаххасоти ҳикоятҳои Убайди Зоконист. Баъзе ҳикоятҳо аз ду-се ҷумла иборатанд, монанди ҳикояи «Сӯфиеро гуфтанд», ки дар боло овардем. Ҳамчунин ҳикояи зерин:

**Ҳикоят:**

*Талҳакро пурсиданд, ки даюсӣ чӣ бошад?*

*Гуфт:- Ин масъаларо аз қозиён бояд пурсид [5,28].*

Ҳарчанд ки ин ҳикоя хеле кӯтоҳ аст, аммо маънои амиқе бо худ дорад. Хонанда тавассути ин ҳикоя аз чигунагии қозиёни замони шоир маълумот мегирад.

Агар муаллими адабиёт ҳангоми таълими «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ ин нуктаҳоро, ки баён кардем, ба назар бигирад, дарсаш самараи хуб дода метавонад ва хонандагон метавонанд ба ин васила аз моҳияти ҳикоятҳои суханвар огоҳ шаванд. Илова бар ин, шарҳи калимоту ибораҳои душвор захираи луғавии онҳоро бой мегардонад.

### АДАБИЁТ


1. Аббос Иқбол. Куллиёти Убайди Зоконӣ / Аббос Иқбол. - Теҳрон,1334.
2. Муҳаммад Осимӣ. Мавлоно Низомиддини Убайдуллоҳи Зоконӣ / Муҳаммад Осимӣ // Паёми навин. – 1338. -№ 9. -С.67-73.
3. Холиқ Мирзозода. Ҳаҷвнависи бузург Убайди Зоконӣ// Мулоҳизаҳо доир ба адабиёт / Холиқ Мирзозода. - Душанбе: Адиб, 1963. -С. 123-147.
4. Убайди Зоконӣ. Куллиёти Мунтахаб / Убайди Зоконӣ. - Душанбе, 1963.
5. Исрофиёниё Ш. Р. Мунтахаби «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ / Ш. Р. Исрофиёниё, М. Султонмамадова. –Душанбе, 2016.
6. Исрофилниё Ш.Р. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун / Ш.Р. Исрофилниё. //Илм ва инноватсия, 2014. -№3. -С. 67-71.


### МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ПРОИЗВЕДЕНИЯ УБАЙДА ЗОКОНИ «ТРАКТАТ РАДУЮЩИЙ СЕРДЦЕ» В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ


Статья посвящена изучению и рассмотрению методики обучения произведения Убайда Зокони, замечательного юмориста и сатирика таджикской классической литературы «Трактат радующий сердце» на уроках литературы в средних общеобразовательных заведениях. Убайд Зокони оставил после себя богатое литературное наследие, изучение которого будет очень своевременным и поучительным на уроках литературы. В данном произведении писатель подвергал острой критике нравы людей, которые нуждаются в исправлении и своими умозаключениями настаивал людей на праведный путь.



**Ключевые слова:** Убайд Зокони, методика обучения, «Трактат радующий сердце» («Рисолаи дилкушо»), стиль, нравственное воспитание подрастающего поколения, рассказ.


### METHODS OF TRAINING WORKS UBAID ZOKONI "TREATISE PLEASING HEART" IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS


The article is devoted to study and review teaching methods works Ubaidah Zokoni, wonderful humorist and satirist Tajik classical literature "Treatise pleasing heart" at literature lessons in secondary schools. Ubaid Zokoni left a rich literary heritage, the study of which would be very timely and instructive in literature classes. In this work the writer subjected to sharp criticism the manners of people who are in need of correction and its inferences urged the people to the right path.



**Keywords:** Ubaid Zokoni, teaching methodology, "Treatise pleasing heart" ( "Risolai Dilkusho"), style, moral education of the younger generation, the story.



**Сведения об авторе:** ***Ниёзова Зебо Абдуллоевна*** – аспирантка Института развития образования им. А.Джами Академии образования Таджикистана. Телефон: **917-94-64-71**


## ТАШАККУЛ ВА ТАКОМУЛИ ПЕДАГОГИКАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ИЛМИ ХОРИҶӢ


***Н.Ш. Хабибова, Д. Ашурова***

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода**


Ақидаҳои педагогии таҳаммулпазирӣ дар корҳои таҳқиқотии бисёре аз педагогҳои гузаштаю муосир мақоми хосса доранд. Масалан, аз ҷониби намояндагони тарбияи озод, аз ҷумла Ж.Ж. Руссо, М. Монитессори, Л.Н. Толстой, К.Н. Венсел чандин бор ақидаҳое иброз гардиданд, ки ба ақидаҳои таҳаммулпазирӣ хеле наздиканд. Ақидаи Ж.Ж. Руссо дар робита ба тарбия аз эътимод кардан ба рушди шахсияти кӯдак ва ба ӯ додани озодии пурра иборат аст, ки ба таври идеалӣ

ба роҳ мондани чунин тарбия дар ҷудоӣ аз ҷамъият имконпазир аст. Дар чунин усули тарбия калонсолон нақши дуюмдараҷа ва кӯдак нақши асосиро мебозад. Дар асари барномавии худ «Эмил ва ё дар бораи тарбия» Ж.Ж. Руссо яке аз вазифаҳои муҳимми тарбия, яъне тарбияи некӣ тавассути мулоҳизаҳо, ҳиссиёт ва иродаи некро муайян кардааст. Ж.Ж. Руссо усули истифодаи ҷазодиҳӣ, истифодаи методҳои дағал дар тарбияро қатъиян инкор мекунад. Назари М. Монтессори ҳам то андозае шабеҳи назари Ж.Ж. Руссо мебошад. Номбурда ҳам идеяи озодӣ дар тарбияти шахсияти кӯдакро тарғиб менамояд. Дар ин усули тарбия нақши фаъол ба мустақилияти кӯдакон мансуб дониста мешавад. Нақши калонсолон бошад, аз мушоҳида ва дахолат накардан ба рушди табиии кӯдак иборат аст: «…мураббӣ бояд тамоми қувваро ба он сафарбар намояд, ки принсипи озодии кӯдакро вайрон накунад. Дар сурати, каме ҳам бошад, маҷбур намудани кӯдак ба анҷоми ягон кор мураббӣ дигар наметавонад фаъолияти мустақилонаи кӯдакро ба низом дароварад, набояд кӯдакро маҷбур кунад, ки дарсро такрор кунад, набояд ӯро таъкид кунад, ки ӯ бояд хато накунад, ҳатман дарк кунад, зеро бо ин роҳ мураббӣ кӯдакро маҷбур менамояд, ки ӯ дарк кунад, вале бо ин тарзи тарбия мураббӣ ҳолати табиии рушди кӯдакро халалдор менамояд» [1, 3820]. Ҳамин тавр, ақидаҳои педагогии М.Монтессори аз боварӣ кардан ба кӯдак ва муносибати боназокат ба ҳолати рӯҳии кӯдакон ва таъсири эҳтиёткорона аз ҷониби педагог иборатанд.

Ақидаҳои педагогии Л.Н. Толстой ҳам аз нуқтаи назари муносибати боназокат ба рушди шахсияти кӯдак ҷолиб мебошанд. Номбурда ҷонибдори эҳтироми ҳуқуқи кӯдак буда, принсипҳои халқият, инсонгароӣ ва мардумсолориро дар тарбия ба миён гузоштааст. Аз омӯзгор даъват намудааст, ки принсипҳои мазкурро риоя намояд. Л.Н. Толстой ба сифатҳои шахсӣ ва ахлоқии педагог таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст, ки дар байни онҳо муҳаббат ба кӯдакон ва фаъолияти эҷодкоронаи педагогӣ мақоми аввалиндараҷа доранд. Л.Н. Толстой қатъиян зидди маҷбуркунӣ ва таъсиррасонии сахти тарбиявӣ буд. Дар робита ба ин чунин иброз намудааст: «Агар омӯзгор ба касби худ танҳо муҳаббат дорад, ӯ омӯзгори хуб хоҳад шуд. Агар омӯзгор танҳо ба шогирдонаш муҳаббат меварзад, ба мисли падару модар, ӯ беҳтар аз он омӯзгоре хоҳад буд, ки ҳамаи китобҳоро мутолиа кардааст, вале ба касбу шогирдони хеш муҳаббат надорад. Агар омӯзгор ҳам аз муҳаббат ба касби худ ва ҳам аз муҳаббат ба шогирдони худ бархурдор аст, ӯ омӯзгори ҳақиқӣ аст» [ 2, 95].

Барои педагогикаи таҳаммулпазирӣ ақидаҳои педагоги машҳури рус К.Н. Венсел ҳам аҳамияти муҳим доранд. Номбурда принсипи дар асоси эҳтироми шахсияти кӯдак ва ба ӯ додани озодии ҳарчи бештар дар амалҳо ва хоҳишҳои ӯ, инкишоф додани имкониятҳои эҷодии кӯдакро ба миён гузоштааст. К.Н. Венсел ҳам зидди амали маҷбурсозӣ дар тарбияи кӯдак буд. Вай дар асари асосии худ «Мактаби идеалии оянда ва роҳҳои амалисозии он» яке аз принсипҳои тарбияи таҳаммулпазириро тавассути «рушди ирода бо роҳи амалҳои озод ва эҷодкории мустақилона, зеро ирода омили ҳаёти маънавӣ аст» ба миён гузоштааст [3, 429]. К.Н. Венсел якчанд ақидаи барои илми педагогикаи ҳамонвақта навоваронаро пешниҳод кардааст, ки чунинанд: аз ҷониби кӯдак навишта шудани китоби дарсии худ, ки дар он бояд донишҳо, мавқеи фаъолонаи кӯдак, ҳамчун муҳаққиқ ва ҷӯяндаи хурди ҳақиқат ба ҳам омезиш ёфта бошанд; такмил додани таълим.

Аз нигоҳи принсипҳои таҳаммулпазирӣ дар педагогикаи амалӣ хизмати педагогикаи валдорфӣ ҳам шоёни таҳсин аст. Яке аз принсипҳои таълим ва тарбияи кӯдакон, ки дар системаи валдорфии тарбия ба миён гузошта шудаанд, хусусияти ахлоқии мураббиён мебошад, ки таҳаммулпазирӣ ном дорад ва дар вақташ онро Р. Штейнер пешниҳод кардааст ва пайравонаш онро идома додаанд. Мазкур дар ин бора фармудааст: «Сари натиҷаҳое бояд андеша кард, ки аз ин ду қоидаи зерин бармеоянд –яке содиқ мондан ба ақидаи худ ва дигаре дарки ақидаи дигарон аст. Танҳо дар натиҷаи чунин бархӯрд қобилияти одамон доир ба ҳамкорӣ дар ҷомеа ташаккул меёбад. Аммо бо ягон хел баробарии зоҳирӣ ба ин натиҷа ноил гардидан ғайриимкон аст. Хоҳиши ҳамкорӣ дар ҷомеа бояд аз умқи ботини инсон сарчашма гирад. Вақте ки хонандагон бо хоҳиши волидайн ба гурӯҳҳои мухталифи динӣ ҷудо шуда ҳамроҳ бо устодони худ ба синфхонаҳо ворид мешаванд, мо мушоҳида мекунем, ки чӣ тавр амалан принсипи таҳаммулпазирӣ рӯйи кор меояд ва ин амал чунин ақидаро дар хонандагон ташаккул медиҳад» [4, 108].

Ақидаҳои Л.С. Виготский роҷеъ ба педагогикаи таҳаммулпазирро метавон хилофи ҳамдигар ҳисоб кард, зеро мазкур аз як тараф ҷонибдори сахтгирии устод нисбати шогирдон мебошад ва омӯзишро бо «ҷанг» баробар медонад [5, 368], аз тарафи дигар, ақидаҳои инсонпарваронаеро дар робита ба таълиму тарбияи кӯдакон баён менамояд. Дар ин бора мегӯяд: «…принсипи фармонравоӣ дар тарбия бояд аз байн бардошта шавад, фармонбардорӣ бояд ба танзими озодонаи муносибатҳои иҷтимоӣ табдил дода шавад» [5, 264].

